АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Ҳисоботи таҳлилӣ, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда буд, омода карда шудааст)

**ЛОИҲАИ «СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**
**ECASTAT № TF017852**

Душанбе соли 2017

## САРСУХАН

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи таҳлилии «Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда буд, пешниҳод менамояд.

Таҳқиқоти мазкур бо дастгирии молиявии Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи Лоиҳаи “Стратегияи рушди омори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шудааст, ки сеюмин таҳқиқоти миллии қувваҳои кории аз тарафи мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда мебошад.

Фарқиятҳои асосии таҳқиқоти мазкур аз ду таҳқиқотҳои қаблан гузаронида шуда, аз он иборат аст, ки ин таҳқиқот бо назардошти тавсияҳои нави омори фаъолияти меҳнатӣ, ки дар 19-умин Конфронси байналмилалии оморчиёни меҳнат (19-КБОМ) дар моҳи октябри соли 2013 қабул карда шудааст, гузаронида шудааст. Бинобар ин, мақсади асосии гузаронидани таҳқиқоти қувваҳои кории соли 2016 (ТҚК-2016) ин гирифтани маълумотҳои оморӣ барои арзёбии:

- Шумораи шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, аз он ҷумла шумораи қувваҳои корӣ ва шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил намешаванд;
- Муайян намудани шумораи умумии бекорон ва баҳодиҳии сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо;
- Муайян намудани шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ва баҳодиҳии шуғли ғайрирасмӣ;
- Ченкунии ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ва муайянкунии самтҳои он;
- Ченкунии ҳаҷми муҳоҷирати дохилии мокувор;
- Ченкунии фаъолияти меҳнатии кӯдакон ва наврасон дар сини 12-17 сола;
- Тавсифи бозори меҳнат аз нуқтаи назари гендерӣ;
- Ченкунии меҳнати бепардохти коромӯз ва ё шахсоне, ки аз тайёрии касбӣ-техникӣ мегузаранд;
- Муайянкунии фаъолияти меҳнатии волонтерҳо;
- Ченкунии фаъолияти меҳнатӣ оид ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ барои истеъмолоти шахсӣ;

Сипосу миннатдории зиёд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо барои дастгирӣ ва мусоидат дар гузаронидани таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ҳамчунин ба ҳамаи кормандони мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки фаъолона ва гузоштани саҳми худ дар таҳқиқоти мазкур изҳор менамоем. Дар гузаронидани

таҳқиқот наздики 100 нафар мутахассисони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони Муассисаи Давлатии Маркази Кулли Ҳисоббарории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсатҳои омори вилоятҳо ва раёсатҳою, шӯъбаҳо ва бахшҳои шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.

Тамоми давраи таҳқиқот сар карда аз корҳои методологӣ то гирифтани маълумотҳои ниҳоӣ нуҳ моҳ, аз моҳи июли соли 2016 то моҳи майи соли 2017-ро дар бар гирифт.

Ҳамчунин миннатдори баён менамоем ба ҳамаи истиқоматкунандагоне, ки барои иштирок дар ин таҳқиқоти бисёр муҳим ва зарурӣ эҳтиромона розӣ шуданд, ки барои ояндаи некӯаҳволии аҳолӣ ва пешравии иқтисодиёти кишварамон равона карда шудааст.

Миннатдории калон ва алоҳида ба ҷаноби Игор Чернишев (Igor Chernyshev) – коршиноси байналмилалии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, барои расонидани кӯмаки методологӣ дар аз нав дида баромадан ва таҳияи Саволномаи таҳқиқоти интихобӣ оид ба проблемаҳои шуғл бо назардошти тавсияҳои 19-КБОМ, таҳияи алгоритмҳо, сохтани нишондиҳандаҳои нав барои муайян намудани вазъи бозори меҳнат ва навиштани ҳисоботи таҳлилӣ баён менамоем. Мусоидати техникии мазкур дар доираи марҳалаи II-юми лоиҳаи Бюрои Ташкилоти Байналмиллалии Меҳнат дар шаҳри Москва «Бартараф кардани бӯҳрон ва таъмини меҳнати арзанда ва бехатар», бо дастгирии Вазорати корҳои хориҷии Финляндия амалӣ карда шудааст.

Миннатдории зиёд ба намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ – ҷаноби Уиляму Хатчинс Сайтсу (William Hutchins Seitz) барои расонидани кӯмаки методологӣ барои сохтани интихоби хонаводаҳо, ҷаноби Грегори В. Кисунко – роҳбари лоиҳаи ECASTAT, ҳамчунин иқтисодчии Бонки Ҷаҳонӣ – ҷаноби Алишер Раҷабов барои расонидани кӯмаки саривақтӣ дар амалӣ гардонидани таҳқиқоти мазкур.

Ҳисоботи таҳлилӣ дар ҳамкории бевосита ва зичӣ Абдувалӣ Қулов- сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ, ки ҷадвалҳои барориши ва ҳисоби нишондиҳандаҳои асосиро анҷом додааст ва Фурқат Мирпочоев – барномасози асосии таҳқиқот омода карда шудааст.

**Директори Агентии омори**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К.**

# Мундариҷа


Сарсухан ....................................................................................................2
Муқаддима ....................................................................................................8
Иттилооти умумӣ ....................................................................................................12
Қисми 1. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ, ТАМОЮЛҲО ВА ФАРҚИЯТҲОИ МИНТАҚАВӢ ....................................................................................................19
1.1. Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии қувваҳои корӣ....................................................................................................19
1.2. Нишондиҳандаҳои қувваҳои корӣ дар тақсимоти минтақаҳо....................................................................................................21
1.3. Муқоиса бо Таҳқиқотҳои қувваҳои кори қаблӣ.................................................................................................... 22
1.3.1. Фарқиятҳо дар нишондиҳандаҳои қувваҳои корӣ байни аҳолии шаҳр ва деҳоти Тоҷикистон....................................................................................................23
1.3.2. Шуғл....................................................................................................25
1.3.3. Бекорӣ.................................................................................................... 28
1.3.4. Сохтори соҳавии шуғл.................................................................................................... 29
1.3.5. Сохтори касбияти шуғл....................................................................................................31
Қисми 2. АҲОЛИИ СИННИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА РАВЗАНАИ ДЕМОГРАФӢ....................................................................................................33
2.1. Ҳудудҳои синнусолӣ....................................................................................................33
2.2. Пирамидаи ҷинсию синнусолии аҳолӣ.................................................................................................... 34
2.3. Равзанаи демографӣ....................................................................................................35
Қисми 3. ҚУВВАҲОИ КОРӢ ВА ШУҒЛ....................................................................................................36
3.1. Ҳиссаи қувваҳои корӣ нисбат ба шумораи аҳолӣ....................................................................................................36
3.2. Сатҳи иштироки аҳолии қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ....................................................................................................36
3.3. Таҳлили муттаҳидаи коэффитсиенти умумии аҳолӣ дар синну соли корӣ ва ҳиссаи шахсони мансабдор дар маҷмӯи умумии аҳолӣ....................................................................................................38
3.4. Сатҳи маълумоти гирифташуда.................................................................................................... 40
3.5. Мақом дар шуғл....................................................................................................40
Қисми 4. НАМУДҲОИ ФАЪОЛИТЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА НАМУДҲОИ МАШҒУЛИЯТ ....................................................................................................42
4.1. Намудҳои фаъолияти иқтисодӣ.................................................................................................... 42
4.2. Намудҳои машғулият (касб, ихтиссос)....................................................................................................43
Қисми 5. БАХШИ ҒАЙРИРАСМӢ ВА ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ....................................................................................................46
5.1. Шуғл дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ....................................................................................................46
5.2. Шуғли ғайрирасмӣ....................................................................................................49

5.3. Шуғли гайрирасмӣ дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ……………………..52
Қисми 6. ДАВОМНОКИИ ВАҚТИ КОРӢ………………………………………………54
6.1. Давомнокии вақти кории муқаррарӣ ва аслӣ…………………..………...54
6.2. Давомнокии вақти кори аз меъёр зиёд кор кардашуда………..………55
Қисми 7. БЕКОРӢ ВА ҚУВВАҲОИ КОРИИ ИСТИФОНАШУДА……...…………….……57
7.1. Қувваҳои кори истифоданашуда…..……………..…………………………57
7.2. Бекорӣ…………………….………..…………………………………………… 58
7.3. Бекории дарозмуддат…..…………………………………….…………….. 61
7.4. Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ………………..……..62
7.5. Қувваҳои кори эҳтимолӣ…………………………………………..……….. 64
7.6. Нишондиҳандаи маҷмуии қувваҳои кори истифоданашуда……………..…68
Қисми 8. ҚУВВАИ КОРИИ ҶАВОНОН…………………………………….………… 70
8.1. Бекорӣ ва қувваҳои кори истифоданашудаи ҷавонон……….…..……..70
8.2. Номувофиқии дараҷаи маълумоти гирифташуда ва дараҷаи тахассусии ҷавонон………….…………………………………………….…….………72
8.3. Ҷавононе, ки таҳсил ва кор намекунанд………………..……………… 74
Қисми 9. ЗАНҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ БАРОБАР…..…...…………………….……82
9.1. Шуғл ва бекорӣ дар байни занон……………………………….…………82
9.2. Занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда……………………………………..83
Қисми 10. ФАЪОЛИЯТҲОИ МЕҲНАТӢ ОИД БА ИСТЕҲСОЛИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ ШАХСӢ……………………….……..…..85
10.1. Истеҳсоли мол барои истифодаи шахсӣ………………..……………..85
10.2. Пешниҳоди хизматрасонӣ барои истифодаи шахсӣ……..……...………..88
Қисми 11. МЕҲНАТИ БЕМУЗДИ КОРОМУЗОН ВА ШАХСОНЕ, КИ АЗ ТАЙЁРИИ КАСБӢ-ТЕХНИКӢ МЕГУЗАРАНД…………………….…..………………92
11.1. Хонандагони бемузд дар истеҳсолот ва коромӯзон……….…………...92
Қисми 12. ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТИИ ВОЛОНТЕРҲО…………………………………95
12.1. Тақсомоти волонтерҳо аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои асосии синну сол ва дигар тавсифҳои волонтерӣ……………………………………………..……………96
Қисми 13. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БА ХОРИҶА…………………………..………….99
ҚИСМИ 13.1. МЕҲНАТИ КӮДАКОН АЗ РӮИ МАЪЛУМОТҲОИ ТҚК-2016……………105
ҚИСМИ 14. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТИ ҚУВВАҲОИ КОРӢ………………….…... 106
14.1. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот…………………………..…………… 106
14.2. Консепсияҳо, муайнкуниҳо, нишондиҳандаҳо……..……………………. 107

14.2.1. Фаъолияти меҳнатӣ.....................................................................109
14.2.1.1. Панҷ шакли намудҳои фаъолияти иқтисодӣ..................................110
14.2.2. Шуғл..............................................................................................110
14.2.3.Меҳнати пардохтнашавандаи коромузон ва шахсоне, ки аз тайёрии касбӣ-техникӣ мегузаранд....................................................114
14.2.4. Фаъолияти меҳнатии волонтерҳо...................................................114
14.2.4.1. Сатҳи волонтерӣ дар кишвар........................................................114
14.2.5. Фаъолияти меҳнатӣ оид ба истеҳсоли мол барои истифодаи шахсӣ.............................................................................................114
14.2.5.1. Шахсоне, ки ба истеҳсоли маҳсулоти натуралии озуқаворӣ машғуланд....................................................................................115
14.2.6. Фаъолияти меҳнатии оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ барои истифодаи шахсӣ..............................................................................115
14.2.7. Нишондиҳандаи қувваҳои кори истифоданашуда..........................115
14.2.7.2. Бекорон.........................................................................................116
14.2.7.3. Қувваҳои кори эҳтимолӣ................................................................116
14.2.7.4. Нишондиҳандаи қувваҳои кории истифоданашуда.......................116
14.2.8. Бахши ғайррасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ..........................................117
14.2.9. Муҳоҷират.......................................................................................118
14.2.10. Таснифи аҳолӣ...............................................................................118
14.3. Методологияи Таҳқиқоти қувваҳои корӣ ва сифати маълумотҳо.........118
14.3.1. Фарогирӣ.........................................................................................118
14.3.2. Методологияи интихоб дар ТҚК-2016.............................................119
14.3.3. Вазнкашӣ.........................................................................................121
14.3.5. Омузиши мутахассисони Агентии омор...........................................122
14.3.6. Саволномаи пурсиши аъзоёни хонавода .........................................123

## ЗАМИМА

Замимаи 1. Маводҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ......................................124
Замимаи 2. Саволномаи Таҳқиқоти қувваҳои кори соли 2016 ...................169

## НОМГӮИ ГРАФИКҲО

Диаграммаи 1. Пирамидаи синну-солии аҳолӣ аз рӯи маълумотҳои ТҚК-2016.............................................................34
Диаграммаи 2. Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ ва сатҳи шуғлнокӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол, ТҚК-2016.............................................................37
Диаграммаи 3. Таҳлили ҷамъбастии коэффитсиентҳои LFPR ва Emp-Pop аҳолии синни 15-75 сола, ТҚК-2016 ..................................39
Диаграммаи 4. Тағйирёбӣ дар сатҳи маълумотнокии аҳолии шуғлнок, ТҚК-2009 ва ТҚК-2016...................................................40
Диаграммаи 5. Тағйирёбии мақом дар шуғли аҳолӣ,ТҚК-2009 ва ТҚК-2016....41
Диаграммаи 6. Шуғл дар кори асосӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ТҚК-2009 ва ТҚК -2016....................................................... 42
Диаграммаи 7.15 ихтиссосҳои асосии аҳолии машғул дар кори асосӣ, ТҚК-2016 (4-аломатаи дараҷаи ихтисоси машғулин)................43
Диаграммаи 8. Элементи шуғли ғайрирасмӣ (тавсияҳои 17-КБОМ)..............46
Диаграммаи 9. Доираи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда........................57
Диаграммаи 10. Таснифи аҳолӣ дар ТҚК-2016......................................... 81
Диаграммаи 11. 19-умин КБОМ: Нишондиҳандаи қувваҳои кории истифоданашуда...................................................................81

# МУҚАДДИМА

Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои омӯзиши вазъи бозори меҳнат, аз он ҷумла дар масъалаҳои шуғл ва проблемаҳои бекорӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Бо вуҷуди он, дар шароити мамлакат, ки суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ ва қувваҳои корӣ ва ташкили на онқадар зиёди ҷойҳои нави корӣ мушоҳида карда мешавад, проблемаи қонеъ гардонидани аҳолӣ бо кор масъалаи рӯзмарра боқӣ мемонад.

Бо мақсади боз ҳам чуқуртар омухтани проблемаҳои шуғл ва иштироки аҳолӣ дар шаклҳои гуногуни фаъолиятҳои меҳнатӣ, зарур аст, ки мунтазам таҳқиқотҳои интихобии оморӣ дар масъалаҳои шуғл гузаронида шавад, ки дар тамоми дунё бо номи «таҳқиқоти қувваҳои корӣ» бисёр маъмул аст.

Дар айни замон дар Тоҷикистон дар асоси мушоҳидаҳои доимии оморӣ маълумотҳои зиёд ва гуногуни алоқаманд ба ташаккул ва рушди бозори меҳнат ҷамъоварӣ карда мешаванд, ки бо ёрии онҳо динамикаи тағйирёбиҳои ба вуҷуд омадаро назорат кардан мумкин аст. Як қатор ҳисоботҳои ҳатмии мунтазам ҷамъоваришавандаи омори меҳнат вуҷуд дорад (моҳона, семоҳа, солона), ки дар ҳар кадоми онҳо нишондиҳандаҳои гуногун вуҷуд дорад, ки бо назардошти онҳо метавонем шуғли ҷориро дар корхонаҳои ба қайд гирифта шуда, ҳамчунин сатҳи бекории расмӣ ва ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ, сатҳи музди меҳнат, тайёркунии кадрҳо ва музди кор ва ғайраро ченкунем ё ин ки баҳо диҳем.

Вале дар баробари падидаҳои ба вуҷуд омада, ки метавонем бо ёрии ҳисоботҳои омории ҳатмӣ ҷамъоваришаванда чен карда мешавад, падидаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо ин намуди ҳисоботҳои оморӣ ҷамъоварии онҳо ғайриимкон мебошад. Асосан ин ба чунин намудҳои фаъолиятҳои меҳнатӣ дахл дорад ба монанди, худиштиғолӣ (худмашғулӣ); шуғли ғайрирасмӣ ва шуғл дар бахши ғайрирасмӣ; истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасонӣ барои истеъмолоти шахсӣ; меҳнати пардохтнашавандаи коромӯзон ва шахсоне, ки тайёрии касбӣ-техникиро мегузаранд; фаъолияти меҳнатии волонтерҳо. Ба ин падидаҳо ҳамчунин метавонад дохил шавад шуғли нопуррае, ки ба давомнокии вақти корӣ алоқаманд аст, сохтори касбияти ҳамаи аҳолии машғул ва тақсимоти он аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва бахшҳои асосии сохтори иқтисодиёт, нобаробарии гендерӣ, вазъи ҷавонон дар бозори меҳнат, истифода нашудани қувваҳои корӣ ва бисёр дигар зуҳуротҳо буда метавонанд.

Пайдоиши шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ ин самараи яке аз натиҷаҳои асосии тамоюли имрӯза дар Тоҷикистон – рушди босуръати шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ, яъне гузариши босуръат ба иқтисодиёти бозорӣ ва рушди сохторҳо, дар доирае, ки имконияти самаранок назорат бурдан ба ин тағйиротҳо ва истифодаи қувваҳои корӣ, ва мушоҳида намудани ин тағйротҳо бо ёрии ҳисоботҳои омории ҷорӣ ғайриимкон мебошад.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки танҳо таҳқиқот оид ба проблемаҳои шуғл ягона манбаи маъмулӣ барои ҷамъоварии пурра, саҳҳеҳ ва иттилооти маҷмӯи дар бораи вазъ ва тамоюлҳои дар бозори меҳнат ба вуҷуд омада мебошад.

Дар соли 2004 аввалин таҳқиқоти интихобӣ оид ба проблемаҳои шуғли аҳолӣ ва ё таҳқиқоти қувваҳои корӣ (ТҚК-2004) гузаронида шуда буд. Дуюмин чунин таҳқиқот дар соли 2009 (ТҚК-2009) гузаронида шуда буд. Дар фарқият бо ТҚК-2004, як қатор масъалаҳои методологӣ барои муайян намудани шуғли аҳолӣ ва шуғли аҳолӣ дар бахши ғайрирасми аниқ карда шудааст.  Бо ҳамин мақсад ба саволномаи асосии таҳқиқоти қувваҳои корӣ саволҳои аниқкунанда ворид карда шуданд. Ҳамчунин модули иловагӣ оид ба муҳоҷирони меҳнатии бозгашта, ки имкон дод вазъи иқтисодию иҷтимоии онҳо дар берун аз Тоҷикистон омухта шавад.

Таҳқиқоти интихобии қувваҳои кории соли 2016 (ТҚК-2016) аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шудааст. Фарқияти асосии таҳқиқоти мазкур, аз ду раунди қаблӣ аз он иборат мебошад, ки ин таҳқиқот дар чаҳорчубаи нави ченкунии фаъолиятҳои меҳнатӣ, шуғл ва истифода набурдани қувваҳои корӣ, ки дар 19-умин Конфронси Байналмиллалии Оморчиёни Меҳнат (19-ум КБОМ)[1] дар моҳи октябри соли 2013 қабул гардида буд, гузаронида шудааст. Маълумоти пурра ва бештар оид ба методологияи ТҚК-2016 дар Қисми 14-и ҳисоботи мазкур оварда шудааст.

Ба гуфтаҳои дар боло овардашуда ин омилро илова кардан лозим, ки Тоҷикистон аввалин кишвар дар байни давлатҳои аъзои ИДМ (СНГ) ва яке аз аввалинҳо дар ҷаҳон мебошад, ки таҳқиқоти пурраро оид ба проблемаҳои шуғл бо назардошти ҳамаи охирин тавсияҳои Ташкилоти Байналмиллалии Меҳнат гузаронидааст.  Як омили дигари асосии ТҚК-2016 аз он иборат буд, ки барои муайян намудани сатҳи касбияти аҳолӣ дар ҳайати қувваҳои корӣ ин аввалин маротиба

[1] Ташкилоти байналмиллалии меҳнат. Резолютсияи I оид ба омори фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва қувваҳои корӣ. 19-ум КБОМ. Гузориш III: Гузориши конференсияи, Женева с. 2014.; нигаред ба сайти: http://www.ilo.org/global/statistics-and-databases/meetings-and-events/international-conference-of-labour-statisticians/19/WCMS_234124/lang--en/index.htm

истифода бурдани Таснифоти байналмиллалии стандартии мақом дар шуғл 2008 (ТБСМШ-08) (МСКЗ-08) мебошад.

Дар айни замон барои ташкили мушоҳидаҳои оморӣ аз рӯи ҷараёнҳое, ки дар бозори меҳнат ба вуҷуд меоянд, таҳқиқоти интихобӣ оид ба масъалаҳои шуғл (таҳқиқоти қувваҳои корӣ), ки бо роҳи пурсиши бевоситаи аъзоёни хонавода гузаронида мешавад, дар бештари кишварҳои ҷаҳон мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ин яке аз воситаҳои фасеҳи такмилдодашуда дар муқобили дигар воситаҳо оид ба ҷамъоварии маълумотҳо, ки гирифтани маълумотҳои мунтазам ва саҳҳеҳ дар бораи ҷанбаҳои гуногуни омузиши ин зуҳуротҳо мебошад. Зарур аст қайд намоем, ки дар бисёр кишварҳо аз он ҷумла дар кишварҳои ИДМ, чунин таҳқиқотҳо ҳар семоҳа гузаронида мешаванд.

Илова кардан лозим аст, ки Таҳқиқоти қувваҳои корӣ – ин ягона манбаъи иттилоот аст, ки имкон медиҳад дар як вақт шумора ва ҳайати қувваҳои кориро ва инчунин шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд бо назардошти меъёрҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ) ҳисоб карда шавад. ТҚК ҳамчунин имкон медиҳад, андозаи воқеии бекорӣ ҳам дар сатҳи умумимиллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳо, шумораи қувваҳои кории эҳтимолӣ ва сатҳи истифода накардани ин қувваҳои кориро ҳисоб карда шавад.

Аз ҳама бештар, таҳқиқоти интихобии аҳолӣ оид ба масъалаҳои шуғл сарчашмаи асосии иттилоот дар бораи ҳайати сифатии қувваҳои корӣ, сохтори бекории аслӣ, сабабҳои бешуғлии аҳолӣ, усулҳои ҷустуҷӯи кор ва давомнокии он, муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ва муҳоҷирати дохилии мокувор мебошад.

Ҷамъоварии иттилоот дар бораи шуғл бо роҳи гузаронидани пурсиши аҳолӣ дар хонаводаҳое, ки онҳо зиндагонӣ мекунанд имконият медиҳад ҳамаи шаклҳои фаъолиятҳои меҳнатӣ ва ҳамаи гурӯҳи аҳолӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасонӣ барои истифодаи шахсӣ машғуланд фаро гирифта шаванд. ТҚК имконият медиҳад, ки ҳам кормандони кироя ва ҳам шахсони худмашғул, баҳисобгирии шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, ошкор кардани шуғли нопурра ва соатҳои кории баҳисоб гирифта нашудаи кор дар бахши ғайрирасмӣ, ҷамъ кардани маълумот дар бораи шуғли аҳолӣ дар хоҷагиҳои назди ҳавлигӣ фаро гирифта шаванд. Ҳамчунин таҳқиқот махзани маълумотро дар бораи тавсифи гендерии ҷанбаҳои меҳнат ва шуғл, ҳамчунин тавсифи фаъолияти меҳнатии кӯдакон ва наврасонро ташаккул медиҳад.

Гузаронидани таҳқиқот имкон дод, ки маълумотҳои асосиро барои боз ҳам чуқуртар ва дар маҷмӯъ омухтани бозори меҳнат ва дар бисёр ҳолат маълумотҳои зарурии иловагиро барои пурра кардани дигар маълумотҳои омори расмӣ гирифта шавад.

Иттилооти гирифта шуда, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ҳатман бояд барои муҳокимаи вазъи бозори меҳнат, самаранок истифодабарии онҳо ва тақсимот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди иқтисодиёт ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, истифода карда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиллооти беназир ва заруририро барои мониторинги «Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнат барои то соли 2020» ба ихтиёри худ мегирад. Ғайр аз ин натиҷаҳои таҳқиқот яке аз элементҳои муҳим ва калидӣ, барои гузаронидани ислоҳотҳои макроиқтисодӣ, сохторӣ ва иҷтмоию-сиёсӣ мебошад.

Боварӣ дорем, ки ҳисоботи мазкур барои истифодаи самараноки ҳамоҳангсозии кори ҳамаи вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташкили шароити муносиб барои муттаҳид кардани кушишҳо дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди инфрасохторҳо ва хизматрасонӣ, ки бояд ба рушди боз ҳам самараноки роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар мусоидат намояд.

Дар охир қайд кардан зарур аст, ки нашри мазкур барои истифодабарандагон манзараи умумиро оид ба муваффақиятҳои ноилшуда дар самти ташаккули бозори меҳнат ва мушкилиҳои мавҷудбуда дар кишвар, ки бо кушишҳои якҷояи тарафҳои манфиатдор ҳаллӣ худро меёбанд, пешниҳод менамояд.

Бо сабаби он, ки ТҚК-2016 дар асоси тавсияҳои байналмиллалӣ гузаронида шудааст, маълумотҳои дар ҳисоботи таҳлилӣ овардашуда имкон медиҳад, ки муқоисаҳои байналмиллалӣ гузаронида шавад ва метавонад аз тарафи доираи васеъи истифодабарандагон дар сатҳи байналмиллалӣ истифода карда шаванд.

* * *

# ИТТИЛЛОТИ УМУМӢ

Дар соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сеюмин Таҳқиқот оид ба масъалаҳои шуғл (Таҳқиқоти қувваҳои корӣ) гузаронида шуд. Таҳқиқотҳои қаблӣ дар солҳои 2004 ва 2009 гузаронида шуда буданд. Мақсади асосии ин таҳқиқот аз он иборат буд, ки дар бораи сохтор, тақсимот ва тавсифи қувваҳои корӣ, шуғл ва бекорӣ маълумот ҷамъоварӣ карда шаванд. Бо ёрии таҳқиқот ҳамчунин маълумотҳо оид ба қувваҳои кории истифоданашуда, кори пардохтнашудаи коромӯзон ва шахсони аз тайёрии касбӣ-техникӣ гузашта, муайян кардани фаъолияти меҳнатии волонтерҳо, ченкунии фаъолияти меҳнатии аҳолии ба истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ барои истеъмолоти шахсӣ, ҷамъоварӣ карда шуданд.  Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин маълумотҳо аз рӯи стандарҳои нави байналмиллалӣ, ки дар 19-умин Конфронси байналмиллалии оморчиёни меҳнат (КБОМ) дар соли 2013 қабул гардида буд, ҷамъоварӣ карда шуданд. Илова ба гуфтаҳои дар боло дарҷ гардида, таҳқиқот иттиллоотро дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ ва фаъолияти меҳнатии кӯдакон ва наврасон пешниҳод намуд.

Дар Таҳқиқот оид ба масъалаҳои шуғл 2016 (ТҚК-2016) шахсони дар хонаводаҳои шахсӣ доимӣ истиқоматкунанда, ғайр аз шахсоне, ки дар хонаводаҳои коллективӣ, яъне доимӣ дар беморхонаҳо қарор дошта; мактаб-интернатҳо; хобгоҳҳо; интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон; дигар муаасисаҳои институтсионалӣ; ҳамчунин шахсоне, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, фаро гирифта шудаанд.

Ҳангоми гузаронидани ТҚК-2016 мафҳуми «ҷои доимии истиқомат», ки ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, истифода карда шудааст, яъне ин нуқтаи аҳолинишин, хона ва ё квартирае, ки шахси пурсидашаванда доимӣ (одатан) бештари вақти худро он ҷо мегузаронад. Ба ҳайати хонавода, ғайр аз шахсони доимӣ истиқоматкунанда шахсоне дохил шуданд: муваққатан ба дигар нуқтаҳои аҳолиниши ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кори даромаднок ва ё маош рафтаанд, шахсоне, ки ба дигар

кишварҳои аъзои ИДМ ва ё берун аз ҳудуди ИДМ новобаста аз муҳлати ғоиб буданашон дохил карда шуданд.

ТҚК-2016 дар хонаводаҳое гузаронида шуд, ки бо таври тасодуфӣ интихоб карда шудаанд. Ҳаҷми умумии интихоб 4080 хонаводаро ташкил дод, ки аз онҳо 1440 хонавода (35,3%) аз маҳаллаҳои шаҳрӣ ва 2640 хонавода (64,7%) аз хонаводаҳои деҳот интихоб шуда буданд. Таҳқиқот аввалин маротиба бо роҳи гузаронидани пурсиши аъзоёни хонавода бо ёрии планшет гузаронида шуд. Синну соли аҳолии таҳқиқот 12-75 соларо ташкил дод, ва синни қобили меҳнат барои ТҚК 15-75 сола муайян карда шуд.

Дар нақшаи ҷуғрофии сохтор ТҚК тамоми кишварро фаро гирифтааст, иттилооти баҳодиҳиро дар сатҳи панҷ воҳиди маъмурии асосӣ алоҳида дар сатҳи маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот дорад, ки гузаронидани муқоисакунии нишондиҳандаҳои асосиро имкон медиҳад.

Тафсилоти пурраи натиҷаҳои ТҚК-2016 дар қисмати 12-и ҳисоботи мазкур оварда шудааст. Натиҷаҳои асосии ТҚК-2016 дар поён оварда мешавад.

**Шумораи аҳолии қобили меҳнат ва қувваҳои корӣ**

- Дар соли 2016 шумораи аҳолии қобили меҳнати синни аз 15 то 75 сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хонаводаҳои шахсӣ зиндагӣ дошта, 5314273 нафарро ташкил додаст, ки аз онҳо 2559233 нафар-мардҳо ва 2755040 нафар-занҳо ташкил додаанд.
- Шумораи қувваҳои корӣ дар ҳайати аҳолии қобили меҳнат 2252228 нафарро ташкил дод.
- Сатҳи миллии иштироки аҳолии қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ 42,4 фоизро ташкил дод.
- Ҳиссаи аҳолии шуғлнок нисбат ба шумораи аҳолии синни қобили меҳнат 39,4 фоизро ташкил дод.
- Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар Тоҷикистон аз 3979858 нафар дар соли 2004 то 4707374 нафар дар соли 2009 ва то 5314273 нафар дар соли 2016, яъне дар давраи байни солҳои 2004 ва 2016 афзоиши суръати миёнаи солона наздики ду фоизро ташкил додааст.

- Таҳлили мутаносибан монанд дар маҳалҳои шаҳрӣ ва маҳалҳои деҳот алоҳида гузаронида шуда, нишон медиҳад, ки суръати ҳарсолаи аҳолии қобили меҳнати шаҳрҳо дар ин давра 1,8 фоиз, ва суръати афзоиши солонаи аҳолии қобили меҳнати деҳот 2,3 фоизро ташкил додаанд.

**Машғулият**

- Шумораи аҳолии машғул 2096470 нафарро ташкил дод, ки ҳиссаи аҳолии машғул дар шаҳрҳо нисбат ба шумораи умумии машғулин на он қадар афзудааст аз 20,0 фоиз дар соли 2004 то 24,5 фоиз дар соли 2009 ва 24,6 фоиз дар соли 2016. Дар ин давра ҳиссаи аҳолии машғули деҳот дар Тоҷикистон нисбат ба шумораи умумии аҳолии машғул аз 80 фоиз дар соли 2004 то 75,5 фоиз дар соли 2009 ва то 75,4 фоиз дар соли 2016 паст фаромадааст.
- Дар ин давраи ҳиссаи мардон дар шумораи аҳолии машғул аз 53,4 фоиз дар соли 2004 то 56,8 фоиз дар соли 2009 ва то 59,5 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст, ҳиссаи занҳо назаррас паст гардидааст аз 46,6 фоиз дар соли 2004 то 43,2 фоиз дар соли 2009 ва то сатҳи 40,5 фоиз дар соли 2016 паст фаромадааст.
- Дар сохтори синну соли аҳолии машғул, аз рӯи баҳодиҳии ТҚК-2016, пастравии ҳиссаи ҷавонон (15-29 сола) нисбат ба шумораи умумии машғулин мушоҳида карда шуд. Дар баробари ин ҳиссаи аҳолии машғули калонсол, яъне 30-75 сола доимо зиёд шудааст аз 56,3 фоизи соли 2004 то 62,6 фоиз дар соли 2009 ва то 68,9 фоиз дар соли 2016.
- Шуғли аҳолӣ бештар ба соҳаи кишоварзӣ (45,8 фоиз) равона гардида буд, ки баъдан савдои яклухт ва чакана; таъмири автомобилҳо ва мототсиклҳо (10,6 фоиз), сохтмон (8,6 фоиз) ва маориф (8,1 фоиз) қарор доштанд. Дар идораи давлатӣ ва мудофиа ва суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар якҷоягӣ 4,6 фоизи шумораи умумии машғул рост омадааст.
- Ба се гурӯҳи асосии касбу ихтисосҳо дохил шуданд кормандони бетахассус (27,4 фоиз), мутахассисони дорои тахассус (14,8 фоиз) ва кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо (11 фоиз).
- Ба ҳисоби нисбӣ ҳиссаи шахсоне, ки сатҳи маълумотнокиашон бо сатҳи касбияташон мувофиқат намекард 58,7 фоизи шумораи умумии ҷавонони

машғулро ташкил медод. Дар байни аҳолии синни 30-75 сола ин нишондиҳанда нисбатан пасттар буд ва 50,2 фоизро ташкил дод.

**Бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ**

- Дар бахши ғайрирасмӣ 133359 нафар машғул буданд, ки 15,6 фоизи шумораи умумии машғулинро (бе кишоварзӣ) ташкил додаанд. Бахши ғайрирасмӣ ҳамаи он шахсони синни 15-75 сола, ки ба фаъолияти соҳибкории шахсӣ бе қайди расмӣ ва ё дар корхонаҳои дар қайд набуда фаъолият намудаанд, ки ягон хел ҳисоби сабти даромад ва ё хароҷот бурда нашудааст, дар бар гирифтааст. Оид ба бахшҳои иқтисодиёт бояд ҳатман қайд намоем, ки тибқи тавсияҳои ТБМ, соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби машғулин дар бахши ғайрирасмӣ хориҷ карда шудаанд. Бештари шахсони машғулро дар бахши ғайрирасмӣ мардҳо (79,8 фоиз) ташкил доданд, шахсони аз ҳисоби худашон кор карда (30,9 фоиз) ва машғулин ба сифати кормандони кироя (29,3 фоиз)-ро ташкил доданд.
- 249536 нафар шахсони машғул ва ё 29,4 фоизи шумораи умумии машғулинро шуғли ғайрирасмӣ бе пӯшонидани хароҷотҳо барои таъмини хароҷотҳои иҷтимоӣ, бе гирифтани рухсатиҳои меҳнатии пулакӣ ва корношоямии музднок ҳангоми беморӣ, ташкил додаанд. 116178 нафар кормандоне, ки ғайрирасмӣ машғул буданд дар бахши расмӣ кор кардаанд, ки 16,2 фоизи шумораи умумии машғулини бахши расмиро ташкил медиҳанд.

**Давомнокии вақти корӣ**

- Давомнокии миёнаи вақти кори одатан машғул будаи, аҳолии машғул дар кори асосӣ дар як ҳафта 39 соатро ташкил додаст. Мутаносибан давомнокии миёнаи аслан кор карда дар як ҳафта 37 соатро ташкил додаст. 123656 нафар ё 5,6 фоизи аҳолии машғул дар давоми ҳафтаи таҳқиқот дар кори иловагӣ машғул буданд. Давомнокии миёнаи вақти кории муқаррарӣ ва аслӣ дар кори иловагӣ дар давоми як ҳафта 12 соатро ташкил додааст.

**Шуғли занон**

- Сатҳи шуғлнокии занон (40,5 фоиз) нисбатан пасттар буд дар муқоиса нисбат ба мардон (59,5 фоиз).

- Бо дарназардошти сохтори шуғл аз рӯи ихтисос, пас дар байни зану мард ҷудокунии назаррас мушоҳида карда шудааст. Дар айни замон, дар аксарияти ихтиссосҳои хурд занҳо дар доираи як қатор ихтисосҳо мутамарказ шуданд, ки ин шохиси тақсимкунии ихтисосиро аз рӯи аломатҳои гендерӣ нишон медиҳад, ки 0.62 фоизи онҳо ба манфиати мардон мебошанд.
- Ҳиссаи занҳо дар байни шахсони машғул дар вазифаҳои олии роҳбарикунанда, 24,1 фоизро ташкил доданд.

**Бекорӣ ва қувваҳои кори истифоданашуда**

- Шумораи умумии бекорон 155758 нафарро ташкил додаанд. Сатҳи бекорӣ нисбат ба шумораи умумии қувваҳои корӣ 6,9 фоизро ташкил дод. Дар баробари ин сатҳи бекорӣ дар байни занон нисбат ба мардон паст буд (мутаносибан 5,5 фоиз ва 7,9 фоиз). Сатҳи умумии бекорӣ дар маҳалҳои деҳот 5,5 фоиз ва дар маҳалҳои шаҳрӣ 11 фоизро ташкил дод.
- Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон (синни 15-29 сола) 10,6 фоизро ташкил дод, ки зиёда аз ду баробар нисбат ба шахсони синни 30-75 сола ва якуним баробар аз сатҳи миёнаи мамлакат баланд буд.
- Шумораи умумии қувваҳои кории истифоданашуда, 285727 нафарро ташкил доданд, ки аз онҳо 155758 нафарро бекорон, 94985 нафарро шахсони эҳтимолан ба қувваҳои корӣ воридшаванда ва 34984 нафарро шахсоне, ки бо ягон сабаб рӯзи кории нопурра доштан ва омода буданд, ки вақти кори иловагӣ пайдо карда кор кунанд. Ҷамъи нишондиҳандаи қувваҳои кори истифоданашуда ду баробар 12,7 фоиз нисбат ба сатҳи умумии бекорӣ баланд буд. Ин нишондиҳанда низ ба монанди нишондиҳандаи бекорӣ дар байни ҷавонон аз ҳама баланд буд (20,5 фоиз).

**Истеҳсоли маҳсулот барои истеъмолоти шахсӣ**

- Ҳамагӣ 2343013 нафар ба истеҳсоли маҳсулот барои истеъмолоти шахсӣ дар давоми чор ҳафтаи пеш аз гузаронидани таҳқиқот машғул буданд. Ба ҳадди имкон онҳо барои анҷом додани ин намуди фаъолияти меҳнати дар давоми як ҳафта 1,1 соат вақти худро сарф кардаанд. Шумораи занҳо дар ин намуди фаъолияти

меҳнати нисбат ба мардҳо бештар буданд, 1321059 нафар дар муқобили 1021055 нафар.

- Бештари истеҳсолкунандагони молҳо барои истифода ё истеъмолоти шахсӣ (2155735 нафар) ба фаъолияти меҳнатии ба истеҳсол, хишоваи полиз, ҷамъоварӣ ва коркарди маҳсулотҳои растанипарварӣ; парвариши ҳайвонҳои хонагӣ ва паррандапарварӣ, моҳидорӣ ва шикор машғул буданд.

**Пешниҳоди хизматрасонӣ барои истифодаи шахсӣ**

- Қисмати бештари аҳолӣ (2757272 нафар) ба иҷрои корҳои пардохтнашавндаи хонагӣ машғул буданд, кор дар ҳавлӣ барои нигоҳубинӣ хона дар хонаводаи худаш, ки аз онҳо 82,7 фоизашонро занҳо ташкил доданд. Баъдан аз ҳама шумораи бештар, ин шахсоне буданд, ки ба тарбия ва нигоҳубини кӯдакон дар хонавода машғул буданд (1985867 нафар), ки аз онҳо низ чун ҳолати қаблӣ қисмати бештарро занҳо ташкил доданд (75,8 фоиз).
- Давомнокии миёнаи вақти сарфшудаи бештар дар миёна занҳо мушоҳида гардид, ки дар ин намуди фаъолияти меҳнатӣ (40,7 соат дар як ҳафта) онҳо ба нигоҳубин ва расонидани кӯмаки бебозгашт ба аъзоёни хонаводаи синни то 18 сола ва калонтар, ба маъюбони мавҷудбуда, ба пиронсолони муҳтоҷ, ба шахсоне, ки бемориҳои руҳӣ ва ё ҷисмонӣ ва ё мубталои дигар намуди бемориҳо ҳастанд расонидаанд. Дар навбати худ мардон барои анҷом додани ин намудҳои фаъолият 2 баробар камтар вақти худро сарф кардаанд (20,4 соат дар як ҳафта).

**Кори пардохтнашавандаи коромӯзон ва шахсоне, ки аз тайёрии касбӣ-техникӣ мегузаранд**

- Дар лаҳзаи таҳқиқот 17857 нафар аз тайёрии касбӣ ба сифати хонандагони бемузд дар истеҳсолот ва коромӯз гузаштаанд, ки аз онҳо 62,2 фоизашонро мардҳо ва 37,8 фоизашонро занҳо ташкил додаанд. Дар навбати худ шумораи хонандагоне, ки аз тайёрии касбӣ-техникии бемузд гузаштаанд, нисбат ба коромӯзони бемузд дар истеҳсолот зиёдтар буданд – 10665 нафар дар муқобили 7192 нафар.
- Ба ҳисоби фоиз ҳиссаи бештари хонандагон дар истеҳсолот дар гурӯҳҳои синну соли 16-19 сола (37,7 фоиз), аз нисф бештари коромӯзон дар гурӯҳи синни 20-24

сола (52,3 фоиз) ба қайд гирифта шудааст. Дар маҷмӯъ ба ин ду гурӯҳи синну соли 80,1 фоизи коромӯзони бемузд ва 59,2 фоизи хонадагони дар истеҳсолот рост омадааст.

- Вобаста ба сатҳи маълумотнокӣ хонандагони бемузд дар истеҳсолот ва коромӯзон, дар ҳар ду гурӯҳ шахсоне буданд, ки дорои маълумоти миёнаи пурра доштанд- мутаносибан 6076 нафар ва 5426 нафар. Дар баробари ин қисмати бештари онҳоро низ мардҳо ташкил доданд.

**Фаъолияти меҳнатии волонтерҳо**

- Дар лаҳзаи гузаронидани ТҚК-2016 дар Тоҷикистон 105122 нафар волонтерҳо ва ё наздики 2 фоизи шумораи умумии аҳолӣ (синни 15-75 сола) ба ҳисоб гирифта шуданд, ки 70,1 фоизашонро мардҳо ва 28,9 фоизашонро занҳо ташкил додаанд. Сатҳи волонтери қариб 2 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар сатҳи ҷаҳонӣ яке аз пасттаринҳо буд.
- Аз нуқтаи назари фаъолияти бештари иштирок дар шаклҳои гуногуни волонтери дар байни аҳолии синни калонсолтар 30-75 сола (69,7 фоизи шумораи умумии волонтерҳо) ва нисбатан фаъолияти пасттари иштирок дар шахсони синни 15-24 сола мушоҳида карда шуд.
- Шумораи бештари рӯзҳои сарфшуда ба фаъолияти волонтерӣ ба шахсоне, ки маълумоти миёна надоштанд (17 рӯз) ва шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд (16 рӯз) рост омадааст. Бекорон рӯзҳои бештари худро ба фаъолияти волонтерӣ нисбат ба аҳолии машғул сарф кардаанд (мутаносибан 8 рӯз ва 5 рӯз).

* * *

# ҚИСМИ 1. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ, ТАМОЮЛҲО ВА ФАРҚИЯТҲОИ МИНТАҚАВӢ

## 1.1. Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии қувваҳои корӣ

Нишондиҳандаҳои асосии ҷамъбастии қувваҳои корӣ дар ТҚК-2016 дар ҷадвали 1. оварда шудааст. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, дар соли 2016 шумораи аҳолии қобили меҳнати синни 15-75 сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хонаводаҳои шахсӣ зиндагонӣ мекунанд, 5314273 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 2559233 нафарашон мардҳо ва 2755040 нафаррашон занҳо буданд.

Шумораи қувваҳои корӣ дар ҳайати аҳолии қобили меҳнат 2252228 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 2096470 нафаррашон аҳолии машғул ва 155758 нафарашонро бекорон ташкил доданд. Дар навбати худ шахсоне, ки шуғли нопурра бо сабаби давомнокии вақти корӣ доштанд 34984 нафарро ташкил доданд, ва шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои кории истифода нашуда дохил шуданд 2932076 нафарро ташкил доданд, ки аз онҳо 94985 нафарашонро қувваҳои кории эҳтимолӣ ташкил доданд.

Сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии шаҳр ду баробар нисбат ба аҳолии деҳот баланд мебошад.

Сатҳи миллии иштироки аҳолӣ дар қувваҳои корӣ, яъне ҳиссаи қувваҳои корӣ нисбат ба аҳолии синни қобили меҳнат, 42,4 фоизро ташкил дод. Ин маънои онро дорад, ки тақрибан камтар аз нисфи аҳолии қобили меҳнат ё кор кардаанд, ё ин ки ба ҷустуҷӯи кор барои музди кор ва ё даромад машғул буданд. Сатҳи ин иштирок дар байни мардон дар муқоиса нисбат ба занон баланд буд (мутаносибан 52,9 фоиз ва 32,6 фоиз). Сатҳи иштироки аҳолӣ дар қувваҳои корӣ дар маҳалҳои деҳот 1,1 баробар нисбат ба аҳолии шаҳр баланд буд.

Ҳиссаи аҳолии машғул нисбат шумораи аҳолии қобили меҳнат ин нишондиҳандаи самаранокии иқтисодиёти миллӣ вобаста ба таъмини машғулият ба аҳолии кишвар мебошад. Дар Тоҷикистон ин коэффитсиент 39,4 фоизро ташкил дод. Ба монанди нишондиҳандаи иштироки аҳолӣ дар қувваҳои корӣ, сатҳи аҳолии машғул нисбат ба шумораи аҳолии қобили меҳнат дар байни мардон нисбат ба занон баланд, ҳамчунин дар байни аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр.

Сатҳи бекорӣ[2], ки ҳиссаи бекоронро нисбат ба қувваҳои корӣ муайян мекунад, 6,9 фоизро ташкил медиҳад, ин аз он шоҳиди медиҳад, ки ба чордаҳ нафар аҳолии машғул як нафар бекор рост омадааст. Сатҳи бекорӣ дар байни занон (5,5 фоиз) пасттар нисбат ба мардон буд (7,9 фоиз).

[2] Таҳлили пурра оид ба қувваҳои кори истифоданашуда дар Қисми 7 ҳисоботи мазкур оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҷадвали ҷамъбастии нишондиҳандаҳои қувваҳои корӣ ва қувваҳои кори истифоданашуда, ТҚК-2016**

| Нишондиҳандаҳои қувваҳои корӣ ва истифода нашуда | Шумора, нафар | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Всего | Мужчины | Женщины | Город | Село |
| Қобили меҳнат (15+75 сола) | 5314273 | 2559233 | 2755040 | 1490420 | 3823853 |
| • Қувваҳои корӣ (LF) | 2252228 | 1352936 | 899292 | 579455 | 1672773 |
| - Машғулин (E) | 2096470 | 1246358 | 850112 | 515616 | 1580853 |
| - Шуғли нопурраи ба давомнокии вақти корӣ алоқаманд (TRU) | 34984 | 29868 | 5086 | 7541 | 27443 |
| - Бекорон (U) | 155758 | 106578 | 49180 | 63839 | 91919 |
| • Шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашуданд (NLF) | 2932076 | 1125857 | 1806249 | 879663 | 2052413 |
| - Қувваҳои кори эҳтимолӣ (PLF) | 94985 | 50572 | 44413 | 23761 | 71224 |
| | Ҳиссаи нишондиҳандаҳо (%) | | | | |
| Сатҳи иштироки аҳолии қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (LFPR) | 42,4 | 52,9 | 32,6 | 38,9 | 43,7 |
| Сатҳи шуғлнокӣ нисбат ба аҳолии қобили меҳнат (Emp-Pop) | 39,4 | 48,7 | 30,9 | 34,6 | 41,3 |
| LU1 = Сатҳи бекорӣ | 6,9 | 7,9 | 5,5 | 11,0 | 5,5 |
| LU2 = Нишондиҳандаи якҷояи шуғли нопурраи ба давомнокии вақт алоқаманд ва бекорӣ (U + TRU) | 8,5 | 10,1 | 6,0 | 12,3 | 7,1 |
| LU3 =Нишондиҳандаи якҷояи бекорӣ ва қувваҳои кории эҳтимолӣ (U + PLF) | 12,0 | 12,6 | 11,0 | 17,0 | 10,3 |
| LU4 =Нишондиҳандаи якҷояи истифода набурдани қувваҳои корӣ (U + TRU + PLF) | 12,7 | 13,8 | 11,0 | 16,4 | 11,4 |

ТҚК-2016 аввалин маротиба имконият дод дар бораи шаклҳои гуногуни қувваҳои кории истифоданашуда маълумот гирифта шавад (LU2, LU3 ва LU4), ҳамчунин бекорӣ. Ҳамин тариқ, сатҳи бекорӣ (LU1) ин яке аз нишондиҳандаҳои ғайриқаноатбахшии талабот дар самти машғулият мебошад. Дигар нишондиҳандаҳо дар натиҷаи **нишондиҳандаҳои якҷоякардаи шуғли нопурра ва қувваҳои кории эҳтимолӣ гирифта шудааст.**

**Қувваҳои кории эҳтимолӣ аз ду гурӯҳҳои аҳолӣ ташкил додааст**: шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд, ба ҷустуҷӯи кор машғуланд, вале барои ба кор оғоз кардан тайёр нестанд ва шахсони ба қувваҳои корӣ дохил нашудаанд, ба ҷустуҷӯи кор машғул нестанд, вале тайёр ҳастанд, ки ба кор оғоз кунанд..

*Нишондиҳандаи якҷоякардашудаи сатҳи шуғли нопурра вобаста ба давомнокии вақти корӣ ва бекорӣ* (LU2) 8,5 фоизро ташкил дод, ки қариб 1,2 баробар аз сатҳи бекорӣ баланд аст (6,9 фоиз).

*Нишондиҳандаи якҷоякардашудаи сатҳи бекорӣ ва қувваҳои кории эҳтимолӣ* (LU3) 12,0 фоизро ташкил дод, ки аз нишондиҳандаи LU2 баланд ва қариб ду баробар аз нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ LU1 баланд аст.

*Нишондиҳандаи якҷоякардашудаи қувваҳои кории истифоданашуда 12,7 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда имконият дод то ин ки сатҳи воқеии қувваҳои кории истифоданашударо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон чен карда шавад.* Ин нишондиҳанда қариб ду маротиба аз сатҳи бекорӣ баланд аст.

Ба монанди нишондиҳандаи бекорӣ, дигар нишондиҳандаҳои иловагии қувваҳои кори истифоданашуда дар байни мардон нисбат ба занон баланд буд, ҳамчунин дар шаҳрҳо нисбат ба маҳалҳои деҳот.

### 1.2. Нишондиҳандаҳои қувваҳои корӣ дар тақсимоти минтақаҳо

Нишондиҳандаҳои асосии қувваҳои корӣ барои чор минтақаи асосии маъмурию ҳудудӣ ва шаҳри Душанбе дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Аз ҷадвали 2, дидан мумкин аст, ки ВМКБ минтақаи маъмурию ҳудудие мебошад бо шумораи аҳолии нисбатан кам 217373 нафар, ки аз онҳо 148883 нафар аҳолии синни қобили меҳнат буданд. Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (LFPR) дар ВМКБ 51,7 фоиз, ва сатҳи машғулин нисбат ба аҳолии синни қобили меҳнат (Pop-Emp) – 37,9 фоизро ташкил додаст, ки ба сатҳи миёнаи шуғл дар мамлакат мувофиқат мекунад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар ВМКБ дар лаҳзаи таҳқиқот сатҳи аз ҳама баланди бекорӣ (26,8 фоиз) ва нишондиҳандаи аз ҳама баланди қувваҳои кории истифоданашудаи якҷоякардашуда (комбинированный показатель) (39,8 фоиз), вале нишондиҳандаи якҷоякардашудаи қувваҳои кории истифода нашуда LU3 нишондиҳандаи барои баробарии иҷтимоӣ хавфнокро нишон дод.

Нишондиҳандаи аз ҳама баланди сатҳи шуғлнокӣ дар вилояти Суғд (48,9 фоиз), ва сатҳи аз ҳама пасти бекорӣ дар вилояти Хатлон (3,9 фоиз) ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, аз рӯи нишондиҳандаҳои мутлақ дар вилояти Хатлон сатҳи аз ҳама баланди шуғли нопурра бо назардошти давомнокии вақти корӣ дар вилояти Хатлон (22940 нафар) ба қайд гирифта шуд.

Нишондиҳандаи аз ҳама пасти якҷоякардашудаи истифода накардани

қувваҳои корӣ ба вилояти Суғд рост омадааст (7,5 фоиз). Аз рӯи нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ шаҳри Душанбе пас аз ВМКБ (26,8 фоиз) дар байни дигар минтақаҳои маъмурию ҳудудии мамлакат бо нишондиҳандаи баланди сатҳи бекорӣ (11,5 фоиз) қарор дошт. Дар маҷмӯъ нишондиҳандаи истифода накардани қувваҳои корӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи сатҳи кишвар баланд буд.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда дар тақсимоти минтақаҳо, ТҚК - 2016**

| Нишондиҳандаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда | Шумора, нафар | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | Ш.Душанбе | НТҶ |
| Аҳолии қобили меҳнат (15-75 сола) | 5314273 | 148883 | 1555480 | 1834821 | 565075 | 1210014 |
| • Қувваҳои корӣ (LF) | 2252228 | 77022 | 806526 | 780422 | 201408 | 386850 |
| - Машғулин (E) | 2096470 | 56411 | 760936 | 750100 | 178294 | 350729 |
| - Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ (TRU) | 34984 | 707 | 5714 | 22940 | 1622 | 4002 |
| - Бекорон (U) | 155758 | 20611 | 45590 | 30322 | 23114 | 36121 |
| • Шахсони ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашуда (NLF) | 2932076 | 61780 | 734357 | 1013253 | 356541 | 766145 |
| - Қувваҳои кории эҳтимолӣ (PLF) | 94985 | 9374 | 8883 | 18206 | 5504 | 53017 |
| | Нишондиҳандаҳои нисбӣ (бо %) | | | | | |
| Сатҳи иштироки аҳолии қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (LFPR) | 42,4 | 51,7 | 51,9 | 42,5 | 35,6 | 32,0 |
| Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ нисбат ба аҳолии қобили меҳнат (Emp-Pop) | 39,4 | 37,9 | 48,9 | 40,9 | 31,6 | 29,0 |
| LU1 = Сатҳи бекорӣ | 6,9 | 26,8 | 5,7 | 3,9 | 11,5 | 9,3 |
| LU2 = Нишондиҳандаи омехтаи сатҳи шуғли нопурра вобаста ба давомнокии вақти корӣ ва бекорӣ (U + TRU) | 8,5 | 27,7 | 6,4 | 6,8 | 12,3 | 10,4 |
| LU3 = Нишондиҳандаи омехтаи сатҳи бекорӣ ва қувваҳои кори эҳтимолӣ (U + PLF) | 12,0 | 53,2 | 7,2 | 6,5 | 16,1 | 25,4 |
| LU4 =Нишондиҳандаи якҷоякардашудаи қувваҳои кории истифоданашуда (U + TRU + PLF) | 12,7 | 39,8 | 7,5 | 9,2 | 15,0 | 24,1 |

### 1.3. Муқоиса бо тадқиқотҳои қаблии қувваҳои корӣ

Таҳлили тағйирёбии қувваҳои корӣ дар давраи солҳои 2004 то 2016 ба қадри имкон барои гирифтани маълумот оид ба вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷае фарқиятҳоро дар нишондиҳандаҳои асосӣ муайян мекунад.

Вобаста аз ин бояд қайд намуд, ки асоси тадқиқотҳои қувваҳои кории солҳои 2004 ва 2009 – ро мафҳумҳо ва тавсияҳои қабулнамуда дар 13-умин Конфронси байналмилалии оморчиёни меҳнат (КБОМ) дар соли 1982 қабул гардида истифода шуда буд, вале асоси таҳқиқоти қувваҳои кории соли 2016 ин тавсияҳои охирин 19-умин Конфронси байналмиллалии оморчиёни меҳнат, ки соли 2013 қабул гардида буд, замина гузоштааст. Тағйиротҳо дар муайяншавандаҳо асосан ба баҳодиҳии шуғл ва ченкунии омории фаъолияти меҳнатӣ барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ барои истифодаи шахсӣ, ва махсусан шахсоне, ки ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ машғуланд[3].

### 1.3.1. Фарқиятҳо дар нишондиҳандаи қувваҳои корӣ байни аҳолии шаҳр ва деҳоти Тоҷикистон.

Дар Ҷадвали 3 нишондиҳандаҳои асосии Таҳқиқотҳои қувваҳои кории солҳои 2004, 2009 ва 2016 нишон медиҳад, ки шумораи аҳолии синни қобили меҳнат (15-75 сола) дар Тоҷикистон аз 3979858 нафар дар соли 2004 то 4707374 нафар дар соли 2009 ва то 5314273 нафар дар соли 2016 зиёд шудааст, яъне дар давраи байни солҳои 2004 ва 2016 суръати афзоиш зиёда аз ду фоизро ташкил додааст. Таҳлили қиёсӣ, дар байни аҳолии шаҳр ва деҳот дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки суръати афзоиши миёнаи аҳолии синни қобили меҳнати шаҳр дар ин давра 1,8 фоиз, ва суръати афзоиши солонаи аҳолии синни қобили меҳнат дар деҳот 2,3 фоизро ташкил додааст.

Дар баробари ин, маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар маҳалҳои шаҳрӣ шумораи қувваҳои корӣ аз 536447 нафари соли 2004 то 545616 нафар дар соли 2009 ва то 579455 нафар дар соли 2016 мунтазам зиёд шудааст, дар ҳолате, ки шумораи қувваҳои корӣ дар маҳалҳои деҳот аввал аз соли 2004 то соли 2009 аз 1794159 нафар то 1552111 нафар кам шудааст, ва баъдан то 1672773 нафар дар соли 2016 зиёд шудааст. Манзараи ба ҳамин монанд дар муносибат ба тамоюли шуғли аҳолӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот мушоҳида гардидааст.

Агар ба нишондиҳандаи бекорӣ назар афканем, пас шумораи бекорон дар маҳалҳои шаҳрӣ мунтазам аз 108795 нафар дар соли 2004 то 91429 нафар дар соли 2009 ва то 63839 нафар дар соли 2016 паст фаромадааст. Мутаносибан, сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии шаҳр аз 20,3 фоиз дар соли 2004 то 16,8 фоиз дар соли

[3] Маълумоти бештар оиди ҳамаи тағйиротҳои дар 19-умин КБОМ қабул гардида, ки бо забони русӣ аз тарафи Кумитаи байналмиллалии омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Бонки Ҷаҳонӣ омода карда шудааст «Рекомендации по применению в статистической практике методологических положений по измерению трудовой деятельности, занятости и недоиспользованной рабочей силы с учетом резолюции 19-й Международной конференции статистиков труда (МКСТ)» дар сомонаи :http://www.cisstat.com/rus/CIS_Labourstat_meeting_Kyrgyzstan_4-6aug_2015%20CISSTAT_WB_recommendation.pdf дидан мумкин аст.

2009, ва то 11,0 фоиз дар соли 2016 паст фаромадааст. Дар муқобил ба ин, сатҳи бекорӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ афзоиши нисбатан баланд бар байни солҳои 2004 ва 2009 (аз 4,9 фоиз то 9,6 фоиз) мушоҳида расидааст, ва баъдан паст фаромада то ба сатҳи 5,5 фоиз дар соли 2016 расид. Ҳамин тавр, дар лаҳзаи таҳқиқот сатҳи бекорӣ дар маҳалҳои деҳот ду баробар пасттар буд, нисбат ба маҳалҳои шаҳрӣ. Шумораи қувваҳои корӣ бо дар назардошти муҳоҷирони меҳнатӣ[4] аввалан камтар пасттар шуд аз 2648543 нафар дар соли 2004 то 2617614 нафар дар соли 2009, ва баъдан афзоиш ёфта то 2806503 нафар дар соли 2016 расид.

### Ҷадвали 3: Тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии қувваҳои корӣ дар, ТҚК-2004, ТҚК-2009 ва ТҚК-2016

| Нишондиҳандаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда | Шумора, нафар | | |
|---|---|---|---|
| | 2004 | 2009 | 2016 |
| Аҳолии қобили меҳнат (15-75 сола) | 3979858 | 4707374 | 5314273 |
| •Қувваҳои корӣ (бо муҳоҷирони меҳнатӣ) | 2648543 | 2617614 | 2806503 |
| • Қувваҳои корӣ (бе муҳоҷирони меҳнатӣ) | 2330606 | 2097726 | 2252228 |
| - Машғулин | 2134654 | 1856519 | 2096470 |
| - Бекорон | 195952 | 241208 | 155758 |
| Муҳоҷирони меҳнатӣ | 317937 | 519888 | 553868 |
| •Шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд | 1331315 | 2089759 | 2508177 |
| Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (бо %) | 58,6 | 44,6 | 42,4 |
| Сатҳи бекорӣ (бо %) | 8,4 | 11,5 | 6,9 |
| **Шаҳр** | | | |
| Аҳолии қобили меҳнат (15-75 сола) | 1106555 | 1287705 | 1490420 |
| • Қувваҳои корӣ (бе муҳоҷирони меҳнатӣ) | 536447 | 545616 | 579455 |
| - Машғулин | 427652 | 454186 | 515616 |
| - Бекорон | 108795 | 91429 | 63839 |

[4] Дар Тоҷикистон иловатан бо нишондиҳандаи асосии “шумораи қувваҳои корӣ” нишондиҳандаи “шумораи қувваҳои корӣ бо назардошти муҳоҷирони меҳнатӣ” низ ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки дар хориҷи кишвар то се сол қарор доранд, бо оила ва хонаводаи худ робитаи доимӣ доранд ва мунтазам маблағ интиқол медиҳанд, дар бар мегирад. .

| Нишондиҳандаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда | Шумора, нафар | | |
|---|---|---|---|
| | 2004 | 2009 | 2016 |
| •Шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд | 497014 | 628190 | 831675 |
| •Муҳоҷирони меҳнатӣ | 73094 | 113898 | 79290 |
| Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (бо %) | 48,5 | 42,4 | 38,9 |
| Сатҳи бекорӣ (бо %) | 20,3 | 16,8 | 11,0 |
| **Деҳа** | | | |
| Аҳолии қобили меҳнат (15-75 сола) | 2873303 | 3419668 | 3823854 |
| • Қувваҳои корӣ (бе муҳоҷирони меҳнатӣ) | 1794159 | 1552111 | 1672773 |
| - Машғулин | 1707002 | 1402332 | 1580853 |
| - Бекорон | 87157 | 149778 | 91919 |
| •Шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ дохил нашудаанд | 834301 | 1461567 | 1781047 |
| •Муҳоҷирони меҳнатӣ | 244843 | 405990 | 474578 |
| Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ (бо %) | 62,4 | 45,4 | 43,7 |
| Сатҳи бекорӣ (бо %) | 4,9 | 9,6 | 5,5 |

### 1.3.2. Шуғл

Тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии демографии аҳолии машғул дар ҷадвали 4. оварда шудааст. Мувофиқи маълумотҳои гирифташуда, дар лаҳзаи таҳқиқот ҳиссаи аҳолии машғул дар маҳалҳои шаҳрӣ нисбат ба шумораи умумии машғулин ба қадри на он қадар зиёд аз 20,0 фоиз дар соли 2004 то 24,5 фоиз дар соли 2009 ва то 24,6 фоиз дар соли 2016 афзудааст. Дар баробари ин ҳиссаи машғулин дар маҳалҳои деҳот нисбат ба шумораи умумии машғулин дар Тоҷикистон аз 80,0 фоиз дар соли 2004 то 75,5 фоиз дар соли ва то 75,4 фоиз дар соли 2016 кам шудааст.

Вазъияти ба ҳамин монанд дар муносибат ба тамоюли ҳиссаи мардон ва занон нисбат ба шумораи умумии машғулин мушоҳида карда шудааст. Дар ҳолате, ки ҳиссаи мардон аз 53,4 фоиз дар соли 2004 то 56,8 фоиз дар соли 2009 ва то 59,5 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст, ҳиссаи занҳо бошад ба таври назаррас аз 46,6 фоиз дар соли 2004, то 43,2 фоиз дар соли 2009 ва баъдан то ба сатҳи 40,5 фоиз дар соли 2016 паст фаромадааст.

Агар ба сохтори синну солии аҳолии машғул назар намоем, мувофиқи баҳодиҳии ТҚК-2016, камшавии пай дар пайи ҳиссаи ҷавонон (шахсони синни 15-29 сола) нисбат ба шумораи умумии машғулин ҷой дошт. Масалан ҳиссаи шахсони дар синни 15-19 сола буда, аз 18,1 фоиз дар соли 2004, то 7,1 фоиз дар соли 2016, ва дар синни 20-24 сола аз 12,2 фоиз дар соли 2004 то 10,2 фоиз дар соли 2016 кам шудааст. Ҳамзамон сатҳи шуғли ҷавонон дар синну соли 25-29 сола устувор боқӣ мондааст (13,4 фоиз дар соли 2004, 13,8 фоиз дар соли 2016). Дар ин давра ҳиссаи шуғлнокии аҳолии калонсол зиёд шудааст, яъне шахсони синни 30-75 сола, мунтазам ба таври доимӣ аз 56,3 фоиз дар соли 2004 то 62,6 фоиз дар соли 2009 ва то 68,9 фоиз дар соли 2016 зиёд шудаанд.

Чунин тавсифи тағйирёбиро аз маълумотҳои дар поён овардашуда, низ дар муносибат ба сатҳи маълумотнокии аҳолии машғул, ки доимӣ дар давоми ин давраи нишон додашуда зиёд шудааст, мушоҳида кардан лозим аст.

Ҳиссаи машғулини дорои маълумоти миёнаи касбӣ дар давраи аз соли 2004 то соли 2016 аз 7,9 фоиз то 8,9 фоиз зиёд шудааст, ва ҳиссаи шахсони дорои маълумоти олӣ аз 11,2 фоиз то 17,0 фоиз зиёд шудааст. Дар худи ҳамин давра ҳиссаи машғулини дорои маълумоти ибтидоии умумӣ дошта аз 4,2 фоиз дар соли 2004 то 2,1 фоиз дар соли 2016 кам шудааст.

Як далел бисёр ҳам ҷолиби диққат буд, ки агар дар байни солҳои 2004 ва 2009 ҳиссаи аҳолии машғули дорои сатҳи маълумотнокии ибтидоии умумӣ надошта дар сатҳи нисбатан паст 0,7 фоиз боқӣ монда бошад ҳам, пас аз рӯи маълумотҳои ТҚК-2016 чунин шахсон дар байни аҳолии машғул умуман вуҷуд надоштанд.

Дар навбати худ ҳиссаи аҳолии машғул, ки сатҳи таҳсилотро дар аспирантура, ординатура ва ё адъюнктура анҷом додаанд дар соли 2016 ҳамагӣ 0,07 фоиз буд. Мумкин аст сатҳи пасти шуғлнокии ин категория аҳолиро чунин шарҳ додан лозим, ки фарогирии нокифояи интихоб вуҷуд дошт. Тасдиқи ин гипотеза метавонад ин далел бошад, ки дар асоси ТҚК-2004 ва ТҚК-2009 иттилоот оид ба ин категорияи аҳолӣ ҷамъоварӣ нашуда буд.

Ҷадвали 4: Нишондиҳандаҳои асосии шуғли аҳолӣ дар ТҚК-2004, ТҚК-2009 ва ТҚК-2016

| Аҳолии машғул | Тақсимот (%) | | |
|---|---|---|---|
| | 2004 | 2009 | 2016 |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| • Шаҳрӣ | 20,0 | 24,5 | 24,6 |
| • Деҳа | 80,0 | 75,5 | 75,4 |
| **Ҷинс** | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| • Мардҳо | 53,4 | 56,8 | 59,5 |
| • Занҳо | 46,6 | 43,2 | 40,5 |
| **Аз рӯи синну сол** | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| • 15 – 19 сола | 18,1 | 9,5 | 7,1 |
| • 20 - 24 сола | 12,2 | 14,1 | 10,2 |
| • 25 -29 сола | 13,4 | 13,8 | 13,8 |
| • 30 -75 сола | 56,3 | 62,6 | 68,9 |
| **Сатҳи таҳсилоти гирифташуда** | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| Олӣ | 11,2 | 14,9 | 17,0 |
| - магистр | - | … | 13,6 |
| - бакалавр | - | | 3,4 |
| Олии нопурра | 1,2 | 0,7 | - |
| Миёнаи касбӣ | 7,9 | 6,3 | 8,9 |
| Ибтидоии касбӣ | 7,5 | 7,9 | 3,9 |
| Миёнаи (пурра) умумӣ | 50,5 | 51,8 | 54,0 |
| Умумии асосӣ | 16,8 | 14,7 | 14,1 |
| Ибтидоӣ | 4,2 | 2,9 | 2,1 |
| Ибтидоии умумӣ надорад | 0,7 | 0,7 | - |
| Таҳсилоти баъдидонишгоҳӣ (аспирантура, ординатура, ассистент) | - | - | 0,07 |

### 1.3.3. Бекорӣ

Дар ҷадвали 5 тағйирёбии нишондиҳндаҳои асосии демографии аҳолии бекор оварда шудааст. Аз рӯи маълумотҳои гирифташуда ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумии бекорон аз 55,5 фоиз дар соли 2004 то 37,9 фоиз дар соли 2009 паст фаромада, сипас то 41,0 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст.

**Ҷадвали 5: Нишондиҳандаҳои асосии демографии аҳолии бекор дар ТҚК-2004, ТҚК-2009 ва ТҚК-2016**

| Аҳолии бекор | Тақсимот бо (%) | | |
|---|---|---|---|
| | 2004 | 2009 | 2016 |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| • Шаҳр | 55,5 | 37,9 | **41,0** |
| • Деҳа | 44,5 | 62,1 | **59,0** |
| **Аз рӯи ҷинс** | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| • Мардон | 51,9 | 61,1 | **68,4** |
| • Занон | 48,1 | 38,9 | **31,6** |
| **Аз рӯи гурӯҳҳои синну соли** | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100.0** | **100.0** | **100.0** |
| 15 - 19 | 23,6 | 14,2 | **10,6** |
| 20-24 | 18,9 | 22,3 | **19,5** |
| 25-29 | 17,5 | 16,0 | **19,1** |
| 30 -75 сола | 40,0 | 47,5 | **50,8** |
| **Сатҳи таҳсилоти гирифташуда** | | | |
| **Ҳамагӣ** | 100.0 | 100.0 | **100.0** |
| Олӣ | 7,5 | 10,3 | 18,3 |
| - магистр | - | | 14,1 |
| - бакалавр | - | | 4,2 |
| Олии нопурра | 1,7 | 1,9 | - |
| Миёнаи касбӣ | 8,6 | 6,0 | 6,3 |
| Ибтидоии касбӣ | 7,6 | 8,2 | 2,3 |
| Миёнаи (пурра) умумӣ | 48,7 | 59,1 | 59,1 |
| Миёнаи асосӣ | 18,4 | 11,5 | 13,3 |
| Ибтидоии умумӣ | 6,0 | 2,2 | - |
| Ибтидоии умумӣ надоранд | 1,4 | 0,8 | 0,7 |
| Баъди таҳсилоти олӣ (аспирантура, ординатура, ассистент) | - | - | 0,05 |

Ҳиссаи мардон дар шумораи умумии бекорон доимо зиёд шуда 51,9 фоиз дар соли 2004, 61,1 фоиз дар соли 2009 ва 68,4 фоизро дар соли 2016 ташкил дод. Дар баробари ин ҳиссаи занҳо дар байни шумораи аҳолии бекор мунтазам кам шудааст аз 48,1 фоиз дар соли 2004 то 38,9 фоиз дар соли 2009 ва дар соли 2016 бошад 31,6 фоизро ташкил додааст.

Агар ба сохтори синнусолии аҳолии бекор назар кунем, пас дар ин ҷо вазъияти зерин мушоҳида карда шудааст. Сатҳи бекорӣ дар байни се гурӯҳи асосии ҷавонон(15-19, 20-24 ва 25-29 сола) фарққунанда буд. Масалан, агар ин нишондиҳанда дар байни аҳолии синни 15-19 сола (аз 23,6 фоиз дар соли 2004 то 10,6 фоиз дар соли 2016) мунтазам паст фаромада бошад, пас дар байни аҳолии синни 20-24 сола дар давоми солҳои 2004-2009 аз 18,9 фоиз то 22,3 фоиз зиёд шудааст ва баъдан то 19,5 фоиз дар соли 2016 паст фаромадааст. Дар ҷавонони синни 25-29 сола бошад, сатҳи бекорӣ дар байни ин гурӯҳи аҳолӣ аз 17,5 фоиз то 19,1 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст.

Сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии калонсол мунтазам аз 40 фоиз дар соли 2004, то 47,5 фоиз дар соли 2009 афзудааст ва дар соли 2016 50,8 фоизро ташкил додаст. Ба монанди ҳолати шуғл, ҳиссаи шахсони дорои маълумоти олӣ дар байни аҳолии бекор доимо зиёд шудааст (7,5 фоиз дар соли 2004 ва 18,3 фоиз дар соли 2016). Баъди афзоиши нисбатан баланд дар давоми солҳои 2004-2009 (аз 48,7 фоиз то 59,1 фоиз), ҳиссаи бекорони дорои маълумоти миёнаи пурра дар соли 2016 дар сатҳи 59,1 фоиз боқӣ мондааст. Дар боқимонда ҳолатҳо ҳиссаи бекорони дорои сатҳи таҳсилоташон нисбатан пасттар мунтазам кам шудааст.

### 1.3.4. Сохтори соҳавии шуғл

Дар ҷадвали 6 тағйиротҳо дар сохтори шуғл аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ оварда шудааст. Аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбӣ дар маҷмӯъ шумораи машғулин дар кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ аз 52,9 фоиз дар соли 2009 то 45,8 фоиз дар соли 2016 бисёрҳам тез кам шудааст. Дар дигар соҳаҳое, ки ҳиссаи машғулин ба таври назаррас паст шудааст, саноати коркард; меҳмонхона ва тарабхона; таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳавои кондисионерӣ буданд, ки дар маҷмӯъ 8,5 фоизи машғулинро дар соли 2009 ва 7,4 фоизро дар соли 2016 ташкил

додааст. Сатҳи назарраси пастравии шуғл дар амалиётҳо бо амволи ғайриманқул аз 0,9 фоиз то 0,1 фоиз ҷой дошт.

### Ҷадвали 6: Тақсимоти машғулин аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар ТҚК-2009 ва ТҚК-2016

| Соҳа | Тақсимот бо (%) | |
|---|---|---|
| | 2009 | 2016 |
| **Ҳамагӣ** | 100,0 | 100.0 |
| A Кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ | 52,9 | 45,8 |
| B Саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо | 0,4 | 0,4 |
| C Саноати коркард | 5,5 | 5,4 |
| D Таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва ҳавои кондитсионер | 1,5 | 0,6 |
| E Таъминоти об; низоми қубурҳо, партофтани партовҳо ва андешидани чораҳо нисбат ба барқарор намудани муҳити зист | … | 0,4 |
| F Сохтмон | 8,2 | 8,6 |
| G Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобил ва мотосиклҳо | 8,9 | 10,6 |
| H Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 4,2 | 5,0 |
| I Меҳмонхона ва тарабхона | 1,5 | 1,4 |
| J  Иттиллот ва алоқа | 0,5 | 0,6 |
| K Фаъолияти молиявӣ ва суғурта | 0,7 | 1,1 |
| L Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,9 | 0,1 |
| M Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | … | 0,8 |
| N Фаъолият дар самти хизматрасониҳои маъмурӣ ва ёрирасон | … | 0,2 |
| O Идораи давлатӣ ва муҳофиза; суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ | 3,6 | 4,6 |
| P Маориф | 6,6 | 8,1 |
| Q Фаъолият дар соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 3,0 | 4,1 |
| R  Фарҳанг, санъат, соҳаи  вақтхушӣ ва истироҳат | 0,6 | 0,7 |
| S Дигар намудҳои фаъолият дар соҳаи хизматрасонӣ | 0,6 | 0,7 |
| T Фаъолияти хоҷагии хонавода ба сифати корфармо;  фаъолияти назоратнашавандаи хонаводаҳо оид ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ барои истеъмолоти шахсӣ | 0,2 | 0,8 |
| U Фаъолияти ташкилотҳо ва идораҳои хориҷӣ | 0,2 | 0,05 |

Дар навбати худ ҳиссаи машғулин дар савдои яклухт ва чакана аз 8,9 фоиз дар соли 2009 то 10,6 фоиз дар соли 2016 афзудааст. Ҳамин ҳолат дар маориф низ ба мушоҳида расид, ки ҳиссаи машғулин аз 6,6 фоиз дар соли 2009 то 8,1 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аслан дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тағйирёбии ҳиссаи машғулин дар давоми солҳои 2009-2016 мушоҳида карда шуд. Масалан нишондиҳандаи нисбии ҳиссаи машғулин дар соҳаи сохтмон аз 8,2 фоиз дар соли 2009 то 8,6 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст, дар фаъолияти молиявӣ ва суғурта бошад аз 0,7 фоиз дар соли 2009 то 1,1 фоиз дар соли 2016 афзудааст.

Ба ҳамин монанд сатҳи машғулин дар идораи давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, афзоиши нисбатан баланд ба қайд гирифта шуд аз 3,6 фоиз дар соли 2009 то 4,6 фоиз дар соли 2016, ҳамчунин дар фаъолияти соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ мутаносибан ҳиссаи машғулин аз 3,0 фоиз то 4,1 фоиз зиёд шудааст.

Новобаста аз ин сатҳи машғулин дар баъзе намудҳои фаъолияти иқтисодӣ қариб, ки дар давраи нишон додашуда бетағйир боқӣ мондааст - ин саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо, фарҳанг, санъат соҳаи вақтхушгузаронӣ ва истироҳат; дигар намудҳои фаъолият дар соҳаи хизматрасонӣ.

Дар асоси таҳлили мазкур, метавонем хулосаи умумӣ намоем, ки дар сохтори шуғл дар Тоҷикистон як гузариши устувор аз шуғл аз соҳаҳои меҳнатталаб, ба монанди кишоварзӣ ва саноати коркард ба соҳаҳои хизматрасонӣ ба вуҷуд омадааст.

### 1.3.5. Сохтори касбияти машғулин

Дар ҷадвали 7 тағйиротҳое, ки дар давоми солҳои 2009-2016 дар сохтори касбии аҳолии машғули Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, нишон дода шудааст[5]. Аз ҷадвали 7 дидан мумкин, ки ҳиссаи кормандони баландихтисос дар ду гурӯҳи аввали касбу ихтисосҳо «роҳбарон» ва «мутахассисони касбӣ» ду баробар зиёд шудаанд (мутаносибан аз 2,8 фоиз то 4,1 фоиз ва аз 7,2 фоиз то 14,8 фоиз).

[5] Дар асоси Таснифоти байналмиллалии стандартии машғулин соли 2008.

### Ҷадвали 7: Тақсимоти машғулин аз рӯи касб: ТҚК- 2009 ва ТҚК-2016

| Касбҳо | Тақсимот бо (%) | |
|---|---|---|
| | 2009 | 2016 |
| Ҳамагӣ | 100.0 | 100.0 |
| 1 Роҳбарон | 2,8 | 4,1 |
| 2 Мутахассисони касбӣ | 7,2 | 14,8 |
| 3 Мутахассисони техникӣ ва дигар кормандони миёнаи махсус | 4,9 | 4,9 |
| 4 Хизматчиён | 0,7 | 1,2 |
| 5 Кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо | 10,3 | 11,0 |
| 6 Кормандони баландихтисоси моҳипарварӣ, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 0,9 | 2,8 |
| 7 Кормандони баландихтисоси саноат ва машғулиятҳои ба ҳамин монанд | 6,1 | 10,1 |
| 8 Операторҳо ва васлгарони дастгоҳҳо ва мошинаҳои саноатӣ | 5,6 | 7,0 |
| 9 Кормандони беихтисос | 61,4 | 27,3 |

Ҳиссаи кормандони сатҳи касбиашон миёна (мутахассисон-техникҳо ва дигар кормандони миёнаи-махсус) бетағйир боқӣ мондааст, вале ҳиссаи хизматчиён қариб ду баробар зиёд шудааст – аз 0,7 фоиз то 1,2 фоиз.

Зиёда аз се баробар ҳиссаи кормандони баландихтисоси соҳаи морҳипарварӣ, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал – аз 0,9 фоиз то 2,8 фоиз зиёд шудааст. Афзоиши нисбатан баланди устувор бо ҳисоби фоиз дар байни кормандони баландихтисоси соҳаи саноат ва кормандони касбу ихтисоҳои ба ҳамин алоқаманд аз 6,1 фоиз дар соли 2009 то 10,1 фоиз дар соли 2016 мушоҳида карда шуд.

Ҳиссаи кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо на он қадар зиёд аз 10,3 фоиз дар соли 2009 то 11,0 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст. Афзоиши муайян дар байни операторон ва васлгарони дастгоҳҳо ва мошинаҳои саноатӣ аз 5,6 фоиз дар соли 2009 то 7,0 дар соли 2016 ба вуҷуд омадааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи кормандони дорои ихтисоси оддӣ (кормандони беихтисос) зиёда аз ду баробар аз 61,1 фоиз дар соли 2009 то 27,3 фоиз дар соли 2016 кам шудааст.

Маълумотҳои дар боло овардашуда дар маҷмӯъ тамоюли мусбии афзоиши ҳиссаи қувваҳои кориро дар бозори меҳнати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2009-2016 нишон медиҳад.

## ҚИСМИ 2. АҲОЛИИ СИННИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА РАВЗАНАИ ДЕМОГРАФӢ[6]

Мувофиқи натиҷаҳои Таҳқиқоти қувваҳои корӣ – 2016, дар ҷадвали 8 овардашуда, шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8551240 нафарро ташкил дод. Баҳодиҳии шумораи аҳолӣ дар синни қобили меҳнат, яъне шахсони синни 15-75 сола, 5314273 нафарро ташкил доданд.

**Ҷадвали 8. Аҳолӣ дар синни қобили меҳнат**

| Аҳолӣ | Шумора |
|---|---|
| Хамагӣ аҳолӣ* | 8551240 |
| Аҳолӣ дар синни 15-75 сола | 5314273 |
| * Шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон мувофиқи фарогирии ТҚК-2016, ки шахсони дар лаҳзаи таҳқиқот дар беморхонаҳо; мактаб-интернатҳо; хобгоҳҳо; интернатҳои барои пиронсолон ва маъюбон; дар дигар муассисаҳои институтсионалӣ; ҳамчунин шахсоне, ки ҷои муайяни истиқомат надоранд. | |

Аҳолии синни қобили меҳнат иқтидори асосии инсонии мамлакатро ташкил медиҳад ва иқтидори пешниҳод намудани қувваҳои кориро муайян менамояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, аҳолии синни қобили меҳнат яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ва то дараҷае қобилияти иҷро намудани кори муайян мебошад ва аз рӯи сатҳи касбият сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти миллӣ вобастагӣ дорад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, категорияҳои гуногуни аҳолӣ гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи худ онҳо барои таҳқиқотҳо манфиатҳои калон доранд, ва қонеъгардонии онҳо талаботҳои махсусро талаб мекунад, ки дар маҷмӯъ интститутҳои давлатӣ ва ҷамъият ба ин даъватҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

### 2.1 Ҳудудҳои синнусолӣ

Барои муайян намудани шумораи аҳолии синни қобили меҳнат, стандартҳои байналмиллалӣ талаботҳои муайянро ба назар мегиранд, ки: (а) ҳудуди синну соли поёнӣ бояд бо назардошти синни ҳадди ақали қабул ба кор, ҳамчунин дар қонунгузорӣ ва ё ягон қоидаҳо, ё ин ки вобаста ба синни хатми таҳсилоти миёнаи асосӣ баробар бошад; (б) бо мақсади пурра фаро гирифтани ҳамаи фаъолияти меҳнатии аҳолии калонсол, ҳамчунин омузиши гузариш аз синни шуғл ба синни нафақа, муайян кардани синни ниҳоии болоӣ тавсия дода намешавад.

Дар Тоҷикистон, синни ҳадди ақали иҷозат барои қабул дар кор аз 15 солагӣ муайян карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки бо як қатор сабабҳои объективӣ, ТҚК-2016 синну соли болоии аҳолии синни қобили меҳнат дар сатҳи 75 сола муайян карда шуд.

[6] Қисман мутобиқ гардонида шудааст аз: *LabourForceSurvey 2014: Brunei Darussalam*. Department of Economic Planning and Development, Prime Minister's Office, Brunei Darussalam 2016.

## 2.2. Пирамидаи ҷинсию синнусолии аҳолӣ

Сохтори ҳозираи аҳолӣ ва тамоюлҳои ояндаро метавонем аз рӯи пирамидаи ҷинсию-синнусолии аҳолӣ таҳқиқ намоем. Лекин таҳлили ҷинсию-синнусолии пирамида аз чорчубаи таҳқиқот берун мебарояд, баъзе аз маълумотҳои гирифташуда дар доираи ТҚК-2016, иттиллотро барои чунин таҳлилҳо пешниҳод менамояд. Пирамидаи синну солии овардашуда дар диаграмаи 1, тақсимоти мардҳо ва занҳоро аз рӯи синну сол нишон медиҳад.

Пирамидаи синну солии Тоҷикистон (ба диаграмаи 1 нигаред) шакли пирамидаи симметриро бо қисмати афзояндаи болоӣ ва заминаи афзояндаи поёниро дорад.

**Диаграммаи 1. Пирамидаи ҷинсию-синнусолии аҳолӣ аз рӯи ТҚК-2016**




Пирамида аҳолии дорои нишондиҳандаи баланди таваллуд, сатҳи нисбатан пасти фавт ва шумораи зиёди аҳолии синни 15-29 сола, яъне ҷавононро инъикос менамояд. Ҳамин тавр пирамидаи синну солии аҳолии Тоҷикистон вобастагии ояндаи кишварро аз иҷрои бомуваффақонаи Барномаи дарозмӯҳлати давлатии рушди бозори меҳнат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа, ки ин ташкили ҷойҳои кории зиёд барои насли наврас мебошад, нишон медиҳад.

## 2.3. Равзанаи демографӣ

Равзанаи демографӣ давраи эволютсияи таҳлили тақрибан 30-40 солро ташкил медиҳад, вақте, ки ҳиссаи кӯдакони синни то 15-сола аз 30,0 фоиз ва аҳолии синну соли 65 ва калонтар аз 15,0 фоиз[7] пасттар боқӣ мондааст. Кишварҳое, ки ба равзанаи демографӣ ворид шудаанд, коэффисиенти нисбатан пасти вобастагӣ доранд (таносуби шумораи вобастагӣ ба аҳолии синну сол) ва аз ин рӯ, чунин кишварҳо барои ҷамъоварии маблағҳо, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ имкониятҳои бештар доранд.

Мувофиқи натиҷаҳои ТҚК-2016, дар соли 2016 ҳиссаи кӯдакони синни то 15 сола нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ 33,2 фоизро ташкил додааст, ва ҳиссаи аҳолии синни 65 сола ва калонтар 4,0 фоизро ташкил дод (ниг. ба ҷадвали 9). Пас, танҳо як нишондиҳанда аз ҳадди муайянгардидаи ин воҳид дар ҳадди 30,0 фоиз ва 15,0 фоиз пасттар қарор дорад.

**Ҷадвали 9. Равзанаи демографӣ дар Тоҷикистон**

| | ТҚК-2016 | Ҳад |
|---|---|---|
| Ҳиссаи кӯдакон дар синни 0-14 сола нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ | 2842293 | <33.2 % |
| Ҳиссаи аҳолии синни 65 сола ва калонтар нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ | 338641 | <4.0 % |

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ба охир расидани давраи равзанаи демографӣ, пастравии коэффитсиенти таваллуд, ки ба пиршавии аҳолӣ ва зиёдшавии ҳиссаи аҳолии синни калонсол оварда мерасонад, оғоз мегардад. Ин ҳолат ба зиёдшавии коэффитсиенти вобастагӣ, ки вазнини иловагиро ба аҳолии камшавандаи синни қобили меҳнат бор менамояд ва ҳамчунин имкониятҳои гирифтани захираҳои молиявии заруриро барои пардохтҳои иҷтимоӣ ва афзоиши иқтисодиёт паст менамояд.

Маълумотҳои ТҚК-2016 аз эҳтимолияти баромадани Тоҷикистон оҳиста-оҳиста аз равзанаи демографӣ шоҳидӣ медиҳад. Вале, ин хулосаро аз рӯи маълумотҳои гирифташудаи тадқиқотҳои дар оянда гузаронандаи қувваҳои корӣ, ҳамчунин маълумотҳои демографии ҳаракати табиии аҳолӣ санҷидан лозим аст.

* * *

[7] UN Population Division, World Population in 2300. ST/ESA/SER.A/236, New York, 2004.

# ҚИСМИ 3. ҚУВВАҲОИ КОРӢ ВА ШУҒЛ

## 3.1. Ҳиссаи қувваҳои корӣ нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ

Мувофиқи маълумотҳои дар ҷадвали 10 нишон дода шуда, дар соли 2016 шумораи қувваҳои корӣ дар Тоҷикистон 2252228 нафар, ки аз он ҷумла 2096470 нафар машғулин ва 155758 нафарро бекорон ташкил додаанд. Аз шумораи умумии машғулин 515616 нафар ё 24,6 фоиз дар маҳалҳои шаҳрӣ ва 1580853 нафар ё 75,4 фоиз дар маҳалҳои деҳот машғул буданд. Аз рӯи маълумотҳои овардашуда дидан мумкин аст, ки ҳиссаи машғулин дар деҳот нисбатан баланд мебошад, ин омил нишон медиҳад, ки қисмати бештари аҳолии Тоҷикистон дар маҳалҳои деҳот зиндагонӣ мекунанд (73,6 фоиз).

Дар баробари ин, дар давоми ҳашт соли охир муҳоҷирати аҳолии деҳот ба шаҳр мушоҳида карда мешавад, ки як фишори муайянро ба бозори меҳнат дар маҳалҳои шаҳрӣ мерасонад ва мумкин аст омили асосии баланд будани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии шаҳр бошад, ки ду маротиба дар қиёс аз нишондиҳандаи маҳалҳои деҳот баланд мебошад (мутаносибан 11,0 фоиз ва 5,5 фоиз). Лекин бояд ба он омил таваҷҷуҳ кард, ки новобаста аз он, ки сатҳи бекорӣ дар маҳалҳои деҳот паст бошад ҳам, шумораи бекорон аз рӯи нишондиҳандаи мутлақ дар деҳот зиёдтар мебошад. Аз ин ҷо бояд хулоса намуд, ки кор пайдо кардан дар маҳалҳои деҳот нисбатан мушкил мебошад.

**Ҷадвали 10. Ҳайати қувваҳои корӣ, ТҚК-2016**

| Мақом | Ҳамагӣ | Шаҳр | Деҳа |
|---|---|---|---|
| Қувваҳои корӣ | 2252228 | 579455 | 1672773 |
| Машғулин | 2096470 | 515616 | 1580854 |
| Бекорон | 155758 | 63839 | 91919 |

## 3.2. Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ

Дар Диаграммаи и 2 сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ ва сатҳи шуғлнокии аҳолӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол нишон дода шудааст.

**Сатҳи иштирок дар қувваҳои корӣ (LFPR)** ин нишондиҳандаи сатҳи фаъолнокии аҳолӣ дар бозори меҳнат мебошад. Ин нишондиҳанда таносуби қувваҳои кориро нисбат ба аҳолии синни қобили меҳнат бо ҳисоби фоиз муайян мекунад. Ин нишондиҳанда имконият медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии синни қобили меҳнат, ки ба ҳайати қувваҳои корӣ ба сифати машғулин ва ё бекорон дохил мешаванд, ҳисоб карда шавад.
**Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ** дар синни қобили меҳнат (Emp-Pop) – нишондиҳандаи мазкур бештар ба сифати критерияи асосӣ барои фаҳмидани талаботи умумӣ ба қувваҳои корӣ дар иқтисодиёт, зеро ки иттиллотро оид ба қобилияти иқтисодиёт дар самти ташкили ҷойҳои кориро пешниҳод менамояд.

**Диаграммаи 2: Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ ва сатҳи шуғлнокӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол, ТҚК-2016**




Тавре, ки дар аксари намунаҳои миллии бисёри аз кишварҳо LFPR ва EmpP-Pop, каҷхаттаи сатҳи иштироки мардон дар қувваи корӣ ва шуғл дар Тоҷикистон як шакли U-формулаи ифодашуда доранд. Дар ҳарду ҳолатҳо, миқдори мардҳо аз занон баландтар аст, ки сатҳи баланди иштирок дар ҳамаи гурӯҳҳои синну сол дар қувваи корӣ ва шуғл инъикос меёбанд. Ҳамзамон, дар ҳар ду ҳолат, ҳам каҷхатта барои мардон дар синну соли гурӯҳҳои нисбатан ҷавон тезтар афзоиш дорад, дар муқоиса нисбат ба занон – ин маънои онро дорад, ки ҳиссаи нисбатан баланди писарон, баъди хатми мактаб ба бозори меҳнат тезтар дохил мешаванд.

Дар айни замон агар каҷхаттаи LFPR дар мардон баъди расидан ба нуқтаи ниҳоии дар синни 25-29 сола каме пасттравӣ мушоҳида шуда бошад, пас дар гурӯҳи синну соли 45-49 сола ба ҳадди ниҳоӣ худ мерасад, нуқтаи аввалини LFPR дар занҳо дар синни 20-24 сола мушоҳида карда мешавад.

Ҳангоми ба синну соли 45-49 расидан ба синну соли синну сол, ҳарду зинапоя сар карда, то ба ҳадди баланди синнусолии синну соли 50-54 паст шуданро сар мекунанд. Сипас, афзоиши ночизи дуюм дар иштироки мардон дар қувваи корӣ оғоз меёбад, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат, ки дараҷаи дуюмро дар гурӯҳи синнӣ 60-64, ва ғ. Пеш аз он, ки мард дар Тоҷикистон дар синни 65-солагӣ ба нафақа баромада бошад. Дар ин ҳолат шаклҳои ҳарду ҳунармандони шинохтаи кӯҳӣ ба назар мерасанд. Пас аз он, ки ҳар ду тарафҳо пастшавии дарозрезиро оғоз мекунанд, ки пеш аз он ки синну соли 70-75 сола пасттар шавад ва сипас тамоман поён мешавад. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки дар муқоиса бо қисми зиёди аҳолии мардон қисми қувваи корӣ, аз ҷумла дар байни коргарон, аз синни нафақа зиёд аст. Ин метавонад ҳамчун нишондиҳандаи пасти пасти пули дар кишвар хизмат кунад.

Элементҳо барои занон дар ҳар ду ҳолат аз мардон фарқ мекунанд ва U-формулаи нисбатан пасттар доранд. Бо назардошти таркиби ҷинсӣ, занон ба кор шурӯъ мекунанд. Бо вуҷуди ин, сатҳи иштироки онҳо, ҳам дар қувваи корӣ ва ҳам дар шуғли аҳолӣ аз мардон хеле паст аст. Ғайр аз ин, сарфи назар аз он, ки curves то ҳадди аққал дар синну соли синну соли мардон (45-49 сол) ба даст меоранд, дар байни сатҳҳои онҳо фарқияти назаррас вуҷуд дорад - онҳо барои занон хеле фарқ мекунанд.

Тафовути хос навбатӣ байни кунед- барои мардон ва занон аст, ки тавре дар боло зикр гардид, авҷи аввали кач ба одамон дар гурӯҳи синнусолии 25-29 сол рух медиҳад, ва ба қуллаи аввали занон дар мӯҳлати поёнии гурӯҳи синнусолии 20-24 сол рух медиҳад, яъне. дар синни то 20 сола. Ва болоравии гурӯҳҳои синни ба пиразанон аст, хеле камтар тафриқаи назар ба мардон. Гузашта аз ин, дар ҳоле ки ҳар ду кунед- дар мардон бо шурӯъ аз синну 20-24 сол, якбора бархоста, ва суст афзоиши кунед- сар дар ин гурӯҳи синну сол дар занон афтод, ки дар сурати аз иштирок дар қувваи корӣ ва дар шуғл. Дар сурати кач LFPR равшан руйдодҳои биниҳед, аз кӯҳ аст. Ин ҳолат тақрибан ба миёнаи гурӯҳи синну соли 25-29-сола ба назар мерасад. Дар он гуфта мешавад, ки дар байни гурӯҳҳои батакрор аз 20-24 сола ва 25-29 сол, занон барои қисми бештари аз қувваи корӣ. Одатан, ин ба синни никоҳ, таваллуди кӯдак ва нигоҳубини кӯдак аст, то расидан ба синни мактабӣ.

Дар асоси таҳлили дар боло зикршуда мо метавонем хулосаи умумӣ дошта бошем, ки дар Тоҷикистон, сатҳи иштироки занон дар синну соли корӣ, ҳам дар меҳнати меҳнат ва ҳам дар соҳаи меҳнат назар ба мардон хеле кам аст ва хусусияти рафтори онҳо дар бозори меҳнат як қатор фарқиятҳо дорад. Хулосаи умумӣ ин аст, ки қисмати муайяни мардон ва занон пас аз ба синни нафақа расидани кор идома меёбанд.

### 3.3. Таҳлили муттаҳидаи коэффитсиенти умумии аҳолӣ дар синну соли корӣ ва ҳиссаи шахсони мансабдор дар маҷмӯи умумии аҳолӣ

Дар муқоиса бо нишондиҳандаи иштироки қувваи корӣ (LFPR) ва нишондиҳандае, ки нишондиҳандаи суръати шуғли аҳолии синну соли корӣ (Emp / Pop) дар бораи сохтори иштироки аҳолӣ дар қувваи корӣ (ниг. Ба ҷадвали 3) оварда шудааст.

Дар расми 3, кaчхаттаи болоии намояндагӣ LFPR маълумоти графикӣ аз ҷониби гурӯҳҳои синну сол, кaчхатта мувофиқ ба сатҳи шуғли аҳолӣ дар синни корӣ (Emp-Pop15-75) нишон дода мешавад нест. Шакли ду кунед- якхела мебошанд. Ва ҳам дар гурӯҳҳои синну соли поёнии зиёд ба андозае, ки ҷавонон ба анҷоми системаи мактаб, қувваи корӣ дохил намоед ва ба кор кардааст. Ҳарду кунед- расидан ба як қуллаи барои аҳолии сола дар байни 45 ва 49 сол, он гоҳ аст, ки давраи таназзули нест. Онҳо шурӯъ зина ба зина дар гурӯҳи синну солии 55-59 сола ва қариб пурра байни синни 60 ва 64 сол, яъне дар давраи пеш аз оғози истеҳсолоти фаъоли мардон ба нафақа баромадан, баромадан оид ба анҷом додани нафақа занон ва оғози баромади аҳолӣ дар ин гурӯҳҳо синни ҳамроҳ шуд якҷоягӣ таркиби қувваи корӣ.

**Диаграммаи 3: Таҳлили якҷояи коэффитсиентҳои LFPR ва Emp-Pop аҳолии синни 15-75 сола, ТҚК-2016**[8]




Вале каҷхаттаи сатҳи шуғлнокии аҳолӣ нишон медиҳад, к ибо сабабҳои гуногун як қисми муайяни аҳолӣ баъди расидан ба синни нафақа ва баъди баромадан нафақа низ кор карданро идома медиҳанд. Дар баробари ин каҷхаттаи LFPR, ки дар оғози гурухи синни 60-64 сола, акси оинагии каҷхаттаи Emp-Pop инъикос мекунад, ин маънои онро дорад, ки барои шахсони ба синни нафақа расидан қариб, ки пайдо кардани кор ғайриимкон аст.

Фосилаи байни ду каҷхатта нишондиҳандаи бекориро нишон медиҳад. Дидан мумкин аст, ки ин фосила бештар дар гурӯҳҳои синни 25-29 сола ва 35-39 сола нисбатан возеҳ инъикос ёфтааст. Дар гурӯҳҳои синну соли калонтар, ин ду каҷхатта ба ҳамдигар дар фосилаи нисбатан наздик қарор гирифтаанд, ки ин пастравии сатҳи бекориро дар гурӯҳҳои синну соли калонтар нишон медиҳад.

Роҳи хатои дар Диаграммаи 3 хати уфуқӣ дар 30%, ки ба нисфи ҳадди ниҳоии LFPR мувофиқ меояд. Шурӯъ он бо нишондиҳандаи LFPR дар поёни тақсимоти хатҳо нишон медиҳад, ки синну соли миёнаи ҷавонон ба қувваи корӣ (тақрибан 20 сол) дохил мешавад. Шурӯъ бо нишондиҳандаи Emp-Pop дар синни каме баъдтар, тақрибан 23,1 сол мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки то оғози кори аввалин ҷавонон мунтазам дар муддати 1,5 сол ё тақрибан 18 моҳ мунтазам интизоранд.

Таҳлили параллелии охири хати (думи) болоии тақсимот нишон медиҳад, ки синну соли миёнаи баромадан ба нафақа тақрибан 63 сол аст, ки фарқияти синну соли дохилшавӣ ба қувваҳои корӣ (20 сол) нишон медиҳад, ки давомнокии интизории

[8]Частично адаптировано из: Labour Force Survey 2014: Brunei Darussalam. Department of Economic Planning and Development, Prime Minister's Office, Brunei Darussalam 2016.

ҳаёти меҳнатии аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 43 солро ташкил медиҳад (аз 63 сол 20 сол тарҳ карда мешавад).

### 3.4. Сатҳи маълумоти гирифташуда

Сатҳи касбияти қувваҳои корӣ ба дараҷае аз рӯи сатҳи маълумотнокии аҳолии машғул муайян карда мешавад. Дар бисёр аз кишварҳо бо тавре васеъ қабул гардидааст, ки алоқамандии зич байни ноил гардидан дар самти маориф ин имконияти пайдо кардани шуғл мебошад. Чи тавре дар дар Диаграммаи 4 дидан мумкин аст, ҳиссаи шахсони машғули дорои маълумоти олӣ дар Тоҷикистон аз 15 фоизи соли 2009 то 17 фоиз дар соли 2016 зиёд шудааст. Дар ин давра ҳиссаи машғулини дорои сатҳи маълумоти миёнаи касбӣ аз 7 фоиз то 9 фоиз, ва ҳиссаи машғулини дорои маълумоти миёнаи умумӣ (пурра) аз 51,8 фоиз то 54 фоиз афзудааст. Дар ин маврид ҳиссаи машғулини дорои сатҳи маълумоти миёнаи асосӣ аз 15 фоиз то 14 фоиз кам шудааст. Агар ҳиссаи машғулини дорои сатҳи маълумоти ибтидоӣ назар афканем пас дар ин давра бетағйир дар сатҳи 2 фоиз боқӣ мондааст.

**Диаграммаи 4: Тағйирёбии сатҳи маълумоти гирифтаи аҳолии машғул дар солҳои 2009 ва 2016.**







### 3.5. Мақом дар шуғл

Мувофиқи маълумотҳои ТҚК-2016 хусусияти асосии сохтори шуғл дар Тоҷикистон ин ҳиссаи баланди кормандони кироя (34,8 фоиз) ва таносубан ҳиссаи нисбатан пасти ёрдамчиён аз ҳисоби аъзоёни хонавода мебошанд (8,5 фоиз) мебошад, ҳиссаи шахсоне, ки аз ҳисоби худашон кор мекунанд (45,5 фоиз), дар навбати худ ҳиссаи корфармоён 10,7 фоизро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин таваҷҷуҳи махсусро ба он далел бояд равона кунем, ки дар давоми давраи

гузаронидани ТҚК-2009, дар сохтори шуғли аҳолии Тоҷикистон як қатор тағйиротҳои мусбӣ ба вуҷуд омад. Чи тавре дар Диаграммаи и 5 омадааст, таносубии фоизии кормандони кироя дар сохтори шуғли аҳолӣ аз 52,2 фоиз то 34,8 фоиз, ва ҳиссаи шахсони аз ҳисоби худашон кор кунанда аз 46,7 фоиз то 45,5 фоиз паст фаромадааст. Дар баробари ин ҳиссаи корфармоён аз 0,4 фоиз то 10,7 фоиз баланд шудааст, ва ҳиссаи ёрдамчиён аз ҳисоби аъзоёни хонавода зиёда аз 22 баробар – аз 0,4 фоиз то 8,5 фоиз зиёд шудааст.

**Диаграммаи 5. Тағйирёбии мақом дар шуғли аҳолӣ дар ТҚК-2009 ва ТҚК-2016**







Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин, ки дар давоми солҳои 2009-2016 пешравии назаррас дар сохтори мақом дар шуғли Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Агар дар соли 2009 зиёда аз нисфи аҳолии машғул ба сифати корманди кироя кор карда бошанд, пас дар соли 2016 қариб 66 фоизи машғулинро худиштиғолон (шахсони аз ҳисоби худашон кор кунанда) ташкил доданд, яъне ихтиёран худашонро бо сарчашмаи даромад таъмин намудан, на аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ.

* * *

## ҚИСМИ 4. НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА НАМУДҲОИ МАШҒУЛИЯТ (ИХТИСОС)

### 4.1. Намуди фаъолияти иқтисодӣ

Ба намудҳои фаъолияти иқтисодӣ фаъолияти муассиса ва ё идора, ки шахси машғул дар давоми давраи таҳқиқот кор кардааст дохил мешавад. Муассиса метавонад ферма, шахта, фабрика, устохона, мағоза, идора ва ё ягон намуд воҳиди хоҷагӣ бошад. "Корхона" мафҳуми бисёр васеъ мебошад нисбат ба "муассиса". Корхона ин шахси ҳуқуқӣ (ва ё гурӯҳи шахсони ҳуқуқӣ) мебошад, ки метавонад якчанд муассиса бо якчанд намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар ҷойҳои гуногун дошта бошад.

Чи тавре аз Диаграммаи и 6 мебинем, аз рӯи маълумотҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ ТҚК-2016, дар сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии Тоҷикистон як қатор тағйиротҳои мусбӣ ба вуҷуд омадааст. Масалан сатҳи машғулин дар соҳаи кишоварзӣ аз 52,2 фоиз то 45,8 фоиз кам шудааст. Ин тағйиротҳои куллиро махсусан метавонем ба доираи вақт нисбат диҳем, ки дар давраи солҳои 2009 то 2016 кишвар аз буҳрони иқтисодӣ баромад, ки ба пастравии истеҳсолот ва истеъмолоти дар ҷаҳон вобастагӣ дошт ва ҳамчунин мушкилиҳои дар иқтисодиёти дохили кишвар вобастагӣ дошт.

**Диаграммаи 6: Машғулин аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кори асосӣ, ТҚК-2009 ва ТҚК-2016**







Ҳамзамон таносуби фоизи машғулин дар саноат бетағйир боқӣ мондааст, ки метавон аз устувории иқтисодиёти кишвар вобаста ба вазъи дар боло қайд шуда, зикр кардан мумкин аст.

Ба сифати боз як натиҷаи мусбат қайд кардан лозим аст, ки машғулин дар бахши хизматрасонӣ аз 32 фоиз то 39 фоиз зиёд шудааст.

## 4.2. Намудҳои машғулият (ихтиссос)

| |
|---|
| Машғулият ба намуди коре дохил мешавад, ки шахси дар ҷойи кор анҷом медиҳад. Мафҳуми машғулият ҳамчун «маҷмӯи кор, ки дараҷаи баланди анҷом додани вазифаҳои асосӣ ва ӯҳдадорӣ"–ро муайян карда шудааст. Ягон шахси муайян метавонад ба ягон машғулияти муайян дар ҷои кори асосӣ, ки айни замон иҷро менамояд, кори дуюмдараҷа, кори оянда ва кори қаблан анҷом додашуда, алоқаманди дошта бошад. |

ТҚК-2016 маълумотҳоро оид ба шуғли аҳолӣ, ки аз рӯи Таснифоти байналмиллалии машғулиятҳо 2008 сол, аз рӯи намуди машғулият (ихтиссос) дар сатҳи 4 аломат дорад. Дар Диаграммаи и 7 понздаҳ намуди ихтисосҳои аз ҳама бештар маъмул дар ҷойи кори асосии аҳолии машғул аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 7: 15 намуд ихтисосҳои аз ҳама бештар маъмули аҳолии машғул дар кори асосӣ, ТҚК-2016 (4-аломати сатҳи гурӯҳбандии машғулият)**




Дар ТҚК - 2016 намуди машғулияти аз ҳама бештар маъмул ин коргарони беихтисос буданд. Ба ин намуди машғулият 309213 нафар машғул буданд, ки аз онҳо ҳиссаи бештарро занҳо (170192 нафар) ташкил медоданд. Баъди ин гурӯҳ дар ҷойи дуюм коргарони корҳои гуногунро анҷом диҳанда (135501 нафар) ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи бештарро мардон ташкил додаанд (88405 нафар). Ронандаҳои мошинҳои сабукрав, таксиҳо ва боркашонҳо; фурӯшандаҳои бозор ва дигар

кормандони соҳаи савдо, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил намешаванд ба қатори се ихтисоси (машғулият) аз ҳама бештар маъмулро ташкил додаанд.

Бояд қайд намуд, ки 15 намуди машғулиятҳои бештар маъмул ҳамаи бахшҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистонро (саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ) дар бар гирифтааст.

Ба понздаҳ ихтисосҳои (машғулиятҳо) аввал 48,4 фоизи шумораи умумии машғулин дар кишвар рост омадааст. Ин маълумотҳо аз он шоҳиди медиҳанд, ки новобаста аз афзоиши зиёди ҳиссаи шахсони хатмкардаи таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва олӣ дар байни солҳои 2009 ва 2016, аҳолии машғул дар Тоҷикистон дар ҷойҳои кори, ки ба ихтисосҳои паст талаботашон зиёд аст бештар кор кардаанд.

**Диаграммаи 7.1. 15 ихтисосҳои бештар маъмули аҳолии машғул дар кори асосӣ аз рӯи ҷинс, ТҚК-2016 (4-аломатаи сатҳи гурӯҳи машғулият)**




Инро таҳлили маълумотҳои ТҚК-2016 оид ба номувофиқии байни сатҳи маълумотнокии аҳолии синни 30-75 сола ва машғулиятҳо дар ҷойи кор, нишон дод,ки кори анҷомдодаи 50,2 фоизи аҳолии машғули калонсол бо сатҳи таҳсилот ва ё таҷрибаю малакаи гирифтааш мувофиқат намекунад.

Тақсимоти умумии ихтисосҳоро аз нуқтаи назари баробарии гендерӣ метавонем бо ёрии индекси тақсимкунии ихтисосҳо чен кунем. Индекси тақсимкунии

ихтисосҳо (D) яке аз нишондиҳандаҳои меҳнати арзандаи ТБМ мебошад. Ин нишондиҳанда одатан ба сифати прокси-индикатор барои имкониятҳои баробари машғулият ва ихтисоси шахси машғул истифода мешавад.

Ин индекс нишон медиҳад, ки то кадом андоза бозори меҳнат ба «мардҳо» ва «занҳо» аз рӯи ихтисос тақсим шудааст. Масалан, ҳиссаи занҳо (ё ин ки мардҳо) дар шуғли ғайрикишоварзӣ бо бартарияти занҳо (ё мардҳо) аз рӯи ихтисос, ё ин ки шуғли ғайрикишоварзӣ дар маҷмӯъ бо бартарияти гендерии як ҷинс нисбат ба ҷинси дигар. Мазмуни индекси тақсимкунии ихтисоси (D) дар фосилаи байни аз 0 то 1, дар навбати худ «0» тамоман набудани таксимкуниро нишон медиҳад, ва 1 тақсимкунии пурраро нишон медиҳад. Индексро ҳамчун ҳиссаи шахсон, ки мехоҳанд ихтисосашонро барои ноил шудан ба тақсимкунии сифрӣ иваз менамоянд, шарҳ додан мумкин аст.

Дар асоси Диаграммаи и 7.1. ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз 15 ихтиссосҳои аз ҳама бештар маъмул шаштои онҳо бо бартарияти бештар занона мебошанд: коргарони беихтисос, фаррошҳо ва хизматрасонҳо дар муассисаҳо, меҳмонхонаҳо ва дигар ҷойҳо, гулдузҳо, дузандаҳо ва ихтисосҳои ба ҳамин намуди машғулиятҳо монанд; муаллимони мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; ва бухгалтерҳо.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбасти ТҚК-2016 таснифи аҳолии машғул аз рӯи ҷинс ва ихтисос, индекси тақсимкунии ихтисосҳо дар Тоҷикистон қариб 0,61 воҳидро ташкил дод.

* * *

## ҚИСМИ 5. БАХШИ ҒАЙРИРАСМӢ ВА ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ[9]

### Диаграммаи 8. Элементи шуғли ғайрирасмӣ (тавсияи 17-умин КБОМ)[10]




### 5.1. Шуғл дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ

*Бахши расмӣ* – ба бахши расмӣ корхона ва фаъолияти даромадноке, ки расман ба қайд гирифта шудааст ва ҳисоботи муҳосибавӣ дар бораи даромад ва хароҷотҳои худ мебарад, ҳамчунин:

i. Онҳо системаи ташкилӣ корӣ аниқ тасдиқшуда доранд, ки қоидаҳои муайянеро барои кироя кардан барои кор, шартномаи меҳнатӣ ва як қатор корҳо иҷро мекунанд;

i.i.Муносибатҳои муқаррарии байни корфармо ва кормандро дар асоси шартномаи расмии басташуда сахт танзим мекунад.

Шахсоне, ки дар чунин корхонаҳо кор мекунанд бояд аз рӯи соати муқаррар кор ва маоши муайян ва ё музди меҳнат, илова ба дигар ҳавасмандгардонӣ ва манфиатҳои ба кормандони онҳо ба кор дар муҳити корӣ арзанда ва барои ба даст овардани кумакпулиҳо, имтиёзпулиҳо ва рухсатпулиҳо дода мешавад. Онҳо бояд ҳамчунин

[9] Частично адаптировано из: Labour Force Survey 2014: Brunei Darussalam. Department of Economic Planning and Development, Prime Minister's Office, Brunei Darussalam 2016.

[10] Международная организация труда. «Измерение неформальности: Пособие по статистике неформального сектора и неформальной занятости». МБТ, Женева 2013 г., стр. 41.

ҳуқуқи дар як ассосиатсияҳои касбӣ, созмон ё иттиҳодияҳо аъзо бошанд, ки мумкин аст, дар сурати вайрон кардани ҳуқуқи меҳнатии онҳо муроҷиат карда тавонанд. Илова бар ин, кормандони дар корхонаи расмӣ фаъолияткунанда бояд ба шаклҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоӣ, ба монанди суғуртаи ҳаёт, суғуртаи тиббӣ, нафақапкулӣ аз рӯи синни сол ва ғайра ҳуқуқ дошта бошанд. Ба ин категория мисол шуда метавонанд хизматчиёни давлатӣ, кормандони корхонаҳои бахши давлатӣ ва мудофиа, ширкатҳои трансмиллӣ, миллӣ ва хусусӣ, мактабҳо, коллеҷҳо, муассисаҳои илмӣ, ширкатҳои идоракунӣ, бонкҳо ва ғайра.

Бисёре аз одамоне, ки кори арзанда надоранд ва ё даромадҳои кофӣ кор намекунанд, кӯшиш мекунанд, ки барои таъмини зиндагии шахсӣ барои даромади зиёдтар ба даст овардан дар бахши ғайрирасмӣ кор кунанд.

"Бахши ғайрирасмӣ дар маҷмӯи васеъ метавонад ҳамчун ҷузъи воҳидҳои истеҳсолкунандаи мол ё хизматрасонӣ бо ҳадафи аввалини таъмини шуғли аҳолӣ ва даромад барои шахсони иштирокчии онҳо бошад. Ин воҳидҳо, чун қоида, дар сатҳи пасти ташкили бо тақсимоти хурд ё ғоибонаи меҳнат ва сармояи ҳамчун омилҳои истеҳсолӣ, инчунин дар ҳаҷми хурд кор мекунанд. Муносибатҳои меҳнатӣ - дар он ҷо тарзе вуҷуд доранд - асосан дар шакли шуғли тасодуфӣ, муносибатҳои хешу таборӣ, шахсӣ ё иҷтимоӣ асос ёфтааст, ки дар шароити ғайриқарордодӣ бе кафолатҳои расмӣ қарор доранд»[11].

*Корхонаҳои бахши ғайрирасмӣ* корхонаҳо ва корхонаҳои ғайри корпоритивӣ мебошанд, ки ба хонаводаҳое, ки молҳо ва хизматрасониҳоро барои фурӯш дар бозор истеҳсол мекунанд таалуқ доранд ва мақоми шахси ҳуқуқиро надоранд.

Мувофиқи маълумотҳои ТҚК-2016, ба машғулини бахши ғайрирасмӣ ҳамаи шахсони синни 15-75 сола, ки дар тиҷоратии хусусии ба қайд нагирифташуда машғул буданд ва ё дар корхонаҳои ба қайд нагирифташуда кор кардаанд, ки баҳисобгири ва ё сабти даромадҳо ва хароҷотҳо бурда намешаванд. Коргарони хонаводаҳо, ки дар хоҷагии хонаводагӣ машғул буданд ҳамчун машғулин дар бахши ғайрирасмӣ дохил карда шуданд.

Агар ба бахшҳои иқтисодиёт назар афканем, қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи тавсияҳои ТБМ соҳаи кишоварзӣ, аз ҳисоби шуғли аҳолӣ дар бахши ғайрирасмӣ хориҷ карда шудааст[12].

---

[11] Пункт 5(1) *Резолюции о статистике занятости в неформальном секторе*, принятой на 15-й Международной конференцией статистиков труда (Женева, 1993 г.); см. на:.http://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---dgreports/---stat/documents/normativeinstrument/wcms_234473.pdf

[12] Пункт 16 *Резолюции о статистике занятости в неформальном секторе*, принятой на 15-й Международной конференцией статистиков труда (Женева, 1993 г.); см. на:. http://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---dgreports/---stat/documents/normativeinstrument/wcms_234473.pdf

Бо назардошти тавсияҳо ва маълумотҳои дар боло овардашуда, ки дар ҷадвали 11 оварда шудааст, дар лаҳзаи таҳқиқот дар Тоҷикистон шумораи машғулин дар бахши ғайрирасмӣ 133359 нафар ҳисоб карда шуд, ки 15,7 фоизи шумораи умумии машғулини бахши ғайрикишоварзиро ташкил дод.

**Ҷадвали 11. Шуғл дар кори асосӣ дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ (бе соҳаи кишоварзӣ), 2016г.**

| | Бахши расмӣ | | | Бахши ғайрирасмӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мардон | занон | ҳамагӣ | мардон | занон | ҳамагӣ |
| **Ҳамагӣ машғул, нафар** | **464407** | **251047** | **715453** | **106354** | **27005** | **133359** |
| Кормандони кироя, ки музди меҳнат ва ё мукофотпулӣ дар шакли пули нақд ва ё дар шакли мол мегиранд | 308280 | 216133 | 524413 | 31365 | 7666 | 39030 |
| Корфармо, соҳибмулки корхонаи шахсӣ, кори шахсӣ ва ё хоҷагии шахсӣ | 67726 | 10468 | 78194 | 21297 | 4185 | 25482 |
| Аз ҳисоби худаш кор мекунад | 62391 | 16979 | 79371 | 34493 | 6671 | 41164 |
| Аъзоёни кооперативи истеҳсолӣ (артел) | 3136 | 1214 | 4350 | 263 | 1280 | 1543 |
| Корманди хонагӣ, ки дар хонаводаҳои шахсӣ кор мекунанд | 6690 | 1732 | 8422 | 11592 | 3478 | 15070 |
| Ёрдамчиёни бемузд дар корхонаҳои шахсӣ, кори шахсӣ ва ё хоҷагӣ, ки ба ягон аъзои хонавода тааллуқ дорад | - | - | - | 4646 | 3145 | 7791 |
| Дигар | 16184 | 4520 | 20704 | 2698 | 580 | 3278 |

Дар баробари ин дар бахши ғайрирасмӣ зиёдтар мардҳо (106354 нафар) кор кардаанд, нисбат ба занҳо (27005 нафар). Аз шумораи умумии машғулин дар бахши ғайрирасмӣ 30,9 фоиз кормандоне мебошанд, ки аз ҳисоби худашон кор кардаанд, 29,3 фоиз машғулине ҳастанд ба сифати кормандони кироя машғуланд, 19,1 фоиз корфармоён, 11,3 фоиз ба сифати кормандони хонагӣ дар хонаводаҳои шахсӣ, 5,8 фоиз кормандоне буданд бемузд ба сифати ёрдамчиёни аъзои оила кор мекарданд.

**Ҷадвали 11.1. Шуғл дар кори асосӣ дар бахши ғайрирасмӣ (бе соҳаи кишовпрзӣ), 2016 с.**

| | Бахши ғайрирасмӣ | | |
|---|---|---|---|
| | мардҳо | занҳо | ҳамагӣ |
| **Ҳамагӣ машғул, нафар** | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Кормандони кироя, ки музди меҳнат ва ё мукофотполӣ дар шакли пули нақд ва ё дар шакли мол мегиранд | 29,5 | 28,4 | 29,3 |
| Корфармо, соҳибмулки корхонаи шахсӣ, кори шахсӣ ва ё хоҷагии шахсӣ | 20,0 | 15,5 | 19,1 |
| Аз ҳисоби худаш кор мекунад | 32,4 | 24,7 | 30,9 |
| Аъзоёни кооперативи истеҳсолӣ (артел) | 0,2 | 4,7 | 1,2 |
| Корманди хонагӣ, ки дар хонаводаҳои шахсӣ кор мекунанд | 10,9 | 12,9 | 11,3 |
| Ёрдамчиёни бемузд дар корхонаҳои шахсӣ, кори шахсӣ ва ё хоҷагӣ, ки ба ягон аъзои хонавода тааллуқ дорад | 4,4 | 11,6 | 5,8 |
| Дигар | 2,5 | 2,1 | 2,5 |

Таҳлили машғулин дар бахшҳои асосии иқтисодиёт (бе кишоварзӣ) нишон дод, ки аз ҳама бештар дар бахши ғайррасмӣ дар соҳаи сохтмон 58762 нафар (44,1 фоизи ҳамаи машғулини бахши ғайрирасмӣ), баъдан дар бахши хизматрасонӣ 55196 нафар (41,4 фоиз) ва саноат 19401 нафар (14,5 фоиз) машғулин буданд.

## 5.2. Шуғли ғайрирасмӣ

Ба шуғли расмӣ шахсони коркуне дохил мешаванд, ки мунтазам музди меҳнат мегиранд, кафолатҳои муайяни ҳуқуқӣ доранд ва аз ин ҳуқуқҳо истифода мебаранд, масалан рухсатии меҳнатии пардохтшаванда, рухсатии корношоямӣ ва дигар кафолатҳои ҳуқуқӣ.

*Шуғли ғайрирасмӣ ба мисли шумораи умумии ҷойҳои кории ғайрирасмӣ муайян карда мешавад,* новобаста аз он, ки ин кор дар корхонаҳои бахши расмӣ иҷро карда мешавад, корхонаҳои бахши ғайрирасмӣ ва ё дар хонаводаи шахсӣ дар давоми давраи муайяни баҳисобгирӣ (тадқиқот).

Ҳамин тавр, консепсияи шуғли ғайрирасмӣ мутлақо аз консепсияи бахши ғайрирасмӣ фарқ мекунад, зеро воҳиди мушоҳида воҳиди иқтисодӣ ва ё истеҳсолӣ мебошад. Шуғли ғайрирасмӣ мафҳуми басо васеътар мебошад, ки аз он ҷумла фарогир аст (а) машғулинро дар бахши ғайрирасмӣ (ғайр аз кормандони алоҳида

дар бахш, ки метавонанд шуғли расмӣ дошта бошанд), ва (б) шуғли ғайрирасмӣ, ки дар бахши берун аз бахши ғайрирасмӣ ҷой дорад.

Пас агар ба кормандони кироя назар афканем, шуғли ғайрирасмии онҳо аз нуқтаи назари муносибатҳои меҳнатӣ муайян карда мешавад. Ҷойҳои корие, ки кормандони кироя машғуланд дар ҳолате ғайрирасмӣ ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои меҳнатии корманд ба қонунгузорӣ ва ё дар амал, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардидааст, мувофиқат намекунад. Масалан, ягон намуди рад кардан аз пардохти андозҳо аз даромад, надоштан ва ё маҳдудият дар ҳифзи иҷтимоӣ ва ё ягон ҳуқуқ барои гирифтани ягон намуди кумакпулӣ аз ҷои кор, ба монанди огоҳ намудани пешакӣ дар бораи аз кор озод кардан, пардохти кумакпулӣ барои аз кор рафтан, пардохти рухсатии корношоямӣ ва ғайра.

Дар ҳолате, ки шахси машғул аз ҳисоби худаш кор мекунад ва ё корфармо мебошад, мақоми шуғли ғайрирасмӣ дар ҷойҳои кори мазкур дар асоси он, ки корхонае онҳо кор мекунанд ба бахши ғайрирасмӣ дохил мешавад ё не.

Ҳамин тарз шахсоне, ки аз ҳисоби худашон кор мекунанд (бе корманди кироя) машғулини корхонаҳои ғайрирасмӣ ҳамчун ба гурӯҳбандии шуғли ғайрирасмӣ дохил мешаванд. Мутаносибан корфармоён (бо кормандони кироя), ки дар корхонаҳои ғайрирасмӣ фаъолияти мекунанд, ҳамчунин ба шуғли ғайрирасмӣ дохил карда мешаванд. Ҳамаи ёрдамчиёни аъзоёни хонавода новобаста аз он, ки дар корхонаҳои расмӣ ва ё ғайрирасмӣ кор мекунанд, ҳамчун шуғли ғайрирасмӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Мувофиқи муайянкунии мафҳуми шуғли ғайрирасмӣ, ки дар ТҚК-2016 барои шахсони синни 15-75 сола истифода карда шудааст, ба ин категория ёрдамчиёни аъзои хонаводаҳо, корфармоён ва кормандони аз ҳисоби худашон кор кунанда, кормандони дар бахши ғайрирасмӣ фаъолиятдошта; кормандони кирояе, ки таъминоти иҷтимоӣ, рухсатии меҳнатии пардохтшаванда ва ё рухсатии корношоямӣ надоранд тааллуқ доранд.

Ба сифати мисол, шахсони дар шуғли ғайрирасмӣ коркунанда, метавонанд ба сифати хизматгори хонавода, корманди кирояи хонавода барои анҷом додани корҳои хонагӣ бе таъминоти иҷтимоӣ, бе таъмини пардохти рухсатии меҳнатӣ ва рухсатии корношоямӣ. Мисоли дигар ин шахсе шуда метавонад, ки дар корхонаи ягон аъзои хонавода бе музд корро анҷом медиҳад. Боз як мисоли дигар соҳиби тарабхонаи хурд, ки фаъолияти тиҷоратии худро бе қайди расмӣ ба роҳ мондааст, бе ягон уҳдадорӣ барои рушди он ва ягон ҳисоботҳои молиявӣ намебарад. Ба шахсони ба шуғли ғайрирасмӣ машғул ҳамчунин кормандони кирояи корхонаҳои хусусӣ ва ё давлатӣ, коркунони дар дар асоси қарордодҳои шифоҳӣ ва муваққатӣ кор кунанда, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, пардохти рухсатии меҳнатӣ ва рухсатии корношоямиро надорад.

Чи тавре дар чадвали 12 нишон дода шудааст, дар лаҳзаи таҳқиқот дар Тоҷикистон 249536 нафар дар ҷои кори асосиашон ғайрирасмӣ машғул буданд, ки аз онҳо 189289 мардҳо ва 60247 занҳо буданд. Ҳамин тариқ, дар таносуби фоизи мардҳо қисмати бештари шахсони ғайррасмӣ машғулро ташкил додаанд (75,9 фоиз).

### Ҷадвали 12. Шуғли ғайрирасмӣ дар кори асосӣ, ТҚК-2016

| | Ҳамагӣ машғулин дар бахшҳои ғайрикишоварзӣ | | | Бахши расмӣ | | Машғулин дар бахши ғайрирасмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Шуғли расмӣ | Шуғли ғайрирасмӣ | Шуғли расмӣ | Шуғли ғайрирасмӣ | |
| | **нафар** | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **848812** | **599276** | **249536** | **599276** | **116177** | **133359** |
| Шаҳр | 344050 | 255577 | 88473 | 255577 | 52446 | 36027 |
| Деҳа | 504762 | 343699 | 161063 | 343699 | 63731 | 97332 |
| Мардҳо | 570761 | 381472 | 189289 | 381472 | 82935 | 106354 |
| Занҳо | 278052 | 217804 | 60247 | 217804 | 33243 | 27005 |
| ВМКБ | 32192 | 27876 | 4316 | 27876 | 1844 | 2472 |
| Суғд | 252226 | 172392 | 79834 | 172392 | 24070 | 55764 |
| Хатлон | 279902 | 182015 | 97887 | 182015 | 46233 | 51654 |
| Душанбе | 132982 | 103485 | 29497 | 103485 | 22951 | 6546 |
| НТҶ | 151509 | 113507 | 38002 | 113507 | 21080 | 16922 |
| | **Бо фоиз** | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **100** | **70,6** | **29,4** | **70,6** | **13,7** | **15,7** |
| Шаҳр | 100 | 74,3 | 25,7 | 74,3 | 15,2 | 10,5 |
| Деҳа | 100 | 68,1 | 31,9 | 68,1 | 12,6 | 19,3 |
| Мардҳо | 100 | 66,8 | 33,2 | 66,8 | 14,5 | 18,6 |
| Занҳо | 100 | 78,3 | 21,7 | 78,3 | 12,0 | 9,7 |
| ВМКБ | 100 | 86,6 | 13,4 | 86,6 | 5,7 | 7,7 |
| Суғд | 100 | 68,3 | 31,7 | 68,3 | 9,5 | 22,1 |
| Хатлон | 100 | 65,0 | 35,0 | 65,0 | 16,5 | 18,5 |
| Душанбе | 100 | 77,8 | 22,2 | 77,8 | 17,3 | 4,9 |
| НТҶ | 100 | 74,9 | 25,1 | 74,9 | 13,9 | 11,2 |
| Ҳиссаи занон бо фоиз | 32,8 | 36,3 | 24,1 | 36,3 | 28,6 | 20,2 |

## 5.3. Шуғли ғайррасмӣ дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ

Таҳлили дутарафаи воҳидҳои истеҳсолӣ мувофиқи мақоми онҳо дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ ва ё мақоми шуғли ғайрирасмӣ аз шумораи нисбатан зиёди шахсони дар кори асосӣ дар шуғли ғайрасмӣ дошта дар бахши расмӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар ҷадвали 13 таснифоти дутарафаи машғулин мувофиқи ҷойҳои кори расмӣ ва ғайрирасмӣ ва машғулин дар воҳидҳои истеҳсолии расмӣ ва ғайрирасмии аҳолии Тоҷикистон дар кори асосӣ оварда шудааст.

Аз ҷадвали оварда шуда дидан мумкин, ки шумораи умумии машғулини ғайрикишоварзӣ 848812 нафарро ташкил додаанд, ки аз онҳо 249536 нафар ва ё 29,4 фоиз ғайрирасмӣ машғул буданд. Ин аз он далолат мекунанд, ки аз ҳар сеяки кормандон ғайрирасмӣ машғул буданд. Аз ҷадвал ҳамчунин дидан мумкин, ки 133358 нафар дар бахши ғайрирасмӣ кор кардаанд, ки 15,7 фоизи шумораи умумии машғулинро (ғайри кишоварзӣ) ташкил додаанд.

**Ҷадвали 13.Таснифи дутарафаи машғулин мувофиқи ҷойи кори расмӣ ва ғайрирасмӣ ва шуғл дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ, ТҚК-2016**

| Таснифоти воҳиди истеҳсолӣ | Ҳамагӣ | Таснифи ҷойи корӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Шуғли ғайррасмӣ | Шуғли расмӣ |
| Ҳамагӣ | **848812** | **249536** | **599276** |
| аз он ҷумла: | | | |
| Бахши ғайрирасмӣ* | 133358 | 133358 | - |
| Бахши расмӣ* | 715454 | 116178 | 599276 |

* Бе соҳаи кишоварзӣ

Дар ҷадвали 13 дар сутуни дуюм ва сатри охирин оварда шудааст, ки 116178 нафар дар бахши расмӣ фаъолият кардаанд, вале дар баробари ин дар ҷойҳои кори ғайрирасмӣ кор кардаанд. Ин гурӯҳ 16,2 фоизи шумораи умумии машғулини ғайрирасмиро ташкил додаанд.

Дар маҷмӯъ, миқдори на он қадар зиёди машғулин дар бахши расмӣ вазъияти нисбатан муътадил ба ҳисоб меравад. Масалан ба ин гурӯҳ кормандони қарордодҳои кутоҳмуддат дошта метавонанд дохил шаванд, ки ҳифзи иҷтимоӣ надоранд ба монанди рухсатии меҳнатии ҳарсола ва пӯшонидани қисман ва пурраи суғуртаи тиббӣ ва ё варақаи корношоями ва ғ. Инҳо метавонанд кормандони муваққати муассисаҳои давлатӣ бошанд, масалан кормандони техникӣ, ки ба коркарди маълумотҳо машғул ҳастанд ва ё тозакунии бино ва ё идора.

Таҳлили маълумотҳои ТҚК-2016 аз рӯи намуди ташкилот ва корхона (ба ҷадвали 14 назар афканед) дар маҷмӯъ аз 116178 нафари машғулини ғайрирасмӣ, 66822 нафар дар корхонаҳои хусусӣ ва ширкатҳо, 30769 нафар дар корхонаҳо давлатӣ ва 13442 нафар дар ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ кор кардаанд.

**Ҷадвали 14. Шуғли ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ аз рӯи намуди ташкилот/корхона, ТҚК-2016**

| Корхона/ташкилот | Нафар | Тақсимот (бо %) |
|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **116178** | **100,0** |
| Ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ | 13442 | 11,6 |
| Корхонаҳо давлатӣ | 30769 | 26,5 |
| Корхонаҳои хусусӣ ва ширкатҳо | 66822 | 57,5 |
| Дигар | 5145 | 4,4 |

Набудани миқдори кифояи ҷойҳои корӣ ва миқдори зиёди ҷойҳои кори бо музди паст ба он водор менамояд, ки як қисми аҳолӣ фаъолияти кори худро дар бахши ғайрирасмӣ – фаъолияти соҳибкорӣ ва инфиродӣ дар корхонаҳое, ки қайди расмӣ надоранд, пайдо мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои ТҚК-2016 дар бахши ғайрирасмӣ 15,7 фоиз (133,4 ҳазор нафар), дар бахши расмӣ – 84,3 фоиз (715,4 ҳазор нафар) аҳолии машғул буданд, дар муқоисаи нисбат ба ТҚК-2009 ҳиссаи машғулин дар бахши ғайрирасмӣ 33,3 банди фоиз кам шудааст, ва ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши расмӣ бошад мутаносибан аз 51,0 фоиз дар соли 2009 то 84,3 фоиз дар соли 2016 афзудааст. Ғайр аз бахши ғайрирасмӣ, як қисми аҳолӣ ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ – бе қарордоди меҳнатии хаттӣ, ва ё бе доштани ҳуқуқи истифодаи рухсатии меҳнатӣ ва ё корношоямӣ, бе пардохтҳои иҷтимоӣ; ин 116,2 ҳазор нафар аз шумораи умумии машғулин дар бахши расмӣ мебошад. Аз рӯи маълумотҳои ТҚК-2016 дар маҷмӯъ шуғли ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ 29,4 фоизро (249,5 ҳазор нафар) ташкил медиҳад. Шуғли ғайрирасмӣ дар муқоиса нисбат ба маълумотҳои ТҚК-2009 – 24,4 банди фоиз кам шудааст (аз рӯи маълумотҳои ТҚК-2009 – 53,8 фоиз (470,6 ҳазор нафар) ғайрирасмӣ машғул буданд).

Асосан шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаҳои сохтмон (76,2 фоиз), дар саноати коркард (41,9 фоиз), дар меҳмонхона ва тарабхонаҳо (39,1 фоиз), дар нақлиёт (51,1 фоиз), дар дигар фаъолиятҳои хизматрасонӣ (37,9 фоиз) васеъ паҳн шудааст. Дар байни мардҳо шуғли ғайрирасмӣ нисбатан баландтар 33,2 фоиз ва дар байни занон 21,7 фоизро ташкил додааст.

Дар сатҳи минтақаҳо шуғли ғайрирасмӣ васеъ паҳн шудааст дар вилояти Хатлон (35,2 фоиз), дар вилояти Суғд (31,7 фоиз) ва дар НТҶ (25,1 фоиз). Дар шаҳри Душанбе шуғли ғайрирасмӣ 22,2 фоиз ва дар ВМКБ – 13,4 фоизро ташкил додаст.

* * *

# ҚИСМИ 6. ДАВОМНОКИИ ВАҚТИ КОРӢ

## 6.1. Давомнокии вақти кории муқаррарӣ ва аслӣ

Тавсифи байналмилалии шуғли аҳолӣ хеле фаровон аст ва шахси машғул баъди хатми мӯҳлати бақайдгирӣ (якҷоя) дар як соат кор мекунад. Ҳамин тариқ, таҳлили шуғли аҳолӣ дар якҷоягӣ бо маълумот дар бораи дарозии вақти кор бо мақсади муайян кардани шиддатнокии гуногуни меҳнат муҳим аст. Маълумот дар бораи соатҳои кор низ барои ҳисоб кардани кори ишғолдиҳандаи якум бо сабаби дарозии вақти корӣ ва инчунин таъмин намудани маълумот дар бораи даромадҳо дар байни категорияҳои гуногуни кормандон зарур аст.

Стандартҳои байналхалқӣ оид ба андозагирии соатҳои корӣ якчанд мафҳуми вақти корӣ, ки ба мақсадҳои гуногун хизмат мекунанд ва дар соатҳои кории аслӣ, соатҳои муқаррарии кор, дар вақт ва вақти воқеии кор кор мекунанд, дохил мешаванд. Маълумот дар бораи соатҳои воқеӣ ва муқаррарии кор дар бораи кори асосӣ ва иловагӣ одатан тавассути тадқиқоти қувваи корӣ ҷамъ меоянд. Дар Тоҷикистон низ бо ҳамин тариқ ҳисоб карда шуд.

Мувофиқи маълумотҳои дар ҷадвали 15 овардашуда, дар лаҳзаи тадқиқот давомнокии миёнаи вақти муқаррарии корӣ дар кори асосӣ 39 соат дар як ҳафтаро ташкил дод. Мутобиқан, давомнокии вақти миёнаи аслан кор кардашуда дар давоми як ҳафта 37 соатро ташкил додаст. Қариб 123656 нафар ё 5,6 фоизи ҳамаи машғулин, дар давоми ҳафтаи таҳқиқот ба кори иловагӣ машғул буданд. Давомнокии миёнаи вақти кории муқаррарӣ ва аслӣ дар кори иловагӣ 12 соат дар як ҳафтаро ташкил дод.

**Ҷадвали 15. Давомнокии вақти кори муқаррарӣ ва аслӣ дар кори асосӣ ва иловагӣ, ТҚК-2016**

| Машғулин | Нафар | Давомнокии миёнаи вақти кори муқаррарӣ (дар як ҳафта) | Давомнокии миёнаи вақти кории аслӣ (дар як ҳафта) |
|---|---|---|---|
| Кори асосӣ | 2096470 | 39 | 37 |
| Кори иловагӣ | 123656 | 12 | 12 |
| Ҳамаи намудҳои шуғл | 2220126 | 40,7 | 38,7 |

Давомнокии миёнаи вақти умумии корӣ дар давоми ҳафтаи таҳқиқот дар ҳамаи намудҳои шуғл 40,7 соат, ва давомнокии вақти миёнаи аслан коркардашуда дар ҳамаи намудҳои шуғл 37 соатро ташкил дод. Барои бештари машғулин (72,7%)

давомнокии миёнаи вақти кори муқаррарӣ ва аслӣ якхела буд. Бо сабабҳои гуногун, барои баъзе гурӯҳҳои аҳолии машғул (19,1 фоиз) давомнокии миёнаи вақти кори муқаррарӣ аз давомнокии вақти миёнаи кори аслӣ баландтар буд, аз он ҷумла бо назардошти рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ ва ё корношоямии муваққатӣ бо сабабҳои беморӣ дар давоми як қисми ва ё ҳамаи ҳафтаи таҳқиқот ташкил додаст. Барои боқимонда аҳолии машғул (6,8 фоиз) давомнокии вақти муқаррарии коркардашуда аз давомнокии вақти аслан коркардашуда пасттар буд.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷми умумии машғулин дар бозҳисобӣ ба вақти аслан коркардашуда дар ҳамаи ҷойҳои корӣ дар давоми ҳафтаи тадқиқот 85326329 соатро ташкил дод.

## 6.2. Давомнокии вақти аз меъёр зиёд коркардашуда

Ҳиссаи шахсоне, ки аз меъёри давомнокии муқаррарии вақти корӣ ва ё муддати зиёд кор кардаанд, яке аз нишондиҳандаҳои меҳнати арзанда мебошад. Давомнокии вақти аз меъёр зиёд коркардшуда аз рӯи давомнокии вақти кори зиёда аз 48 соат дар як ҳафта дар ҳамаи намудҳои машғулият муайян карда мешавад. Давомнокии вақти аз меъёр зиёд коркардашуда, таҳдиди расидани зарари ҷисмонӣ ва психологиро ба вуҷуд меорад, ки тавозуни байни кор ва ҳайёти оилавиро вайрон менамояд, маҳсулнокӣ ва дар бисёр мавридҳо маънои нокифоя будани соатҳои кориро барои маош нишон медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои дар ҷадвали 16 овардашуда, дар лаҳзаи гузаронидани ТҚК – 2016 ҳиссаи шахсони аз давомноки вақти муқаррарии корӣ зиёд кор карда 18,9 фоизи умумии аҳолии машғулро ташкил дод. Дар баробари ин ҳиссаи мардон бо давомнокии вақти аз меъёри муқаррарӣ зиёд кор карда зиёда аз дуюним баробар нисбат ба ҳиссаи занон баландтар буд (мутобиқан 25 фоиз ва 10 фоиз).

**Ҷадвали 16. Сатҳи давомноки вақти кории аз меъёр зиёд (одатан зиёда аз 48 соат дар як ҳафта зиёд дар ҳамаи намудҳои машғулият), ТҚК-2016**

| | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ машғулин (нафар) | 2096470 | 1246358 | 850112 |
| Шумораи машғулини одатан аз 48 соат дар давоми ҳафта зиёд кор карда | 396285 | 311601 | 84684 |
| Ҳамагӣ (%) | 18,9 | 25,0 | 10,0 |
| Аз рӯи гурӯҳҳои синну сол: | | | |
| 15-24 (%) | 9,4 | 9,9 | 7,8 |
| 25-29 (%) | 14,9 | 16,5 | 9,0 |

| | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|
| 30-64 (%) | 74,2 | 72,2 | 81,3 |
| 65 -75 (%) | 1,5 | 1,4 | 1,9 |
| Кишоварзӣ (%) | 39,7 | 35,7 | 54,4 |
| Саноат (%) | 8,2 | 7,4 | 11,1 |
| Сохтмон (%) | 16,0 | 20,3 | 0,0 |
| Хизматрасонӣ (%) | 36,1 | 36,6 | 34,5 |
| аз он ҷумла коркунони хонаводаи (%) | 1,0 | 1,3 | 0,0 |
| Дигар (%) | 0,7 | 0,9 | 0,0 |

Сатҳи миёнаи ҷавонони (шахсони синни 15-29 сола) бо давомнокии вақти аз меъёр зиёд машғул 17 фоизро ташкил дод. Ҳиссаи аз ҳама баланди машғулине, ки аз давомнокии вақти муқаррарӣ зиёд кор мекунанд ба синни 30-64 сола рост омадааст (74,2 фоиз). Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки ҳиссаи умумии занони дорои вақти кории аз меъёр баланд дошта нисбат ба ҳамин категорияи аҳолӣ нисбат ба мардҳо баландтар буд (мутаносибан 81,3 фоиз ва 72,2 фоиз).

Таҳлили бахшҳои асосии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки ҳиссаи нисбатан баланди машғулине, ки давомнокии вақти кории аз меъёри муқаррарӣ нисбатан баланд доранд дар кишоварзӣ (39,7 фоиз), баъдан дар хизматрасонӣ (36,1 фоиз), дар сохтмон (16 фоиз) ва дар саноат (8,2 фоиз) мушоҳида карда шудааст. Дар байни чор бахши асосии нишон додашудаи иқтисодиёт ҳиссаи аз ҳама баланди занони дорои давомнокии вақти аз меъёри муқаррарӣ баланд дошта дар кишоварзӣ (54,4 фоиз), ва ҳиссаи аз ҳама паст – дар саноат (11 фоиз) мушоҳида карда шудааст. Дар баробари ин ҳисаи мардони дорои вақти кории аз меъёри муқаррарӣ баланд буда дар саноат 8,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба занон паст буд.

Ҳамзамон маълумотҳои ТҚК – 2016 нишон дод, ки дар сохтмон занҳои аз меъёри муқаррарӣ зиёд коркарда набуданд.

* * *

# ҚИСМИ 7. БЕКОРӢ ВА ҚУВВАҲОИ КОРИИ ИСТИФОДАНАШУДА

## 7.1. Қувваҳои кории истифоданашуда

*Қувваҳои кории истифоданашуда* номувофиқии байни пешниҳоди қувваҳои корӣ ва талаботро муайян менамоянд, ки ба ғайриқаноатбахш будани талабот ба шуғл дар байни аҳолии машғул оварда мерасонад (ба Диаграммаи и 8 нигаред). Чораҳои нисбат ба қувваҳои кории истифоданашуда дар бар мегирад, нишондиҳандаҳои мазкурро вале маҳдуд наменамоянд:

**(а) шуғли нопурраи ба давомнокии вақти корӣ алоқаманд** – ҳолате, ки вақти кори шахси машғул нокифоя мебошад;

***б) бекорӣ***, ҷустуҷӯи фаъоли шахсоне, ки кор надоранд ва омода ҳастанд, ки ба ягон намуди шуғли мавҷудбуда машғул шаванд, инъикос менамояд;

***(в) қувваҳои кории эҳтимолӣ***, шахсони машғулият надоштаро дар бар мегирад, ки ба ягон намуди шуғл таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, вале бо ягон сабабҳои муайян маҳдудият дар имконияти ҷустуҷӯи кор доштан ва ё омода нестанд барои оғоз кардани кор**.**

**Диаграммаи 9. Чаҳорчубаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда**




Маълумотҳо оид ба қувваҳои кории истифоданашуда дар Тоҷикистон, дар ҷадвали 17 нишон медиҳад, ки шумораи шахсони дорои талаботи ғайриқаноатбахш дошта дар самти шуғл аз шумораи бекорон хеле баланд мебошад.

Дар лаҳзаи гузаронидани ТҚК-2016, шумораи умумии қувваҳои кори истифоданашуда 285727 нафарро ташкил доданд, ки аз онҳо 155758 нафар бекорон, 94985 нафар ба ҳайати қувваҳои кории эҳтимолӣ ва 34984 нафар машғулине, ки бо ягон сабаби гуногун рӯзи кори нопурра доштанд ва омода буданд, ки иловагӣ кор кунанд. Аз нуқтаи назари ҳайати гендерии аҳолӣ, ба қувваҳои кории истифоданашуда 98679 нафар занҳо ва 187018 нафар мардҳо дохил шуданд.

### Ҷадвали 17. Қувваҳои кории истифоданашуда, ТҚК-2016

| Қувваҳои кории истифоданашуда | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|
| Бекорон | 155758 | 106578 | 49180 |
| Қувваҳои кории эҳтимолӣ | 94985 | 50572 | 44413 |
| Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ | 34984 | 29868 | 5086 |

## 7.2. Бекорӣ

**Сатҳи бекорӣ** яке аз нишондиҳандаҳои бештар истифодашаванда барои муайян намудани вазъи бозори меҳнат мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо дар маҷмӯъ барои баҳодиҳии вазъи иқтисодиёт, на танҳо барои баҳодиҳии вазъи бозор истифода карда мешавад. Бо назардошти он, ки дар иқтисоди бозорӣ ба таври доимӣ сатҳи муайяни бекории фрикционӣ вуҷуд дорад, зеро шахсони аз кор озодшуда дар ҷустуҷӯи ҷойи нави корӣ мебошанд ва иштирокчиёни нави бозори меҳнат ва ё шахсони ба бозори меҳнат бозгашта, фаъолона ба ҷустуҷӯи кор машғул мешаванд. Ҳамзамон бештар бекории сохторӣ низ вуҷуд дошта метавонад, зеро дар давоми вақти муайян сохтори худи шуғл низ тағйир меёбад. Ҳамин тавр, интизор шудан мумкин, ки сатҳи бекорӣ метавонад аз сатҳи сифрӣ боло қарор дошта бошад.
Дар ҷойҳое, ки суғурта барои бекорӣ вуҷуд надорад, ва дигар барномаҳои ёрирасон дар ҳолати фаро расидани бекорӣ ва ё фарогирии низоми таъминоти иҷтимоӣ маҳдуд мебошанд, муайянкунандаи сатҳи бекорӣ то ба ягон дараҷаи муайян ҳамчунин тавсифи маҳдудро дорост. Дар чунин ҳолатҳо як қисми қувваҳои корӣ маҷбур ҳастанд, ки дар ин ва ё он шаклҳои фаъолиятҳои меҳнатӣ, ки ҳатто бисёр ҳам ночиз ва ё на он қадар муҳим мебошад иштирок намоянд. Ин нафарон бештар дар иқтисодиёти пинҳонӣ кор мекунанд ва дар омори бекорӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Мувофиқи маълумотҳои ТҚК-2016, дар Тоҷикистон дар лаҳзаи таҳқиқот 155758 нафар бекорон ба ҳисоб гирифта шуданд, аз онҳо 49180 нафар занҳо ва 106578 нафарашон мардҳо буданд.

Чи тавре дар ҷадвали 18 нишон дода шудааст, сатҳи бекорӣ нисбати қувваҳои корӣ 6,9 фоизро ташкил додаст. Сатҳи бекорӣ дар маҳалҳои деҳот 5,5 фоиз ва дар маҳалҳои шаҳрӣ 11,0 фоизро ташкил додаст.

Дар маҷмӯъ сатҳи бекории занон нисбат ба мардҳо пасттар буд (мутаносибан 5,5 фоиз ва 7,9 фоиз). Сатҳи бекорӣ дар миёни шахсони таҳсилоти миёнаи умумӣ дошта 7,5 фоиз ва шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ надоранд 2,5 фоизро ташкил додаст. Шахсони дорои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳама сатҳи баланди бекорӣ доштаанд (7,9 фоиз), аз онҳо таҳсилоти хатми бакалавр боз ҳам баландтар нисбат ба магистр (мутаносибан 8,5 фоиз ва 7,2 фоиз).

Ба занҳои таҳсолоти олии касбӣ дошта, нисбат ба мардҳо пайдо кардани кор мушкилтар будааст, махсусан занҳое, ки дараҷаи таҳсилоти бакалавр доштанд сатҳи

бекорӣ аслан ду баробар нисбат ба мардҳо баландтар буд (мутаносибан 12,5 фоиз ва 6,5 фоиз).

### Ҷадвали 18. Сатҳи бекорӣ аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои синну сол, маҳали шаҳр ва деҳот, ва таҳсилоти хатмкардашуда, ТҚК-2016

| Категорияҳо | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо | Шаҳр | | Деҳа | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардҳо | Занҳо | Мардҳо | Занҳо |
| Ҳамагӣ (бо %) | **6,9** | **7,9** | **5,5** | **12,1** | **9,1** | **6,3** | **4,4** |
| Аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ: | | | | | | | |
| • 15 – 19 сола | 9,9 | 12,4 | 6,6 | 40,4 | 35,1 | 6,4 | 3,7 |
| • 20 - 24 сола | 12,5 | 14,7 | 9,4 | 22,0 | 18,8 | 12,1 | 7,8 |
| • 25 -29 сола | 9,3 | 10,2 | 7,8 | 10,6 | 10,6 | 10,0 | 7,1 |
| • 30 -75 сола | 4,2 | 4,8 | 3,1 | 7,7 | 4,7 | 3,7 | 2,5 |
| Олии касбӣ | 7,9 | 6,8 | 9,9 | 15,9 | 19,0 | 9,0 | 14,5 |
| - магистр | 7,2 | 7,1 | 7,3 | 7,2 | 4,9 | 5,0 | 3,5 |
| - бакалавр | 8,5 | 6,5 | 12,5 | 8,7 | 14,1 | 4,0 | 11,0 |
| Миёнаи касбӣ | 5,0 | 5,1 | 4,1 | 11,0 | - | 3,4 | 0,6 |
| Ибтидоии касбӣ | 4,3 | 5,1 | 0,4 | 13,4 | 11,3 | 7,3 | 4,9 |
| Миёнаи (пурра) умумӣ | 7,5 | 8,7 | 6,0 | 21,7 | 5,0 | 6,8 | 3,2 |
| Умумии асосӣ | 6,4 | 9,5 | 3,4 | - | 15,9 | 4,4 | 0,3 |
| Ибтидоии умумӣ надорад | 2,5 | 4,2 | 1,1 | - | - | - | - |

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар маҳалҳои деҳот имконияти пайдо кардани кор ва махсусан шахсони таҳсилоти олии касбӣ надошта аз ҳисоби мардон осонтар буд пайдо кардани кор.

Агар ба сохтори синну соли назар афканем, пас сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон (15-29 сола) 10,6 фоизро ташкил додаст, ки зиёда аз ду баробар, нисбат ба аҳолии синни 30-75 сола ва якуним баробар аз сатҳи миёнаи нишондиҳандаи бекорӣ дар мамлакат баландтар мебошад. Ҳамчунин вобастагии баръакси ҳол байни сатҳи бекорӣ ва синну сол низ вуҷуд дорад. Вобаста ба он, ки одамон синну солашон калонтар мешавад, хавфи бекории онҳо пасттар мешавад, новобаста аз он, ки давомнокии бекории ин гурӯҳҳои синнусолӣ дарозтар мешавад.

Таҳлили маълумотҳои ТҚК-2016 нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ҳар як бекор барои ҷустуҷӯи кор ва оғози кори шахсӣ ду усулро истифода кардааст. Ин ҳолат дахл дорад ҳам барои мардон ва ҳам барои занон.

Чи тавре дар ҷадвали 19 оварда шудааст, усулҳои ҷустуҷӯи кор ба таври зерин тақсим шудааст: муроҷиат ба рафиқон, хешовандон ва шиносон - 38,6 фоиз, ҷустуҷӯи замин, бино, мошин ва таҷҳизот, ашёи хом, маблағи молиявӣ барои кушодани кори шахсӣ, муроҷиат барои гирифтани иҷозат, шаҳодатнома ва ғайра -6,8 фоиз; муроҷиат ба хадамоти шуғли аҳолӣ - 5,3 фоиз; бевосита муроҷиат ба маъмурият/корфармо - 4,6 фоиз.

Қайд кардан зарур аст, ки 44,7 фоизи мусоҳибон ҷавоб додаанд, ки аз дигар усулҳои ҷустуҷӯи кор нисбат ба усулҳои дар боло нишон дода шуда истифода кардаанд. Боз як далели шавқовар он мебошад, ки ТҚК-2016 ягон шахсе, ки ҷустуҷӯи корро тариқи хадамотҳои тиҷоратии – хусусии шуғл ё ин ки тариқи ВАО ё Интернет анҷом дода бошад пайдо карда натавонист.

**Ҷадвали 19. Усулҳои ҷустуҷӯи кор ва ё оғози кори шахсӣ, ТҚК-2016**

| Усул | Фоиз |
|---|---|
| Муроҷиат ба хадамоти давлатии шуғл | **5,3** |
| Муроҷиат ба хадамотҳои тиҷоратӣ-хусусии шуғл | **-** |
| Муроҷиат ба ВАО ва «Интернет» | - |
| Муроҷиат ба дустон, хешовандон, шиносон | 38,6 |
| Муроҷиати бевосита ба маъмурият/корфармо | 4,6 |
| Ҷустуҷӯи замин, бино, мошин ва таҷҳизот, ашёи хом, маблағи молиявӣ барои оғози кори шахсӣ, муроҷиат барои гирифтани иҷозат, шаҳодатнома ва ғ. | 6,8 |
| Дигар усулҳо | 44,7 |

## 7.3. Бекории дарозмуддат

Мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ, ба шахсони бекории дарозмуддат қарор дошта, бекороне дохил мешаванд, ки ба ҷустуҷӯи кор ба муддати 12 моҳ ва аз он зиёдтар машғул буданд, бо назардошти давраи ҳисобот (мушоҳида). Давомнокии ҷустуҷӯи кор ё аз лаҳзаи оғози фаъоли ҷустуҷӯи бекорӣ, ё ин ки лаҳзаи рафтан аз ҷойи кори охирин, вобаста аз он, ки кадоми ин давраҳо кутоҳтар бошад. Давомнокии бекорӣ – ин даврае, ки шахси бекор кор надошт, омода буд ба кор шурӯъ намояд ва ба ҷустуҷӯи фаъоли ҷойи кор машғул буд.

Аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвали 20 оварда шуда, таносуби бекороне, ки ҷойи корро аз як сол зиёдтар кофтаанд 29,0 фоизро ташкил додааст, яъне сеяк ҳиссаи бекорон дар Тоҷикистон дар бекории дарозмуддат қарор доштанд.

Ин фоиз дар байни занон нисбатан пасттар (24,4 фоиз) дар муқоиса нисбат ба мардҳо (30,6 фоиз) буд.

Дар байни ҷавонон (аҳолии синни 15-29 сола) фоизи бекории дарозмуддат нисбат ба аҳолии калонсол баландтар буда, 38,8 фоизро ташкил додааст. Ҳамин тавр, қариб ҳар ду нафар ҷавонони бекор дар бекории дарозмуддат қарор доштанд.

### Ҷадвали 20. Давомнокии ҷустуҷӯи кор, ТҚК -2016

| Давомнокии ҷустуҷӯи кор | Нафар | | | Фоиз | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо |
| Ҳамагӣ | 81962 | 61039 | 20923 | 100 | 100 | 100 |
| Камтар аз 1 моҳ | 12492 | 9603 | 2889 | 15,2 | 15,7 | 13,8 |
| Аз 1 то 3 моҳ | 19794 | 14245 | 5549 | 24,2 | 23,3 | 26,5 |
| Аз 3 то 6 моҳ | 9362 | 7704 | 1658 | 11,4 | 12,6 | 7,9 |
| Аз 6 то 9 моҳ | 5158 | 4169 | 989 | 6,3 | 6,8 | 4,7 |
| Аз 9 то 12 моҳ | 5701 | 3632 | 2069 | 7,0 | 6,0 | 9,9 |
| 12 моҳ ва зиёдтар | 23798 | 18687 | 5111 | 29,0 | 30,6 | 24,4 |
| Кор ҷустуҷӯ накардаам, онро ба ман пешниҳод карданд | 5656 | 2999 | 2657 | 6,9 | 4,9 | 12,7 |

## 7.4. Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ

**Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ (TRU)**-ин нишондиҳанда шумораи шахсони машғул, ки давомнокии вақти кориашон дар давоми давраи ҳисобот (таҳқиқот) нисбат ба хоҳиши шуғл доштаашон, ки шахс мехоҳад дошта бошад ва омода ҳаст иштирок намояд, нокифоя мебошад. Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ ин чораҳое мебошад, ки нишондиҳандаи бекорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои қувваҳои кори истифоданашударо пурра менамояд. Вақти кутоҳшудаи кории шахси машғул, ки мехоҳад зиёдтар кор кунад, нишонаи нокифоя истифода кардани кор мебошад. Вале дар ҳолатҳое, ки вақти кутоҳкардашудаи корӣ ихтиёрӣ ва ё ба сабабҳои ғайрииқтисодӣ вобастагӣ дошта бошад, пас чунин вазъият ба сифати нокифоя истифода кардани қувваҳои корӣ ва ё шуғли нопурраи муваққатӣ ба инобат гирифта намешавад.
Мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ, ба шахсони шуғли нопурра дошта вобаста аз давомнокии вақти корӣ ҳамаи машғулине, ки дар давоми вақти кутоҳи кории давраи ҳисоботӣ (таҳқиқот) хоҳиши кор кардани вақти иловагии кориро изҳор кардаанд, дар навбати худ соатҳои аслан кор кардашуда дар ҳамаи ҷойҳои корӣ камтар аз ҳадди давомнокии вақти корӣ пасттар мебошад, ва онҳо омода ҳастанд, ки агар ҳамин имкониятҳо ба вуҷуд ояд иловагӣ кор кунанд.

Дар лаҳзаи гузаронидани ТҚК -2016 шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ мувофиқи ҳадди одатан муқарраршудаи вақти корӣ, ки дар сатҳи 40 соати корӣ дар дар ҳамаи ҷойҳои корӣ дар давоми ҳафтаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ҳисоб карда мешавад. Ин ҳолат ба туфайли муайянкунии тақсимоти соатҳо, вақти аслан коркардашуда дар ҳамагуна ҷойҳои корӣ дар давоми ҳафтаи таҳқиқот (яъне 8 соат дар давоми 5 рӯз) мувофиқат мекунад. Сатҳи шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ ҳамчун таносуби байни шахсони машғул, ки дар давоми давраи ҳафтаи таҳқиқот вобаста аз давомнокии вақти корӣ шуғли нопурра доштанд, муайян карда мешавад.[13] Сатҳи шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии Тоҷикистон дар ҷадвали 21 нишон дода шудааст.

[13] Когда в числитель добавляется безработица, а в знаменатель подставляется рабочая сила (т. е. сумма занятых и безработных), получается итоговый показатель (LU2), который дополняет уровень безработицы (LU1).

## Ҷадвали 21. Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ, ТҚК – 2016

| | | TRU | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Мардҳо | Занҳо | Ҳамагӣ |
| | | % | % | % |
| МИНТАҚА | Душанбе | 4,0 | 8,1 | 4,6 |
| | Суғд | 16,5 | 15,2 | 16,3 |
| | Хатлон | 64,0 | 75,1 | 65,6 |
| | НТҶ | 13,4 | 0,0 | 11,4 |
| | ВМКБ | 2,1 | 1,6 | 2,0 |
| МАҲАЛИ ИСТИҚОМАТ | Шаҳр | 19,5 | 33,5 | 21,6 |
| | Деҳа | 80,5 | 66,5 | 78,4 |
| СИННУ СОЛ | 15-19 | 5,6 | 8,3 | 6,0 |
| | 20-24 | 23,8 | 1,6 | 20,6 |
| | 25-29 | 18,8 | 8,3 | 17,3 |
| | 30-34 | 19,1 | 16,7 | 18,7 |
| | 35-39 | 8,7 | 16,2 | 9,8 |
| | 40-44 | 9,1 | 8,3 | 9,0 |
| | 45-49 | 3,9 | 32,3 | 8,0 |
| | 50-54 | 1,4 | 8,2 | 2,4 |
| | 55-59 | 9,6 | 0,0 | 8,2 |
| | 60-64 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | 65-69 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | 70-75 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Сатҳи таҳсилот | Олии касбӣ -магистратура | 4,1 | 9,8 | 5,0 |
| | Олии касбӣ - бакалавр | 3,2 | 0,0 | 2,7 |
| | Ибтидоии касбӣ | 4,7 | 0,0 | 4,0 |
| | Миёнаи (пурра) умумӣ | 73,4 | 83,1 | 74,9 |
| | Миёнаи асосӣ | 9,4 | 0,0 | 8,0 |
| | Миёнаи асосӣ надоранд | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Ҳамагӣ | | 100.0 | 100.0 | 100.0 |

Аз ҷадвали овардашуда, дидан мумкин, ки таносуби шахсони дар шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ қарор дошта, бештар ба маҳалҳои шаҳрӣ (78,4 фоиз) рост меояд. Дар навбати худ, ба монанди ҳолати бекорӣ, таносуби бештари мардони шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ дошта, дар машғулини маҳали деҳот мушоҳида карда шудааст (80,5 фоиз). Дар байни занон ин нишондиҳанда 66,5 фоизро ташкил додааст. Дар баробари ин вазъият ба тарафи муқобил тағйир меёбад, агар сухан дар бораи маҳали шаҳрӣ равад, ки нишондиҳандаи мазкур дар байни мардҳо қариб ду баробар нисбат ба занон пасттар мебошад (мутаносибан 19,5 фоиз ва 33,5 фоиз).

Таҳлили гурӯҳҳои синнусолӣ манзараи зеринро нишон медиҳад. Сатҳи аз ҳама баланди шахсоне, ки дар шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ қарор доранд дар лаҳзаи гузаронидани таҳқиқот дар миёни аҳолии синни 30-75 сола (56,1

фоиз) ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон ин нишондиҳанда дар байни ҷавонони синни 15-29 сола низ нисбатан баланд боқӣ мондааст (43,9 фоиз). Вазъияти мазкур далели он омилҳоеро тасдиқ менамояд, новобаста аз пастравии сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон дар давраи солҳои 2009 то 2016, вазъи аҳолӣ дар байни ин гурӯҳи аҳолӣ бояд дар зери таваҷҷуҳи махсуси доимии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ монад.

Ҳамчунин зарур аст, ки ба ҳиссаи занони дар маҳали деҳот дар шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ дар синни 30-75 сола қарор дошта, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан лозим, зеро таносуби занон нисбат ба мардон хеле баланд буд (мутаносибан 81,8 фоиз ва 51,8 фоиз).

Ҳолати ба ҳамин монандро дар сохтори шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ дар сатҳи маълумотнокӣ дидан мумкин аст, ки нуқтаи баландтарини шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ ба занҳои дорои сатҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ (83,1 фоиз) рост омадааст. Дар ҳолате, ки танҳо як нишондиҳанда дар байни занон нисбат ба занон пасттар буд – ин ҳиссаи занони дорои таҳсилоти касбӣ-техникӣ дошта (мутаносибан 7,2 фоиз ва 9,8 фоиз).

## 7.5. Қувваҳои кории эҳтимолӣ

Мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ, ба қувваҳои кории эҳтимолӣ шахсони синни қобили меҳнат дохил мешаванд, ки дар давоми ҳафтаи тадқиқот на машғул буданд ва на бекор, вале дар баробари ин:

(а) ягон амал барои ҷустуҷӯи кор анҷом додаанд, вале дар баробари ин «омода набуданд, ки ҳатман ба кор шурӯъ кунанд», вале имконият доранд, ки дар як муддати давраи кутоҳи оянда ба он шурӯъ кунад, вобаста бо назардошти вазъи муқарраршудаи миллӣ (яъне шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор ҳастант, вале барои шурӯъ кардан омода нестанд);

(б) ё ин ки «дар ҷустуҷӯи кор ягон амалро анҷом надодаанд», вале кор кардан мехоҳанд ва ё омода ҳастанд ба кор машғул шаванд», (яъне шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор нестанд, вале омода ҳастанд ба кор шурӯъ кунанд). Ба сифати мисол чунин шахсонро, алоҳида ба зергурӯҳи алоҳидаи муҳим ҷудо кардан лозим, ба монанди шахсоне, ки аз пайдо кардани кор руҳафтода шудааст бо сабабҳои гуногуне, ки ба вазъи бозори меҳнат алоқаманд аст.

Мувофиқи муайянкунии мазкур, дар байни аҳолии ба ҳайати қувваҳои корӣ дохилнашуда, шахсоне ҳастанд, ки дараҷаҳои гуногуни алоқамандӣ ба бозори меҳнат доранд. Ба ҳамин гурӯҳи аҳолӣ қувваҳои кори эҳтимолӣ дохил мешаванд.

Мувофиқи маълумотҳои ТҚК – 2016, аз шумораи шахсони ба ҳайати қувваҳои корӣ дохилнашуда (2932076 нафар), дар лаҳзаи тадқиқот қувваҳои кории эҳтимолӣ 94985 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 83121 нафар, шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи кор буданд вале омода набуданд барои шурӯъи кор, ва 11864 нафар шахсоне, ки ба ҷустуҷӯи кор машғул набуданд вале омода буданд ба кор шурӯъ намоянд аз он ҷумла аз пайдо накардани кор руҳафтода шудагон.

Мувофиқи баҳодиҳии ТҚК – 2016, ба монанди шуғли нопурраи корӣ вобаста аз давомнокии вақти корӣ шумораи аҳолӣ дар ҳайати қувваҳои кории эҳтимолӣ дар маҳалҳои деҳот (71224 нафар), нисбат ба аҳолии шаҳр (23761 нафар) зиёдтар буд. Ин нишондиҳандаи бо фоиз нишон додашуда дар қувваҳои эҳтимолии корӣ тааллуқ дорад (1,8 фоиз дар деҳот ва 1,6 фоиз дар маҳалҳои шаҳрӣ).

Маълумотҳои дар ҷадвали 22 овардашуда нишон медиҳад, ки дар нишондиҳандаи мутлақи шумораи аҳолӣ дар ҳайати қувваҳои кори эҳтимолӣ дар маҳалҳои деҳот (75 фоиз) нисбат ба маҳалҳои шаҳр баландтар буд. Ба ҳамин монанд вазъият дар нишондиҳандаи вақти кории нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ низ дар мардон зиёдтар (81 фоиз), нисбат ба занон (67,5 фоиз) вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 22: Қувваҳои кории эҳтимолӣ аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои синну солӣ ва таҳсилоти гирифташуда, ТҚК - 2016**

| | Мардҳо | Занҳо | шаҳр | деҳа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар ҷумҳурӣ** | **50572** | **44413** | **23761** | **71224** | **94985** |
| Душанбе | 3288 | 2216 | 5504 | 0 | 5504 |
| Суғд | 3865 | 5018 | 4341 | 4542 | 8883 |
| Хатлон | 8805 | 9401 | 6983 | 11223 | 18206 |
| НТҶ | 30410 | 22607 | 4938 | 48078 | 53017 |
| ВМКБ | 4203 | 5171 | 1994 | 7380 | 9374 |
| 15-19 | 15507 | 6372 | 4222 | 17657 | 21879 |
| 20-24 | 8508 | 8279 | 4126 | 12662 | 16788 |
| 25-29 | 6169 | 5199 | 2536 | 8832 | 11368 |
| 30-34 | 4074 | 3942 | 2870 | 5146 | 8016 |
| 35-39 | 2324 | 5853 | 2090 | 6086 | 8177 |
| 40-44 | 2023 | 4819 | 2394 | 4448 | 6842 |
| 45-49 | 3816 | 5122 | 3130 | 5808 | 8938 |
| 50-54 | 5543 | 3261 | 1240 | 7563 | 8804 |
| 55-59 | 1600 | 1085 | 614 | 2071 | 2685 |
| 60-64 | 470 | 414 | 0 | 885 | 885 |
| 65-69 | 537 | 67 | 537 | 67 | 605 |
| 70-75 | - | - | - | - | - |
| Таҳсилоти олии касбӣ *(магистратура)* | 2537 | 2063 | 2665 | 1935 | 4600 |
| Олӣ – бакалавр | 520 | 0 | 459 | 61 | 520 |
| Миёнаи касбӣ | 4454 | 1502 | 1680 | 4276 | 5956 |
| Ибтидоӣ касбӣ | 3934 | 329 | 588 | 3675 | 4263 |
| Миёнаи умумӣ (пурра) | 23915 | 27126 | 14204 | 36838 | 51041 |
| Умумии асосӣ | 10177 | 12420 | 4165 | 18432 | 22597 |
| Умумии асосӣ надорад | 5035 | 973 | 0 | 6008 | 6008 |

**Ҷадвали 22.1: Қувваҳои кории эҳтимолӣ аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои синну солӣ ва таҳсилоти гирифташуда, ТҚК - 2016 (бо %)**

| | Мардҳо | Занҳо | шаҳр | деҳа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар ҷумҳурӣ** | **53,2** | **46,8** | **25,0** | **75,0** | **100,0** |
| Душанбе | 59,7 | 40,3 | 100,0 | 0,0 | 100,0 |
| Суғд | 43,5 | 56,5 | 48,9 | 51,1 | 100,0 |
| Хатлон | 48,4 | 51,6 | 38,4 | 61,6 | 100,0 |
| НТҶ | 57,4 | 42,6 | 9,3 | 90,7 | 100,0 |
| ВМКБ | 44,8 | 55,2 | 21,3 | 78,7 | 100,0 |
| 15-19 | 70,9 | 29,1 | 19,3 | 80,7 | 100,0 |
| 20-24 | 50,7 | 49,3 | 24,6 | 75,4 | 100,0 |
| 25-29 | 54,3 | 45,7 | 22,3 | 77,7 | 100,0 |
| 30-34 | 50,8 | 49,2 | 35,8 | 64,2 | 100,0 |
| 35-39 | 28,4 | 71,6 | 25,6 | 74,4 | 100,0 |
| 40-44 | 29,6 | 70,4 | 35,0 | 65,0 | 100,0 |
| 45-49 | 42,7 | 57,3 | 35,0 | 65,0 | 100,0 |
| 50-54 | 63,0 | 37,0 | 14,1 | 85,9 | 100,0 |
| 55-59 | 59,6 | 40,4 | 22,9 | 77,1 | 100,0 |
| 60-64 | 53,1 | 46,8 | 0,0 | 100,0 | 100,0 |
| 65-69 | 88,8 | 11,1 | 88,8 | 11,1 | 100,0 |
| 70-75 | - | - | - | - | - |
| Таҳсилоти олии касбӣ *(магистратура)* | 55,2 | 44,8 | 57,9 | 42,1 | 100,0 |
| Олӣ – бакалавр | 100,0 | 0,0 | 88,3 | 11,7 | 100,0 |
| Миёнаи касбӣ | 74,8 | 25,2 | 28,2 | 71,8 | 100,0 |
| Ибтидоӣ касбӣ | 92,3 | 7,7 | 13,8 | 86,2 | 100,0 |
| Миёнаи умумӣ (пурра) | 46,9 | 53,1 | 27,8 | 72,2 | 100,0 |
| Умумии асосӣ | 45,0 | 55,0 | 18,4 | 81,6 | 100,0 |
| Умумии асосӣ надорад | 83,8 | 16,2 | 0,0 | 100,0 | 100,0 |

Хоса, ки вазъият вобаста ба мутақобилан дар ҳолатҳои аҳолии шаҳр, ки ҳиссаи занон қариб ду баробар (32,5 фоиз) нисбат ба мардон (19 фоиз) зиёдтар мебошад. Аниқ чунин вазъият дар ҳолати шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ мушоҳида шудааст.

**Ҷадвали 22.2: Қувваҳои кории эҳтимолӣ аз рӯи ҷинс, гурӯҳҳои синну солӣ ва таҳсилоти гирифташуда, ТҚК - 2016 (бо %)**

| | Мардҳо | Занҳо | шаҳр | деҳа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар ҷумҳурӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| Душанбе | 6,5 | 5,0 | 23,2 | 0,0 | 5,8 |
| Суғд | 7,6 | 11,3 | 18,3 | 6,4 | 9,4 |
| Хатлон | 17,4 | 21,2 | 29,4 | 15,8 | 19,2 |
| НТҶ | 60,1 | 50,9 | 20,8 | 67,5 | 55,8 |
| ВМКБ | 8,3 | 11,6 | 8,4 | 10,4 | 9,9 |
| 15-19 | 30,7 | 14,3 | 17,8 | 24,8 | 23,0 |
| 20-24 | 16,8 | 18,6 | 17,4 | 17,8 | 17,7 |
| 25-29 | 12,2 | 11,7 | 10,7 | 12,4 | 12,0 |
| 30-34 | 8,1 | 8,9 | 12,1 | 7,2 | 8,4 |
| 35-39 | 4,6 | 13,2 | 8,8 | 8,5 | 8,6 |
| 40-44 | 4,0 | 10,9 | 10,1 | 6,2 | 7,2 |
| 45-49 | 7,5 | 11,5 | 13,2 | 8,2 | 9,4 |
| 50-54 | 11,0 | 7,3 | 5,2 | 10,6 | 9,3 |
| 55-59 | 3,2 | 2,4 | 2,6 | 2,9 | 2,8 |
| 60-64 | 0,9 | 0,9 | 0,0 | 1,2 | 0,9 |
| 65-69 | 1,1 | 0,2 | 2,3 | 0,1 | 0,6 |
| 70-75 | - | - | - | - | - |
| Таҳсилоти олии касбӣ *(магистратура)* | 5,0 | 4,6 | 11,2 | 2,7 | 4,8 |
| Олӣ – бакалавр | 1,0 | 0,0 | 1,9 | 0,1 | 0,5 |
| Миёнаи касбӣ | 8,8 | 3,4 | 7,1 | 6,0 | 6,3 |
| Ибтидоӣ касбӣ | 7,8 | 0,7 | 2,5 | 5,2 | 4,5 |
| Миёнаи умумӣ (пурра) | 47,3 | 61,1 | 59,8 | 51,7 | 53,7 |
| Умумии асосӣ | 20,1 | 28,0 | 17,5 | 25,9 | 23,8 |
| Умумии асосӣ надорад | 10,0 | 2,2 | 0,0 | 8,4 | 6,3 |

Таҳлили гурӯҳҳои синну соли нишон медиҳад, ки дар фарқият бо шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ, ҳиссаи шахсони синни 15-29 сола, яъне ҷавонон, дар байни ҳайати аҳолии қувваҳои кории эҳтимолӣ нисбат ба ҳиссаи аҳолии дар синни 30-75 сола буда, баландтар мебошад (мутаносибан 52,7 фоиз ва 47,3 фоиз). Вазъияти мазкур боз як далели он мебошад, ки ҷавонон дар Тоҷикистон дар вазъияти нисбатан мураккаб аз нуқтаи назари истифодаи қудрати онҳо дар бозори меҳнати мамлакат мебошад.

Аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ бинем, пас дар байни аҳолии дар ҳайати қувваҳои кории эҳтимолӣ қарор дошта нуқтаи аз ҳама баландтар ба шахсони маълумоти миёнаи умумӣ (пурра) (57 фоиз), аз он ҷумла занон 61,1 фоиз, ва мардон 47,3 фоиз

тааллуқ дорад. Баъди ин гурӯҳи аҳолӣ шахсони дорои маълумоти миёнаи умумӣ

**Ҷадвали 23: Нишондиҳандаи якҷояи қувваҳои кори истифоданашуда, ТҚК-2016**

(23,8 фоиз) ва шахсони дорои маълумоти касбӣ-техникӣ (11,1 фоиз) қарор доранд.

Аз нуқтаи назари шавқмандии зиёд он омил нишон дод, ки таҳлили ҳайати қувваҳои кории эҳтимолӣ нишондиҳандаи аз ҳама пасттарин дар байни шахсони маълумоти олии касбӣ дошта (5,3 фоиз), яъне ҳиссаи мардон дар байни ин категорияи аҳолӣ 36,4 фоизро ташкил додаст дар муқобили 0,7 фоизи ҳиссаи занон.

Шахсони дорои маълумоти миёнаи ибтидоӣ низ ҳиссаи нисбатан паст дар байни ҳайати қувваҳои кории эҳтимолӣ доранд.

## 7.6. Нишондиҳандаи маҷмӯии қувваҳои кории истифоданашуда

Қувваҳои кории эҳтимолӣ бо нишондиҳандаи вақти кори нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ ва бекорӣ дар худ омилҳои гуногуни қувваҳои кори истифоданашударо инъикос менамояд.
Стандартҳои байналмиллалӣ тавсия медиҳанд, ки барои мониториги арзёбии вазъи бозори меҳнат зиёда аз як нишондиҳандаи қувваҳои кории истифоданашударо истифода кардан лозим. Сатҳи бекорӣ (дар стандартҳои байналмилалӣ ном бурда мешавад LU1) аз ҳама ченаки маҳдуди қувваҳои кории истифоданашуда мебошад. Аз ҳама ченаки васеъ истифодашаванда аз рӯи тавсияҳои стандартҳои байналмилалӣ ин нишондиҳандаи маҷмӯии қувваҳои кории истифоданашуда мебошад (LU4), ки ҷамъи нишондиҳандаҳои шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ, бекорӣ ва қувваҳои кори эҳтимолиро, бо фоиз нисбат ба нишондиҳандаи васеъкардашудаи қувваҳои (ҷамъи қувваҳои корӣ ва қувваҳои кории эҳтимолӣ).

Мувофиқи маълумотҳои Ҷадвали 23, дар лаҳзаи тадқиқот, нишондиҳандаи маҷмӯи нокифоя истифода бурдани қувваҳои корӣ (LU4) қариб ду баробар нисбат ба сатҳи бекорӣ 12,7 фоиз нисбат дар муқобили 6,9 фоиз зиёд буд. Ғайр аз он, ба монанди нишондиҳандаи бекорӣ, сатҳи баландтарини LU4 дар байни ҷавонони синни 15-29 сола (20,5%) мушоҳида шудааст.

Дар байни аҳолии шаҳр ин нишондиҳанда 16,4 фоиз ва дар байни аҳолии деҳот 11,4 фоизро ташкил дод. Дар робита бо тавозуни гендерӣ, сатҳи умумии нокифоя истифода кардани қувваҳои корӣ дар байни мардон (13,8 фоиз) нисбат ба занҳо (11 фоиз) баландтар буд.

Аз рӯи нишондиҳандаи сатҳи маълумотнокӣ нишондиҳандаи аз ҳама баландтарини нокия истифода кардани қувваҳои корӣ дар аҳолии дорои таҳсилоти ибтидоӣ (15,6%) мушоҳида карда шуд, ки баъд аз он дорои маълумоти миёнаи асосӣ (14,4%) ва дрои таҳсилоти миёнаи умумӣ (13,8% ) қарор доштанд. Дар беҳтарин ҷойи одамоне, ки таҳсилоти олӣ ва касбӣ доштанд, дар байни онҳо нишондиҳандаи пасттарин буд (8,2 фоиз ва 10 фоиз). Шахсони дорои маълумоти олии касбӣ ва касбӣ-техникӣ дар вазъи нисбатан беҳтар қарор доштанд, ки ин нишондиҳанда аз ҳама паст мутаносибан 8,2 фоиз ва 10 фоизро ташкил дод.

| | Мардон | Занон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **ҲАМАГӢ** | **13,8** | **11,0** | **12,7** |
| Душанбе | 15,5 | 14,1 | 15,0 |
| Суғд | 7,0 | 8,0 | 7,5 |
| Хатлон | 11,7 | 5,6 | 9,2 |
| НТҶ | 24,2 | 23,9 | 24,1 |
| ВМКБ | 37,3 | 43,6 | 39,8 |
| шаҳр | 16,1 | 17,0 | 16,4 |
| деҳа | 12,9 | 9,2 | 11,4 |
| 15-19 | 30,5 | 16,2 | 24,4 |
| 20-24 | 25,7 | 17,6 | 22,3 |
| 25-29 | 16,0 | 12,7 | 14,8 |
| 30-34 | 14,2 | 9,1 | 12,3 |
| 35-39 | 11,2 | 12,5 | 11,8 |
| 40-44 | 8,9 | 8,6 | 8,7 |
| 45-49 | 8,1 | 10,1 | 9,0 |
| 50-54 | 9,8 | 7,7 | 8,9 |
| 55-59 | 7,8 | 8,0 | 7,9 |
| 60-64 | 7,3 | 2,2 | 5,9 |
| 65-69 | 4,2 | 0,8 | 3,2 |
| Баъди маълумоти олӣ (аспирантура, ординатура) | 0,0 | 29,7 | 5,0 |
| Олӣ - магистратура | 8,7 | 10,9 | 9,2 |
| Миёнаи касбӣ | 10,2 | 6,9 | 9,0 |
| Олӣ - бакалавр | 9,4 | 12,5 | 10,4 |
| Ибтидоии касбӣ | 12,7 | 2,6 | 10,9 |
| Миёнаи умумӣ | 15,4 | 11,9 | 13,8 |
| Миёнаи асосӣ | 17,9 | 11,1 | 14,4 |

* * *

## ҚИСМИ 8. ҚУВВАИ КОРИИ ҶАВОНОН

Резолютсияи ТБМ дар бораи шуғли ҷавонон, ки дар Конфронси байналмилалии оморчиёни меҳнат (86-умин сессияи КБМ соли 1998), дар қисмати муқаддимавӣ овардаанд, ки «дар бисёри кишварҳо ҷавонон, асосан дар синни аз 15 сола то 24 сола барои пайдо кардани кор дар бозори меҳнат мушкилӣ доранд ва ин ҳолат таҳдид ба ҷаҳони иҷтимоӣ, ҳамчунин монеаҳоро барои рушди шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ ба вуҷуд меорад».[14] ТҚК - 2016 дар Тоҷикистон имконият медиҳад, ки сатҳи иштироки ҷавононро дар бозори меҳнат, ҳам дар синну соли 15-29 сола ва ҳам дар синни 15-24 сола, ки ТБМ тавсия медиҳад барои ҳисоб кардани таносуби фоизии шумораи ҷавононе, ки аз системаи маориф ва ҳам аз шуғл дар Тоҷикистон берун мондаанд, нисбат ба шумораи ҷавонони ҳамин синнусол. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ин гурӯҳи аҳолиро ҳамчун индикатори NEET[15] ишора менамоянд.

Аҳолии ҷавон як қисми ҳаётан муҳими захираи инсонии миллатро ташкил медиҳад ва иқтидори онро аз нуқтаи назари пешниҳоди қувваҳои корӣ муайян менамояд. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷавонон гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд, ки лоиқи таваҷҷуҳ мебошанд ва аз рӯи қоида аз худашон нисбатан бо овози баланд изҳор менамоянд ва нисбатан гурӯҳи фаъол ва дар бисёр ҳаракатҳои гуногун, чорабиниҳо ва оғози ягон чорабиниҳо сафарбар карда мешаванд. Бисёр ҳам муҳим мебошад, ки ба ин гурӯҳ имконият диҳем то ин ки ба намудҳои гуногуни фаъолиятҳои меҳнатӣ сафарбар шуда бошанд.

### 8.1. Бекорӣ дар байни ҷавонон ва қувваҳои кории истифоданашуда[16]

Мувофиқи маълумотҳои ТҚК-2016, ки дар ҷадвали 24 оварда шудааст, дар лаҳзаи таҳқиқот дар Тоҷикистон 76671 нафар бекорон аз ҳисоби ҷавонони синни 15-29 сола ба ҳисоб гирифта шуд. Ғайр аз ин, 15354 нафар ҷавонон дар шароити шуғли нопурра вобаста ба давомнокии вақти корӣ ва боз 50034 нафар ҷавонон ба қатори қувваҳои кории эҳтимолӣ дохил шуданд. Нишондиҳандаи якҷояи қувваҳои кори истифоданашуда дар миёни ҷавонони синни 15-29 сола 20,5 фоизро ташкил додааст – ин маънои онро дорад, ки ҳар як панҷ нафар ҷавон иқтидори худро дар қувваҳои корӣ истифода бурда тавонад.

---

[14] ILO Resolution concerning youth employment, 86th International Labour Conference, Geneva, 1998.
[15] «Not in Education, Employment, or Training».
[16] Частичноадаптированоиз: Labour Force Survey 2014: Brunei Darussalam. Department of Economic Planning and Development, Prime Minister's Office, Brunei Darussalam, 2016.

Дар баробари ин таваҷҷуҳи махсус ба он зоҳир кардан лозим, ки мувофиқи баҳодиҳии ТҚК-2016, дараҷаи умумии бекорӣ дар байни ҷавонон дар муқоиса нисбат ба натиҷаҳои ТҚК-2009 камшавии нисбатан баланди дараҷаи бекорӣ аз 15,5 фоизи ТҚК-2009 дар муқобили 10,6 фоизи ТҚК-2016 нишон дод. Вале таносуби дараҷаи бекорӣ дар байни ҷавонон ва дараҷаи умумии бекорӣ нисбатан фарқияти камро дар байни ТҚК-2009 (4,0 фоиз) ва ТҚК-2016 (3,7 фоиз) нишон дод.

**Ҷадвали 24. Қувваҳои кории истифоданашудаи ҷавонон, 2016**

| Ҷавонон (15-29 сола) | Нафар | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии ҷавонон | 2301215 | 1124206 | 1177010 |
| Қувваҳои корӣ | 728684 | 463419 | 341936 |
| Машғул | 652013 | 386748 | 265265 |
| Бекорон | 76671 | 53303 | 23368 |
| Қувваҳои кори истифоданашуда | 1507143 | 639546 | 867597 |
| Қувваҳои кории эҳтимолӣ | 50034 | 30184 | 19850 |
| Шуғли нопурра вобаста аз давомнокии вақти корӣ | 15354 | 14424 | 930 |

Ҳисоби таносуби байни ин ду дараҷаи бекорӣ то андозае самаранокии гуногунро дар фарогирӣ ва муайян кардани фарқиятҳои ТҚК-2009 ва ТҚК-2016 тасҳеҳ менамояд. Аз рӯи натиҷаи он, мумкин аст хулоса намоем, ки новобаста аз беҳтаршавии мусбии вазъи ҷавонон дар бозори меҳнати Тоҷикистон, ин гурӯҳи аҳолӣ нисбатан дараҷаи баланди назаррасӣ бекорӣ давом дорад ва дар давоми солҳои 2009-2016 метавонист нисбатан муқовимати бекорӣ бадтар гардад.

Таҳлили дараҷаи бекорӣ дар байни ҷавонон дар сатҳи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар бисёри кишварҳо дараҷаи бекорӣ дар байни ҷавонон нисбат ба дараҷаи умумимиллӣ дар бисёр ҳолатҳо ду-се баробар баландтар мебошад[17]. Дар Тоҷикистон дар лаҳзаи гузаронидани ТҚК-2016 ин нишондиҳанда якуним баробар аз сатҳи умумимиллӣ баландтар буд. Новобаста аз ин ба ин натиҷаҳо нисбатан бо эҳтиёт бояд рафтор намоем, зеро танҳо мунтазам гузаронидани чунин таҳқиқотҳои қувваҳои корӣ (семоҳа ва ё солона) метавонад устувор будани тамоюли мазкурро тасдиқ намояд.

Ҳамчунин дар хотир бояд дошт, ки ҷавонон нисбатан тезтар дар ҷустуҷӯи ҷойи кор ва надоштани имконияти пайдо кардани кор, нисбат ба дигар гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ ноумед ва руҳафтода мешаванд.

[17]ILO, *Key Indicators of the Labour Market 1999*.Table 8b.*ILO-comparable unemployment rates, Geneva, 1999*, pp. 220-230

## 8.2. Номувофиқии дараҷаи маълумоти гирифташуда ва дараҷаи тахассусии ҷавонон[18]

Дар байни маориф ва бозори меҳнат алоқаи дутарафа вуҷуд дорад. Системаи маориф қувваҳои кории баландихтиссосро барои бозори меҳнати мамлакат тайёр менамояд, дар ҳоле, ки бозори меҳнат дар асоси сохтори музди меҳнат аз рӯи касбу ихтиссос – ба он ишорат менамояд  дар бораи зарурияти аз рӯи намуд ва сатҳи тахассус, ки бояд системаи маориф барои бозори меҳнат омода намояд.

Номувофиқатии маълумоти гирифташуда ва кори анҷомдодаи ҷавонон ба ҳолате оварда мерасонад, ки сатҳи маълумотнокии шахси корманд аз малакаи дархостӣ, ки барои анҷом додани кори мазкур болотар меистад. Ин вазъият маънои онро дорад, ки сармояи сарфшуда барои таҳсилот ва тайёрии касбии ҳамин гуна кормандон, аз натиҷаи беҳтари интизорӣ ва ё ҳатто метавон чунин баҳо дод, ки сармояи сарфшуда барои таҳсилот беҳуда сарф карда шудааст.

Барои ченкунии номувофиқии сатҳи маълумоти гирифташуда ва тахассусҳои мавҷудбуда нишондиҳандаҳои гуногун истифода карда мешавад. Дар асоси консепсияи муайянкунии меҳнати истифоданашуда, ки аз тарафи Филлип Хаузер дар соли 1970[19] таҳия гардидааст, шумораи солҳои пурраи хатмкардашуда ба инобар гирифта мешавад. Мувофиқи ин консепсия, чунин номувофиқатӣ дар ҳолате руй медиҳад, ки агар давомнокии таҳсилоти корманд аз дараҷаи якуми стандартӣ тамоил дар шумораи солҳои хатмкардаи таҳсил байни кормандон ва ин гурӯҳи касбу ихтиссос вуҷуд дошта бошад.

Усули дигар аз рӯи хулосаи коршиносон – ҷаласаи коршиносон муайян менамояд, ки намуди кори анҷомдодашуда аз тарафи шахси машғул то кадом андоза ба сатҳи маълумотнокиаш мувофиқат менамояд.

Усули оддии ченкунии номувофиқии сатҳи таҳсилоти гирифташуда ва доштани касбу ихтиссос дар муқоисакунӣ нисбат ба сатҳи таҳсилот ба гурӯҳи касбии шахси машғул ба ҷойи кори асосии он ба ҳисоб меравад[20]. Ҳамин тарз, номувофиқии сатҳи тайёрӣ ба монанди ҳолате, ки сатҳи таҳсилоти гирифтаи корманд, аз сатҳи маълумотнокиаш нисбат ба коре, ки дар ҷойи кори асосиаш анҷом медиҳад баландтар мебошад.

---

[18]Ситуация, в которой приобретенные работником в ходе профессиональной подготовки навыки не совпадают с навыками/уровнем квалификации, необходимыми для выполнения трудовых обязанностей на данном рабочем месте.

[19] Sullivan, Teresa, A., and Hauser, Philip, M., *The Labor Utilization Framework: Assumptions, Data, and Policy Implications*, in Counting the Labor  Force, National Commission on Employment and Unemployment Statistics, Appendix Vol. I, Concepts and Data Needs, US Government Printing Office, Washington, D.C., 1977.

[20] ILO, *Youth Labour Market Analysis. A Training Package on Youth Labour Market Information, 2013*, pp. 90-91. Следует отметить, что такой подход к определению несоответствия образования и квалификации не учитывает обучение на рабочем месте и приобретение навыков после окончания основного обучения..

Дар матрисаи дар ҷадвали 25 овардашуда, ки дар асоси Таснифоти байналмиллалии стандартии шуғл 2008, бо таври схематики номувофиқии сатҳи маълумоти гирифташуда нисбат ба касбу ихтиссос дар байни аҳолии машғули Тоҷикистон дар синни 15-29 сола, ки ин номувофиқтӣ бо ранги хокистарранг ишора карда шудааст.

Таҳлили маълумотҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии ҷавонони машғул 382573 нафар, сатҳи маълумотнокиашон бо сатҳи тахассусиашон, ки дар ҷойи корашон анҷом медиҳанд мувофиқат намекунад, аз онҳо:

- 319500 нафар дорои маълумоти миёна ва ё донишгоҳи дар касбу ихтиссосҳое машғул буданд, ки ягон хел касуб ихтиссос талаб карда намешавад (гурӯҳи МСКЗ-2008 рақами 9);
- 21140 нафар дорои маълумоти техникӣ ва миёнаи касбӣ буданд, ки дар касбу ихтиссосҳои пасттар машғул буданд (гурӯҳи МСКЗ-2008 а 4 то 9);
- 41933 нафар дорои маълумоти олӣ ва баландтар буданд, ки дар касбу ихтиссосҳои техникӣ ва ё касбу ихтиссосҳои тахассусҳои пасттар машғул буданд (гурӯҳи МСКЗ аз 3 то 9).

Дар нишондиҳандаҳои нисбӣ ҳиссаи ҷавонони машғул, ки сатҳи маълумотнокиашон бо тахассусашон мувофиқат намекунад 58,7 фоизро ташкил додаст. Дар байни аҳолии синни 30-75 сола ин нишондиҳанда нисбатан пасттар буда 50,2 фоизро ташкил медиҳад, ки вазъи нисбатан беҳтари ин гурӯҳи аҳолиро дар бозори меҳнати Тоҷикистон нишон медиҳад.

**Ҷадвали 25. Номувофиқии байни сатҳи маълумотнокии ҷавонони синни 15-29 сола ва машғулиятҳо (касбу ихтиссос), ТҚК -2016 сол.**

| Машғулиятҳо (касбу ихтиссос)[21] | Сатҳи маълумоти гирифташуда | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ибтидоӣ | Миёна | Касбӣ-техникӣ | Олӣ |
| | Сатҳи Таснифоти байналмиллалии машғулиятҳо 2008 с. | | | |
| | 1-ум | 2-ум | 3-ум | 4-ум |
| 1 Роҳбарон | - | 5090 | 432 | 1588 |
| 2 Мутахассисон - баландихтиссос | - | 10569 | 11956 | 50141 |
| 3 Мутахассис – техникҳо ва дигар кормандони миёнаи махсус | - | 8619 | 10454 | 5713 |
| 4 Хизматчиён | - | 3600 | 1063 | 5020 |
| 5 Кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва савдо | 1735 | 44345 | 3936 | 9959 |
| 6 Кормандони баландихтисоси соҳаҳои моҳипарварӣ, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 425 | 10702 | 423 | 867 |
| 7 Кормандони баландихтисоси саноат ва кормандони ба ҳамин намуди машғулиятҳо монанд | 2191 | 58064 | 2643 | 2083 |
| 8 Операторҳо, васлгарони дастгоҳҳо ва машинаҳои саноатӣ | 802 | 25325 | 5339 | 5114 |
| 9 Кормандони беихтиссос | 20894 | 319500 | 7736 | 13177 |

[21] При проведении ОРС-2016, Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан использовало непосредственно МСКЗ-2008.

### 8.3. Ҷавононе, ки таҳсил ва кор намекунанд

Таҳлили пурра ва маҷмӯии вазъи бозори меҳнати ҷавонон барои таҳияи сиёсат дар самти шуғли ҷавонон аҳамияти бисёрҳам муҳим ва зарурриро дорад. Мувофиқи маълумотҳои дар ҷадвали 26, овардашуда, аз шумораи умумии ҷавонон (2301215 нафар), 737839 нафар ҷавонон таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (мактаб, гимназия, литсей ва ғ.), дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касби (коллеҷҳо ва литсейҳои касбӣ-техникӣ), ҳамчунин дар муассисаҳои олии касбӣ (донишгоҳ, донишкада, академия ва ғ.), аз ҷумла дар аспирантура, ординатура ва адъюнктура мегузаранд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки 652013 нафар ҷавонон дар давоми ҳафтаи таҳқиқот машғули кор буданд, ки аз онҳо 6505 нафарашон дар як вақт ҳам шуғл доштанд ва ҳамчунин таҳсил ва аз тайёрии касбӣ-техникӣ мегузаштанд. 250639 нафар ҷавонон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд. Шумораи ҷавононе, ки ба ягон фаъолияти меҳнатӣ машғул набуданд ва ё аз таҳсил ва ё тайёрии касбӣ-техникиро намегузаранд 690724 нафарро ташкил додаст, ки сатҳи нишондиҳандаи NEET ба 30 фоизи шумораи умумии ҷавононро ташкил додаст. Дар баробари ин ҳиссаи мардон дар байни ҷавонони синни 15-29 сола ҳамагӣ 5,8 фоизро ташкил дод, ва ҳиссаи занон дар байни занҳои ҳамин синну сол 53,1 фоизро ташкил додаанд. Ҳамин тавр хулоса кардан мумкин, ки иқтидори аҳолии ҷавони ҷинси мард дар Тоҷикистон 94,2 фоиз истифода карда мшавад, ва аммо аҳолии ҷавони ҷинси зан ҳамагӣ 46,9 фоиз истифода карда мешавад.

**Ҷадвали 26. Ҷавонони синни 15-29 сола: сохтори шуғл ва қувваҳои кори истифоданашуда аз рӯи ҷинс,** ТҚК-2016

| Гурӯҳҳо | Ҳамагӣ | Мардон | | Занон | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Нафар | Фоиз | Нафар | Фоиз |
| **Ҳамагӣ ҷавонон, нафар** | **2301215** | **1124206** | **48,9** | **1177010** | **51,1** |
| **Кор мекунанд, ҳамагӣ** | **902652** | **627656** | **69,5** | **274996** | **30,5** |
| Машғуланд | 652013 | 386748 | 59,3 | 265265 | 40,7 |
| Муҳоҷири меҳнатӣ | 250639 | 240908 | 96,1 | 9731 | 3,9 |
| **Таҳсил мекунанд ва ё аз тайёрии касбӣ-техникӣ мегузаранд, ҳамагӣ** | **707839** | **431184** | **60,9** | **276657** | **39,1** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (мактаб, гимназия, литсейҳо ва ғ.) | 410808 | 221267 | 53,9 | 189541 | 46,1 |
| Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (омузишгоҳҳо, коллеҷҳо, литсейҳои касбӣ ва ғ.) | 75722 | 41620 | 55,0 | 34103 | 45,0 |
| Дар муассисаҳои таҳсилоти олии | 205859 | 157914 | 76,7 | 47945 | 23,3 |

| Гурӯҳҳо | Ҳамагӣ | Мардон | | Занон | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Нафар | Фоиз | Нафар | Фоиз |
| касбӣ (донишгоҳҳо, донишкада, академия ва ғ.) | | | | | |
| Дар аспирантура (ординатура, адъюнктура) | 1811 | 1493 | 82,4 | 318 | 17,6 |
| Тайёрии касбӣ-техникии бемузд ва ё хонанда дар истеҳсолотро мегузаранд | 7561 | 4426 | 58,5 | 3135 | 41,5 |
| Таҷрибаомӯзиро дар истеҳсолот мегузарад | 6078 | 4464 | 73,4 | 1615 | 26,6 |
| **Кор ва таҳсил мекунанд** | **1610491** | **1058840** | **65,7** | **551653** | **34,3** |
| **Шумораи ҷавононе, ки к ор ва таҳсил намекунанд (нафар)** | **690724** | **65366** | **9,5** | **625357** | **90,5** |
| **Ҳиссаи шахсоне, ки к ор ва таҳсил намекунанд нисбат ба шумораи умумии ҷавоно (NEET), бо фоиз** | **30,0** | **5,8** | **x** | **53,1** | **x** |
| Бекорон | 76671 | 53303 | 69,5 | 23368 | 30,5 |
| Қувваҳои кории эҳтимолӣ | 50034 | 30184 | 60,3 | 19850 | 39,7 |

Муҳим аст, қайд намоем, ки нишондиҳандаи NEET нишондиҳандаи меҳнати арзандаи ТБМ мебошад ва барои нишондиҳандаҳои васеъи муайянкунии иқтидори иштироки ҷавонон дар бозори меҳнат, нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон[22] истифода мешавад.

### 8.4. Нишондиҳандаи NEET дар Тоҷикистон ва дар ҷаҳон: шарҳ ва таҳлил

Чи тавре дар оғози Қисми 8 қайд гардида буд, NEET дар акронимом аз «Not in Employment, Education or Training» – ин мафҳум, дар тарҷумаи таҳтулафзи маънои шахсонеро дорад, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, таҳсил намекунанд ва ё аз таҳсилоти касбӣ-техникӣ намегузаранд. Аммо ҳангоме, ки ин нишондиҳанда барои таҳлили бозори меҳнат ва ё сатҳи истифодаи қувваҳои кории ҷавонон истифода мешавад, NEET маънои вазни қиёсии шахсони дар байни ҷавонон, ки машғул нестанд, намехонанд ва аз тайёрии касбӣ-техникиро намегузаранд нисбат ба шумораи умумии ҷавонон (бо фоиз).

Ҳамчунин ба он далел диққат кардан лозим, ки ин нишондиҳанда аслан дар адабиёти муосири ватанӣ, ки ба таҳқиқотҳо оид ба шуғли ҷавонон бахшида шудааст вонамехурад.

